**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ВБД: 37.018+355.23(575.3)**
**ТКБ: 68.49(2Т)**
**Ҳ-16**



**ҲАКИМОВА БАРНО РУСТАМОВНА**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУТОБИҚСОЗИИ АФСАРОНИ ҶАВОН ДАР НИЗОМИ КОРҲОИ ТАРБИЯВИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)**

**Диссертатсия**
**барои дарѐфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** Иматзода Лутфия Маҳмадулло - доктори илмҳои педагогӣ, профессор

**ДУШАНБЕ - 2026**

**МУНДАРИҶА**

Номгӯи ихтисораҳо.....3
Муқаддима…….....4-19
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ МУТОБИҚСОЗИИ АФСАРОНИ ҶАВОН.....20-71**
1.1. Мафҳум ва моҳияти мутобиқшавии шахс дар педагогика ва илмҳои марбута.....20-33
1.2. Хусусияти мутобиқсозии касбӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ .....34-52
1.3. Нақши кори тарбиявӣ дар мутобиқсозии афсарони ҷавон ……..52-70
Хулосаи боби якум.....70-71
**БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ МУТОБИҚСОЗИИ АФСАРОНИ ҶАВОН ДАР НИЗОМИ КОРҲОИ ТАРБИЯВИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..**.....**72-121**
2.1. Амсилаи иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар раванди корҳои тарбиявӣ.....72-88
2.2. Шароитҳои ташкилию педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ …….....89-101
2.3. Шаклҳои асосии кори тарбиявӣ дар раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон ……...101-119
Хулосаи боби дуюм.....119-121
**БОБИ 3. САНҶИШИ ОЗМОИШӢ-ТАҶРИБАВИИ САМАРАНОКИИ АМСИЛАИ МУТОБИҚСОЗИИ АФСАРОНИ ҶАВОН ДАР РАВАНДИ КОРИ ТАРБИЯВӢ……...**.....**122-191**
3.1. Меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои баҳодиҳии самаранокии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ.....122-140
3.2. Ташкил ва гузаронидани марҳилаи муайянкунандаи озмоиши педагогӣ .....140-151
3.3. Марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиши педагогӣ……151-173
3.4. Марҳилаи назоратии озмоиши педагогӣ……173-185
Хулосаи боби сеюм.....185-187
**ХУЛОСАИ УМУМӢ……..…….....187-191**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА.....192-211**
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ.....211-214**
**ЗАМИМАҲО……..215-222**

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО**

**АВ КД**-Академияи вазорати корҳои дохила

**ВМ ҶТ**- Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВКД**- Вазорати корҳои дохила

**ВАО**-Васоити ахбори омма

**ДҲ ВМ**- Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ДОС**- Донишкадаи олии сарҳадӣ

**КДАМ ҶТ** - Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҚМ ҶТ** - Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶТ** - Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ** - Иттиҳоди давлатҳои мустақил

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Мутобиқсозии шахс ҳамчун раванди азхудкунии нақшҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо, арзишҳо ва намунаҳои рафтор шарти муҳимтарини ба таври пурра дохил кардани шахс ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва касбӣ мебошад. Дар шароити хизмати ҳарбӣ ин раванд аҳамияти махсус пайдо мекунад, чунки афсар на танҳо мутахассисест, ки вазифаҳои муайянро иҷро мекунад, балки дорандаи идеологияи давлатӣ, фарҳанг, ҳисси ватандӯстӣ, интизом ва масъулияти ҳарбӣ мебошад.

Сарфармондеҳи олии ҚМ ҶТ генерали Артиш Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 25 солагии таъсисёбии ҚМ ҶТ зимни суханрониашон оид ба омода намудани мутахассисони баландихтисос чунин таъкид намуданд: «... минбаъд ба масъалаи сатҳу сифати корҳои тарбиявӣ, омода намудани мутахассисони баландихтисоси ҳарбӣ, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ ва инсондӯстиву рафоқат тарбия кардани ҳайати шахсӣ диққати боз ҳам бештар дода шавад». [15]

Афсари ҷавоне, ки нав таҳсилро дар донишкадаи ҳарбӣ ба хатм расонидааст, ба муҳити мураккаби мутобиқи коллективи ҳарбӣ бояд ворид мешавад. Дар ин марҳила ӯ бо зарурати мутобиқ шудан ба талаботи хизмат, ба даст овардани эътибор дар гурӯҳи мансуб ба ӯ, сохтани муносибатҳо бо роҳбарият ва иҷрои вазифаҳои роҳбарӣ, ташкилкунанда ва фармондеҳ рӯ ба рӯ мешавад. Самаранокии фаъолияти хизматӣ, ҳамбастагӣ, сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ, ҳолати ахлоқию маънавии ҳайати шахсӣ аз он вобаста аст, ки мутобиқсозии он то чӣ андоза дуруст ба роҳ монда хоҳад шуд.

Дар шароити ҷумҳурии мо, ки дар он қуввахои мусаллаҳ дар таъмини амнияти давлатӣ, субот ва тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ нақши муҳим дошта, мутобиқсозии афсарони ҷавон на танҳо аҳамияти касбӣ, балки аҳамияти умумимиллӣ низ пайдо мекунад.

Академик М.Лутфуллоев дар асари «Педагогикаи миллӣ» дар бораи ватандорӣ чунин гуфтаанд: «Ватанро он тавре ки ҳаст, ҳамон тавр бояд дӯст дошт. Ҳеҷ мумкин нест, ки Ватанро аз обу хоку сангу кӯҳ ва хору хасаш ҷудо тасаввур кард. Инсон аз хурдӣ дар ҳамин муҳит тарбия меёбад. Ба таври дигар бигӯем, он арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва моддӣ, ки ҳам табиати саховатманд инъом кардааст ва ҳам худамон меофарем, айни замон ҳамчун мураббӣ моро тарбия мекунанд ва шарафёр мегардонанд» [114, с. 318].

Дар ин ҳолат, сарфи назар аз низоми мавҷудаи корҳои тарбиявӣ дар ҷузъу томҳои Қуввахои мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркарди назариявӣ-методии масъалаҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон маҳз дар марҳилаи воридшавии онҳо ба коллективи ҳарбӣ нокифоя аст. Набудани амсилаи возеҳ, инчунин шароити илмии асосноки педагогӣ, усул ва меъёрҳои арзёбии сатҳи мутобиқсозӣ ба парокандагӣ ва расмиятпарастӣ дар кори тарбиявӣ оварда мерасонад.

Илова бар ин, дар илми педагогика масъалаи самаранок истифода бурдани иқтидори корҳои тарбиявӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ барои бомуваффақият мутобиқсозии афсарони ҷавон- хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ кам омӯхта шудааст, аз ҷумла, мушаххас кардани шароити ташкилию педагогӣ, муайян намудани шаклҳо ва усули беҳтарини тарбия, инчунин сохтани амсилаи илман асосноки мутобиққунонӣ талаб карда мешавад, ки ҳам хусусиятҳои муҳити артиш ва ҳам хусусиятҳои фарҳангию миллии ҷумҳуриро доро бошад.

Корҳои тарбиявӣ воситаи муҳимтарини мутобиқсозии афсарони ҷавон буда, ба ташаккули низоми устувори нишонаҳои ахлоқӣ, тафаккури касбӣ ва меъёрҳои рафторӣ равона карда шудаанд. Маҷмуи чорабиниҳои тарбиявӣ, аз ҷумла лексияҳо, семинарҳо, муҳокимаҳои дастаҷамъӣ ва чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ, инчунин ташкили коллективи ҳарбӣ, корҳои тарбиявӣ барои ҳамгироии афсарони ҷавону ҳамкасбони ҳарбӣ мусоидат мекунанд. Ин ба онҳо на танҳо барои аз худ кардани анъана ва

интизоми ҳарбӣ, балки ба таҳкими ҳисси ватандӯстӣ, вазифашиносӣ ва масъулият дар назди Ватан мусоидат мекунад.

Дар Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои корҳои сиёсӣ тарбиявӣ чунин омадааст: «..., ташаккул додани сифатҳои баланди ахлоқию психологӣ ва омодагии ҷангӣ, тарбияи онҳо дар руҳияи ҳисси ватандстиву ватанпарастӣ ва муҳаббат ба Ватан, муҳофизатгари боваринок ва боэътимоди Ватан, ҳисси баланди масъулияти шахсӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва садоқат ба Савганди ҳарбӣ гузаронида мешаванд» [9].

Илова бар ин, корҳои тарбиявӣ дар ташаккули тобоварии ахлоқӣ-маънавии афсарони ҷавон, ки барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар вазъияти асабонӣ, номуайянӣ ва хатар зарур аст, нақши муҳим мебозанд Онҳо ба рушди хусусиятҳои роҳбарӣ, қобилияти кор дар гурӯҳ, қабули қарорҳои зуд ва огоҳона, ки махсусан, барои фармондеҳӣ ва идоракунии муваффақ дар ҳолатҳои ҷангӣ ва ҳаррӯза муҳим аст, мусоидат мекунанд.

Корҳои тарбиявӣ дар заминаи мутобиқсозии касбӣ аҳамияти махсус доранд, аз ин лиҳоз афсарони ҷавон барои мутобиқ шудан ба нақшҳо ва мақоми нави иҷтимоӣ тавассути ташаккули меъёрҳои баланди рафтори хизматӣ ва ҳавасмандии дохилӣ барои рушди худ кумак мерасонад. Ҳамин тариқ, корҳои тарбиявӣ раванди ҳамаҷонибаест, ки на танҳо тайёрии касбӣ, балки ташаккули ҳамаҷонибаи шахсии афсарони ҷавонро таъмин намуда, ба таҳкими қобилияти ҷангӣ ва субот дар Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, *мубрамияти* ин мавзуи таҳқиқот чунин муайян карда мешавад:

- афзоиши нақши кори тарбиявӣ дар раванди ташаккули шахсияти афсари ҷавон;

- зарурати баланд бардоштани самаранокии мутобиқсозии хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ дар давраи мутобиқшавии онҳо ба шароити хизмат;

- набудани амсилаи мукаммали мутобиқсозии афсарони ҷавон дар назарияи педагогӣ, ки ба воқеияти Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шуда бошад;

- аҳамияти мутобиқсозии муваффақи афсарони ҷавон барои тобоварӣ ва қобилияти ҷангии ҷузъу томҳои ҳарбӣ.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мушкилоти мутобиқсозии шахс дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла: И.А. Абзалов [28], А.Ш. Давлатшоева [66], С.Давлатшоев [67], И. Давлатшоев [68], А. Қаландаров [106], Ш.К. Маҳмутов [121], Т.З. Мунавварова [129], С.С. Нозимов [136], С.О. Сатторов [158], Х.Х. Ҳасанов [180], М.В. Ермаков [71], Е.А. Климов [93], Ю.А. Ленев [110], С.В. Николаев [133], С.В. Оспенников [139], Ю.В. Савин [153], В.Т. Татаренко [170] ва дигарон ба таврии васеъ тавзеҳ дода шудаанд.

Оид ба мушкилоти иҷтимоишавии шахс дар асарҳои илмии олимони ватанӣ: С.Н. Алиев [29], Ф. Гулмадов [65], Л. М. Иматзода [192], И.Х Каримова [91], Ш.П. Котибова [193], Б.Қ. Қодиров [107], Б.Р. Қодиров [105], М. Лутфуллозода [114], Б. Маҷидова [116], Б. Нуров [137] ва дигарон таҳлил карда шуданд.

Ҳамзамон, корҳои таҳқиқотии муҳаққиқони ватанӣ Ҷ. Абдулов [27], С. Амонов [30], Р. Н. Азиззода [32], М. Акмалова [33], Б. Мирбобоева [125], Ҳ. Нарзуллоев [130], Р. Ҳ. Неъматов [132], Д. Р. Одилзода [138], Г. М.Садуллоева [154], Саодати Раҳмоналӣ. [155], Сайдамадзода Ҳусноро [160], Ш.О. Фозилзода [177] ва дигарон низ масъалаҳои иҷтимоишавии шахс новобаста аз синну сол ва касбияташон баррасӣ шудаанд.

Бо вуҷуди зиѐд будани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараѐни корҳои тарбиявӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Амсилаҳо, усул ва технологияҳое, ки имконияти таъмини мутобиқсозии низомӣ ва мақсаднокро дар муҳити хизмати ҳарбӣ, хусусан, дар фазои пасошӯравӣ ва дар шароити артиши Ҷумҳурии Тоҷикистон

доранд, нокифоя таҳия шудаанд. Дар шароити муосири ислоҳот ва таҳкими қуввaҳои мусаллаҳи ҷумҳурии мо раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон, ки марҳилаи калидии ташаккули касбӣ ва шахсии онҳост, аҳамияти махсус пайдо мекунад. Мутобиқшавӣ на танҳо ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва малакаҳои корҳои ҳарбии афсарони ҷавон, балки хусусиятҳои тобоварии рафторӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои хизматиро дар ҳолатҳои мураккаб ва ғайристандартӣ таъмин менамояд. Ҳамзамон, давлат ва роҳбарияти ҳарбии кишвар ба сифати тайѐрӣ ва тарбияи кадрҳои афсарӣ талаботи баланд гузошта, зарурати муносибати муттаҳидшударо ба рушди шахсияти афсари ҷавон дар руҳияи садоқат ба Ватан, интизом ва масъулият ба касби интихобшуда таъкид мекунанд. Низоми корҳои тарбиявӣ дар Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини ин раванди мутобиқсозӣ нақши пешбарро мебозад.

Инчунин, дар амал як қатор мушкилот ва маҳдудиятҳои ҷиддӣ вобаста ба набудани асосҳои ягонаи назариявии илмӣ ва равишҳои методологии мутобиқсозии афсарони ҷавон ошкор карда мешаванд. Парокандагӣ ва низоми нокифояи корҳои тарбиявӣ, мувофиқ набудани шаклҳо, усул ва воситаҳои тарбия бо ниѐзҳо ва хусусиятҳои воқеии афсари ҷавон, хатмкардаи донишкадаҳои ҳарбӣ мушоҳида карда мешавад. Илова бар ин, амсилаи мушаххаси педагогию иҷтимоии мутобиқсозӣ вуҷуд надорад, ки хусусияти муҳити артиш, хусусиятҳои миллию фарҳангии ҷомеъа ва сатҳи муосири талабот ба хизмати ҳарбиро ба назар гирад.

Ҳамин тариқ, зиддияти байни ду чиз вуҷуд дорад: якумаш зарурати беҳтар намудани мутобиқшавии афсарони ҷавон зиѐд шудааст, чунки ба рушди касбӣ ва шахсии онҳо талабот зиѐд аст; дуюм  асосҳои назариявӣ ва методологии кори тарбиявӣ дар Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз мушкилот дорад.

Ин *ин зиддият* аҳамияти таҳқиқоти мазкурро, ки ба таҳия ва озмоиши амсилаи мутобиқсозии самараноки афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ нигаронида шудааст, таъкид мекунад.

Дар асоси зиддиятҳои ошкоргардида мавзуи таҳқиқоти илмии мо «Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)» ногузорӣ карда шуд.

**Робитаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо барномаҳо, лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.**

Заминаҳои назариявӣ, илмӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсиониро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1993) [1], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи маориф» (2013) [5], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ» (2021) [6], Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи 2030 [13], Оинномаи интизомии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005) [14], Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2045 (2025) [8], Консепсияи корҳои тарбиявӣ (2006) [7], Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015) [9], Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» [10], Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030 [11], Дастури методӣ «Оид ба пешгирӣ намудани муносибатҳои ғайриоинномавӣ, ҳолатҳои худкушӣ ва ҷиноятҳои ҳарбӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2015) [12] ва асарҳои олимони соҳаи педагогика, педагогикаи ҳарбӣ, психология, фалсафа, ҷомеашиносӣ, дастурҳои методиву таълимӣ оид ба корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва васоили озмоишӣ истифода гардиданд, ки онҳо принсипҳои умумии дидактикиро ташкил медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси натиҷаи озмоиш дар доираи самти илмӣ-таҳқиқотии мавзуи «Асосҳои педагогиву психологии рушди хештаншиносиву ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии наврасону ҷавонон дар замони муосир» дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони

Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ки дар рафти иҷрои он муаллиф шаш (6) мақолаи илмии бозтобкунандаи мазмуни асосии диссертатсияро омода ва нашр намудааст, анҷом дода шудааст. Дар таҳқиқот ба корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ такя карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар рисолаи илмӣ асосҳои назариявиӣ мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ дар Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ) таҳқиқ мегардад. Ҷиҳатҳои иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар шароити воридшавӣ ба ҷузъу томҳои қуввахои мусаллаҳ тавассути шаклу усулҳои натиҷабахши корҳои тарбиявӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот:** аз лиҳози назариявӣ асоснок намудан ва аз ҷиҳати озмоишӣ санҷидани воситаҳои иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амалӣ гардонидани мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муқаррар гардид:

1. Аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани моҳият, сохтор ва хусусиятҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон дар заминаи корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳои ҳарбӣ.

2. Муайян кардани мушаххасоти мутобиқсозии касбӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи он дар хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ;

3. Таҳлили низоми мавҷудаи корҳои тарбиявӣ дар Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи мутобиқсозӣ ва муайян кардани шароити ташкилию педагогии мутобиқсозии самараноки афсарон дар марҳилаи аввали хизмат;

4. Таҳияи амсилаи педагогию иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низомӣ  корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ);

5. Гузаронидани озмоиши педагогӣ оид ба санҷиши самаранокии амсилаи педагогию иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низомӣ  корҳои тарбиявӣ.

6. Таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ҷорӣ намудани амсилаи мутобиқсозӣ ба низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот:** шаклу усулҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон мавриди баргузории корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ).

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон ба хизмати ҳарбӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)

**Фарзияи таҳқиқот.** Раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас самараноктар хоҳад буд, агар:

-шакл, усул ва воситаҳои беҳтарини корҳои тарбиявӣ, ки ба рушди мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ) нигаронида шудаанд, истифода шаванд;

- амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ) таҳия, илман асоснок ва амалан мутобиқ карда шавад;

- раванди мутобиқсозӣ бо такя ба шароити махсус ташкилшудаи педагогӣ, ки ба воқеияти хизмати ҳарбӣ мувофиқат мекунад, амалӣ гардад;

- барои афсарон, роҳбарияти корҳои тарбиявии ҷузъу томҳои ҚМ ҶТ оид ба асосҳои илмию амалӣ ва роҳу усулҳои самараноки мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ тавсияҳои методӣ таҳия карда шаванд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар тӯли 10 сол гузаронида шуда, се марҳилаи асосиро дар бар мегирад.

***Марҳилаи аввали таҳқиқот (солҳои 2015-2018)*** *Дар марҳилаи муайянкунанда* таҳлили адабиѐт, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, фарзия ва зиддиятҳо, инчунин арзѐбии дараҷаи таҳияи мушкилоти мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявиро дар бар мегирад.

***Марҳилаи дуюм (солҳои 2019-2022****). Дар марҳилаи ташаккулдиҳанда* таҳияи амсилаи мутобиқсозии иҷтимоӣ-педагогии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ, муайян кардани шароити педагогӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ барои санҷиши самаранокии амсиларо фаро гирифтааст.

***Марҳилаи сеюм (солҳои 2023-2025****). Дар марҳилаи назоратӣ* таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои кори таҷрибавӣ – озмоишӣ, натиҷаҳои татбиқи амсилаи мутобиқшавии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ, санҷиши низомбандии маълумоти назариявӣ ва амалӣ, санҷиши фарзия, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқотро дар бар гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** мафҳум ва моҳияти мутобиқсозӣ ҳамчун раванди ташаккули шахсият ва ҳамгироии он ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла муҳити низоми; хусусиятҳои мутобиқсозӣ дар соҳаи ҳарбӣ, ки талаботи интизом, дастаҷамъӣ, ватандӯстӣ ва ҳувияти касбиро дар бар мегиранд; назарияҳо ва амсилаҳои корҳои тарбиявӣ дар қувваҳои мусаллаҳ, ки ба ташаккули хусусиятҳои ахлоқӣ-психологӣ ва касбии хизматчиѐни ҳарбӣ нигаронида шудаанд; равишҳои педагогӣ-психологӣ ба мутобиқсозии афсарони ҷавон, ошкор кардани механизмҳои мутобиқсозӣ ва рушди шахсӣ; таҳлили хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба раванди тарбия ва механизмҳои

мутобиқшавӣ дар низоми ҳарбӣ таъсир мерасонад, ташкил додаанд. Муқаррароти мазкур имкон дод, ки аҳамият ва самти таҳқиқот асоснок карда шуда, заминаи методологӣ барои таҳлили механизмҳои мутобиқшавии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

**Асоси методологии таҳқиқотро** асарҳои бунѐдӣ оид ба фалсафа, педагогика ва психология аз рӯйи қонуниятҳои ташаккули шахс, муносибати низомӣ ба усули умумифалсафии дониши илмӣ ташкил доданд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба назарияи умумии фаъолияти касбӣ, ташаккули марҳилавии корҳои эҷодӣ, рушди таълиму тарбия ва тафаккури интиқодӣ дар курсантони муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ равона карда шудааст.

**Сарчашмаи маълумот инҳоянд.** Сарчашмаи таҳқиқоти илмиро санадҳои меъѐрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таълим ва тарбия равона шудаанд, аз ҷумла: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1993) [1], Паѐми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (23.12.2022) [2], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи тарбияи ватанпарастии шаҳрвандон» [4], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи маориф» (2013) [5], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ» (2021) [6], Консепсияи корҳои тарбиявӣ (2006) [7], Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2045 (2025) [8], Консепсияи корҳои сиѐсию тарбиявӣ дар Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015) [9], Барномаи давлатии тайѐр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030 [11], Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миѐнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 [10], Дастури методӣ «Оид ба пешгирӣ намудани муносибатҳои ғайриоинномавӣ, ҳолатҳои худкушӣ ва ҷиноятҳои ҳарбӣ дар Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2015) [12], Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи 2030 [13], Оинномаи интизомии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005) [14] ва асарҳои олимони

соҳаи педагогика, (педагогикаи ҳарбӣ), психология, фалсафа, ҷомеашиносӣ, дастурҳои методиву таълимӣ оид ба корҳои тарбиявӣ дар ҚМ ҶТ ва корҳои таҷрибавии муаллиф ташкил медиҳанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот**. Кори диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоти боэътимоде, ки аз муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ ба даст омаданд, муназзам карда шудааст. Дар ҷараёни корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ андешаҳо ва нуқтаи назари омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ оид ба механизмҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таҳлил ва арзёбӣ карда шуданд.

**Пойгоҳҳои таҳқиқот:** Корҳои ташкилӣ, таҳқиқотию озмоишӣ бо риояи мантиқи таҳқиқот дар заминаи Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи олии Сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати кардҳо ва таълимоти ҳарбии ВМ ҶТ, Раёсати корҳои сиёсӣ- тарбиявии ВМ ҶТ баргузор гардидааст. Вобаста ба таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва кафедраи корҳо сиёсии тарбиявии педагогика ва психологияи Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришҳо пешниҳод гардидаанд. Дар таҳқиқот 58 - нафар афсарон ва бештар аз 300 нафар курсантон иштирок намуданд. Идеяҳо, масъалаҳо ва муқаррароти муайяншуда дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон санҷида шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки масъалаи мутобиқсозии афсарони ҷавон аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ бо риояи мантиқи илмӣ мавриди таҳлил ва асоснокии ҳамаҷониба қарор дода шуда, дар рафти таҳқиқот марҳилаҳои зерин амалӣ гардиданд:

1. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон дар заминаи корҳои тарбиявӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуд.

2. Мушаххасоти мутобиқсозии касбӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи он дар хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ муайян карда шудааст.

3. Низоми мавҷудаи корҳои тарбиявӣ дар Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи мутобиқсозӣ таҳлил карда шудааст.

4. Амсилаи педагогию иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

5. Шароити ташкилию педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардидааст.

6. Шаклҳо ва воситаҳои самараноки татбиқи амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасниф карда шудааст.

7. Озмоиши педагогӣ оид ба санҷиши самаранокии амсилаи педагогию иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

8. Тавсияҳои амалӣ оид ба ҷорӣ намудани амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Муқаррар карда шудааст, ки мутобиқшавии касбии афсарони ҷавон дар раванди мақсаднок, марҳилавӣ ва байнисоҳавии воридсозии хатмкунандаи донишкадаи ҳарбӣ ба низоми муносибатҳои хизмати ҳарбӣ ва фаъолияти касбӣ мебошад ва ин раванд азхудкунии меъёрҳо ва арзишҳои хизмати ҳарбӣ инчунин ташаккули ҳувияти касбӣ, шавқу ҳаваси устувори хизмат ва сифатҳои муошират роҳбариро таъмин менамояд.

Хусусиятҳои хоси мутобиқшавии афсарони ҷавон дар давраи ибтидоии хизмат низ муайян карда шудаанд, ки аз танзими қатъии фаъолият, зарурати қабули қарорҳои мустақилона ва масъулият дар назди ҳайати тобеъ сарчашма мегирад ва ин ҳолат зарурати таҳқиқи мақсадноки иҷтимоӣ-педагогиро барои ин раванд тақозо мекунад.

2. Собит шудааст, ки самаранокии раванди мутобиқшавӣ тавассути фароҳам овардани маҷмӯи шароити ташкилӣ-педагогӣ таъмин мегардад, ки шароити мутобиқшавии иттилотию педагогӣ, ташкили низоми роҳнамоӣ ва дастгирии педагогӣ, инчунин татбиқи барномаҳои таълимии ба шахсият нигаронидашударо дар бар мегиранд, ки афсарони ҷавонро ба ҳамкорӣ бо фармондеҳон, роҳнамоѐн ва қисми ҳарбӣ ҷалб менамояд.

3. Амсилаи иҷтимоӣ-педагогии мутобиқшавии касбии афсарони ҷавон дар давраи хизмати ҳарбӣ таҳия ва аз лиҳози илмӣ асоснок шудааст, ки он ба ҷузъҳои ангезандагӣ- арзишӣ, маърифатӣ, фаъолиятӣ ва рефлексивӣ асос ѐфтааст. Рушди ба ҳам алоқаманди ин ҷузъҳо ба мутобиқшавии касбӣ, ба омодагӣ барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва қобилияти ҳамкории мусбат дар дохили коллективи ҳарбӣ мусоидат мекунад.

4. Самаранокии амсилаи иҷтимоию-педагогии таҳияшуда барои мутобиқшавии касбии афсарони ҷавон ба тври таҷрибавӣ тасдиқ карда шуд. Муайян карда шуд, ки татбиқи ин амсила тавассути фаъолиятҳои гурӯҳӣ ва семинарҳои рушди шахсӣ- касбӣ бо истифода аз технологияҳои иттилотӣ ва коммуникатсионӣ тамоюлҳои мусбатро дар нишондиҳандаҳои мутобиқшавии касбии афсарони ҷавон афзоиш медиҳад ва шавқу рағбати онҳоро афзоиш медиҳанд. Дар асоси натиҷаҳо, тавсияҳои илмӣ ва амалӣ барои ворид кардани ин амсила ба низоми тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки мафҳуми илмии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии касбии афсаронро васеъ мегардонад; назарияи мутобиқсозӣ ва таҳсилоти педагогиро бо

муқаррарот барои рушди фаъолияти касбии афсарон амиқтар месозад; донишҳои илмӣ ва педагогиро дар бораи механизмҳои ворид намудани мутобиқсозӣ дар раванди муосири хизмати ҳарбӣ ғанӣ мегардонад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ амсилаи иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо риояи маҷмуи шароити педагогии таҳия гардида, ба такмили мазмун ва шаклҳои фаъолияти тарбиявӣ мусоидат менамояд ва ба раванди таълимии пойгоҳи тачрибавӣ ворид карда шуда, амалан санҷида шудааст;

- таҳқиқот боиси беҳтар шудани методология ва усулҳои таълими дар донишкадаҳои ҳарбӣ шуда, воситаҳои мазкур барои таълим ва тарбия дар соҳаи мудофиа ва амният самаранокии бештар фароҳам оварда метавонад;

- натиҷаи корҳои тадқиқотӣ нақши афсаронро дар ҷомеа, нобаробарии иҷтимоӣ ва масъулиятҳои онҳо дар пешбурди сиёсати давлат мукаммал мегардонад. Ин, ба афзудани ҳисси масъулият ва иҷтимоиёти ҷавонон боис мегардад;

- мутобиқсозии фаъолияти афсарон ба эҷоди мувозинати хуб дар низоми кадрҳо ва роҳбарӣ мусоидат мекунад, ки ин барои омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи мудофиа ва афзоиши ҳамасолаи иқтидори давлат боис мегардад.

- таҳқиқоти мазкур ба эҷоди низоми муосири сиёсати ҷавонон дар қуввахои мусаллаҳ ва сохторҳои давлатӣ мусоидат мекунад, ки ин ба таҳкими муносибати мусбати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ боис мегардад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути маълумотҳои омории бо истифода аз васоили омодашуда ба дастовардашуда аз усулҳои илмию педагогӣ, ки ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва мундариҷаи кори илмӣ мувофиқанд, бо усулҳои муосири илмӣ-педагогӣ, ба монанди: таҳлили натиҷаҳои пурсишнома, саволнома, мусоҳиба ва мушоҳидаҳо дар шакли коркарди омории натиҷаҳо дар ҷадвал ва диаграммаҳо таъмин карда

шудааст. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳо, маърӯзаҳо дар семинару конференсияҳо, дар рӯзнома ва маҷмуъаи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба чоп расидаанд ва баъдан дар фарзияи таҳқиқоти илмӣ инъикос ѐфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9 - назария, методология ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) аз ҷумла, банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот дар иҷрои фаъолиятҳои зерин **инъикос** ѐфтааст:

- таҳлили амиқи адабиѐту сарчашмаҳои илмӣ, баррасӣ ва шарҳу тафсири маълумоти дарѐфтшуда ва мувофиқ ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- таҳия ва интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот;

- омӯзиш, таҳлил ва арзѐбии роҳу усул ва муайян кардани шароити педагогии истифодаи амсилаи таҳияшудаи мутобиқсозӣ дар амалияи корҳои тарбиявӣ бо афсарони ҷавон;

- гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзѐбӣ қарор додани натиҷаи таҳқиқот.

Натиҷаҳои аз таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардаи унвонҷӯ бо бутунияти сохтории рисолаи илмӣ таъйид гашта, дар шакли алоқаҳои байниҳамдигарӣ сурат гирифта, дар доираи тақиқоти назариявӣ ва

амсиласозиҳо, коркардҳои оморӣ, математикӣ ва компютерӣ нақши муҳим гузошта метавонанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии олимон ва омӯзгорон, семинар-машваратҳои илмӣ-назариявии кафедраҳои Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни баромад ва суханрониҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ муаррифӣ гардидаанд. Натиҷаи асосии таҳқиқоти илмӣ дар ҷаласаҳои васеъи Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ шуда, дар мақолаҳои илмии унвонҷӯй инъикос ѐфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 19 интишороти муаллиф инъикос ѐфтаанд, ки 6 номгӯйи онҳо мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 12 номгӯйи мақолаҳо дар маҷаллаҳои гуногун, инчунин дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва 1 дастури методӣ ба табъ расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои мундариҷа, ихтисорот, муқаддима, се боб, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиѐти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 222 саҳифаи матни компютерии бо ѐрии протсессори Microsoft Word ҳарфчинӣ шуда, 13 ҷадвал, 6 диаграмма, 6 замимаро дар бар гирифтааст. Руйхати адабиѐт фарогири 196 номгӯй мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ МУТОБИҚСОЗИИ АФСАРОНИ ҶАВОН

## 1.1. Мафҳум ва моҳияти мутобиқсозии шахс дар педагогика ва илмҳои марбута

Ҷомеаи муосир дар шароити таҳаввулоти баланд, афзоиши ҷараѐни иттилоот, тағйирѐбии ниҳодҳои иҷтимоӣ ва мушкилоти талаботи шахсӣ қарор дорад. Дар ин шароит раванди мутобиқсозӣ, ки воридшавии шахсро ба ҳаѐти ҷамъиятӣ, ташаккули низоми арзишҳо, меъѐрҳои рафтор ва малакаҳои ҳамкории созанда бо ҷаҳони атроф таъмин мекунад, махсусан, муҳим арзѐбӣ мегардад.

Педагоги маъруфи тоҷик доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ф.Гулмадов дар бораи раванди иҷтимоишавии шахс чунин менависад: «Иҷтимоишавӣ – ин раванди аз худкардани меъѐрҳои ахлоқӣ, арзишҳои миллӣ ва рафтори коллективӣ дар фаъолияти якҷоя аст. Шахс шахс намешавад, то дар коллектив (гурӯҳ) обутоб наѐбад». [65, с. 58]

Дар педагогика мутобиқсозӣ на танҳо ҳамчун мутобиқшавӣ ба ҷомеаи мавҷуда, балки ҳамчун воситаи фаъолона азхудкунии меъѐрҳои фарҳангӣ, инчунин рушди малакаҳои дарки воқеият мувофиқи ҳадафҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ арзѐбӣ мегардад.

Мутобиқсозии шахсият яке аз мафҳумҳои асосӣ дар педагогика, психология, ҷомеашиносӣ ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ мебошад. Ин раванд асоси ташаккули инсон ҳамчун узви ҷомеа маҳсуб ѐфта, дорои арзишҳо, меъѐрҳо, муносибатҳо ва рафторҳои муайян мебошад. Дар шароити тағйироти босуръати иҷтимоӣ ва ҷаҳонишавӣ таҳлили моҳият ва механизмҳои иҷтимоӣ, ҳадафҳо, марҳилаҳо ва омилҳое, ки ба рушди шахсият таъсир мерасонанд, махсусан, муҳим аст.

Аз нуқтаи назари ҷомеашиносӣ мутобиқсозӣ механизми фарҳанг аз насл ба насл интиқол мешавад. Психология ба ташаккули консепсияи «Ман», ҳувият, мутобиқшавии руҳӣ ва рафторӣ диққат медиҳад. Дар

педагогика мутобиқшавӣ яке аз вазифаҳои асосии тарбия ба ҳисоб рафта, таваҷҷуҳ ба таъсири огоҳона ба шахс тавассути омӯзиш, тарбия ва ташкили муҳити зист равона карда мешавад.

Хусусияти муносибати педагогӣ ба мутобиқсозӣ дар мақсаднокӣ, муташаккилӣ ва пайдарпай ифода меёбад. Баръакси равиши сотсиологӣ ё психологӣ педагогика ба ташаккули шахсият тавассути таълим, тарбия ва рушд дар муҳити таълимӣ такя мекунад. Дар ин ҳолат, он ба маълумоти илмҳои ҳамҷавори психология, ҷомеашиносӣ, фалсафа, фарҳангшиносӣ такя намуда, раванди мутобиқи байнисоҳавиро таҳлил менамояд.

Аҳамияти баррасии мафҳум ва моҳияти мутобиқсозӣ дар педагогика ба зарурати омода кардани шахсияти қодир ба фаъолияти мустақили ҳаётӣ, масъулият, иштирок дар ҳаёти ҷомеа, татбиқи иқтидори худ вобаста аст.

Масъалаи мутобиқсозии шахсият дар илмҳои ҷомеашиносӣ ва иҷтимоӣ ҷойгоҳи муҳим дорад. Тасаввуроти фалсафии он махсусан муҳим аст, барои он ки, маҳз фалсафа ба ошкор кардани қонуниятҳои умумии мавҷуд будани инсон дар ҷомеа талош мекунад. Аз нуқтаи назари фалсафа, мутобиқсозӣ на танҳо раванди воридшавии инсон ба муҳити иҷтимоӣ, балки ташаккули шахс ҳамчун субъекти худогоҳ буда, дорои қобилияти амали озодона, масъулияти ахлоқӣ ва эҷодиёти муштараки фазои фарҳангӣ мебошад.

Ин ҷанбаҳо барои амиқтар дарк кардани равандҳои воридшавии мавҷудияти инфиродӣ ва инчунин, ташаккулёбии инсонро ҳамчун дорандаи арзишҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ба воқеияти коллективӣ содатар мегардонад.

Муҳаққиқон П. Бергер ва Т. Лакманн бар он ақидаанд, ки: «Мутобиқсозии шахс яке аз равандҳои бунёдии ташаккули инсон ҳамчун субъекти ҳамкории иҷтимоӣ мебошад». [46, с.14]

Мутобиқсозӣ дар заминаи фалсафӣ ҳамчун раванди ташаккули шахс шарҳ дода шуда, дар он шахс на танҳо меъёрҳо ва қоидаҳоро аз худ мекунад, балки шуур, худшиносӣ ва қобилияти инъикоси ахлоқиро низ ба

даст меорад. Баръакси педагогика è ҷомеа шиносӣ, фалсафа диққати худро ба асосҳои **онтологӣ ва гносеологии** мутобиқсозӣ равона мекунад.

Иҷтимоишавӣ è худ мутобиқшавӣ ҳамчун гузариш аз ҳолати табиӣ (биологӣ) ба ҳолати фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, инчунин роҳи ташаккули инсон дар заминаи воқеияти таърихӣ ва ахлоқию маънавӣ арзèбӣ мегардад. Дар зер робитаи раванди мутобиқшавиро вобаста ба ҳар як даврaҳои асосии таърихи инсоният аз нигоҳи фалсафӣ шарҳ медиҳем.

**Антиқа**. Аллакай дар фалсафаи антиқӣ, махсусан дар таълимоти Платон ва Аристотел, ақидае пайдо мешавад, ки инсон танҳо дар ҷомеа инсон мешавад.

Аристотел дар асари худ «Сиèсат» таъкид кардааст: «инсонро ҳамчун «зоо сиèсатшиносон - ҳайвони ҷамъиятӣ» муайян кард, ки табиати он танҳо дар давлат, ҷомеа амалӣ карда мешавад» [37, с.118].

**Асрҳои миèна**. Дар фалсафаи Асрҳои Миèна мутобиқшавӣ тавассути призмаи теосентризм тафсир карда мешавад: инсон тавассути дин, калисо (ибодатгоҳ), аҳкоми ахлоқӣ иҷтимоӣ карда мешавад. Мақсади асосӣ ба ҳақиқати Илоҳӣ ҳамроҳ шудан аст.

**Замони нав.** Бо рушди инфиродӣ (Декарт, Локк, Руссо) инсон торафт бештар ҳамчун субъекти мустақил ва мутобиқсозӣ ҳамчун ташаккули шаҳрванди дорои ақл ва ирода баррасӣ карда мешавад.

Жан Жак Руссо дар рисолаи худ «Дар бораи шартномаи ҷамъиятӣ»: «мухолифати байни озодии табиӣ ва зарурати тартиботи ҷамъиятиро таъкид кардааст» [152, с. 74].

**Фалсафаи классикии олмонӣ.** Файласуфи машҳур Иммануил Кант дар асари худ «Асосҳои метафизикаи маънавият» «мутобиқсозиро ҳамчун рушди ахлоқии инсон» меҳисобид [83, с.86]. Г.В. Гегел дар асари худ «Философияи ҳуқуқ» чунин таъкид кардааст: «он тавассути рушди руҳ дар доираи ниҳодҳои ҷамъиятӣ (оила, ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлат) зоҳир мешавад». [41, с. 219]

**Фалсафаи муосир.** Дар асри XX дар доираи экзистенсиализм (Хайдеггер, [178] Сартр [157]) ва феноменология (Шелер, Мерло-Понти [123]) беназирии таҷрибаи субъективии иҷтимоикунонӣ таъкид мегардад. Аз нуқтаи назари марксизм (К.Маркс, Ф.Энгельс, [119] А. Грамши [63]) мутобиқсозӣ ин раванди идеологӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки дар он шахс ба низоми муносибатҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ дохил карда мешавад.

Аз нуқтаи **назари фалсафӣ мутобиқсозӣ** маънои тобеъияти комили шахсро ба ҷомеа надорад. Ин як раванди диалектикӣ буда, дар он шахс на танҳо меъёрҳои ҷамъиятиро қабул мекунад, балки шахсияти худро фаъолона ташаккул дода, худро ба ҷомеа муқобил мегузорад, таҷрибаи гирифташударо тафсир ва тағйир медиҳад.

Файласуфон аҳамияти худшиносӣ, иродаи озод, қобилияти интихоби ахлоқиро ҳамчун меъёрҳои мутобиқсозии муваффақ таъкид мекунанд. Танҳо дар ин ҳолат шахс метавонад на танҳо узви ҷомеа, балки иштирокчии худогоҳ ва табдилдиҳандаи он бошад.

Ҳамин тариқ, **мутобиқсозӣ дар фалсафа** ҳамчун раванди бисёрҷанбаи дар дохили худ мухолифи ташаккули шахс дар доираи муҳити ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ баррасӣ карда мешавад. Он на ба фарогирии механикии меъёрҳо, балки ба тафаккур, танқид, интихоб ва табдили воқеияти муносиби фарҳангӣ дохил мегардад.

Тасаввуроти фалсафии мутобиқсозӣ аз доираи муносибати прагматикӣ берун баромадан ва дар ин раванд роҳи ташаккули инсонро ҳамчун субъекти озод ва масъул дидан имкон медиҳад. Ҳамин тариқ, фалсафа на танҳо дигар илмҳои мутобиқро пурра мекунад, балки самтҳои методологӣ ва арзишҳои онҳоро муайян месозад.

Мушкилоти **мутобиқсозии шахс дар илми психология** ҷойгоҳи муҳим дорад, барои он ки, ӯ бевосита бо ташаккули шахс ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа алоқаманд аст.

Психология на танҳо механизмҳо ва марҳилаҳои мутобиқро меомӯзад, балки таъсири онро ба рушди шахсият, ташаккули консепсияи «Ман»,

усули ҳавасмандгардонӣ, инчунин равиши эҳсосӣ-иродавӣ ва маърифатиро меомӯзад. Ба тафовутҳои инфиродӣ дар мутобиқшавӣ, инчунин таъсири омилҳо ба монанди оила, мактаб, ҳамсолон, васоити ахбори омма ва фарҳанг диққати махсус дода мешавад. Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Х. Раҳимзода ва муаллифони китоби дарсии «Маърифати оиладорӣ» синфи 10 чунин иброз доранд: «... оилаи солиму хушбахт ва маърифати хонаводагии падару модар дар оила асоси тарбияи фарзанд ба ҳисоб рафта, ҷомеаи солим низ ба насли бомаърифат, донишманд, ватанпараст, забондон ва дорои ахлоқи ҳамида ниѐз дорад» [151, с. 5].

Дар психология мутобиқсозӣ ҳамчун раванди тағйирѐбии рушди шахс, ки дар он муносибатҳои иҷтимоӣ, намунаҳои рафтор, қобилияти ҳамкорӣ, худтанзимкунӣ ва худшиносӣ ташаккул меѐбанд, баррасӣ карда мешавад. Иҷтимоишавӣ аз таваллуд оғоз ѐфта, дар тӯли ҳаѐти инсон идома меѐбад.

Педагоги бузурги советӣ Л.С. Вигодский дар асараш «Психологияи маърифати шахс» қайд кардааст, ки: «мутобиқсозӣ азхудкунии зӯракии меъѐрҳо нест, он иштироки фаъоли шахс, қобилияти баланди интихоб, муқовимат, тафсири таъсири мутобиқро дар бар мегирад» [56, с.103].

Дар психология якчанд марҳилаҳои мутобиқшавиро ҷудо кардан маъмул аст:

- мутобиқсозии ибтидоӣ (синни томактабӣ ва мактабӣ), ки дар он малакаҳои асосии муошират, эътимод ба ҷаҳон, меъѐрҳои рафтор ташаккул меѐбанд. Ниҳоди асосӣ хонавода аст.

- мутобиқсозии давраи наврасӣ, ҷавонӣ: азхудкунии нақшҳои нави иҷтимоӣ, васеъ кардани доираи муошират, ташаккули консепсияи «Ман». Ниҳодҳо - ҳамсолон, донишкада, ВАО мебошанд.

- мутобиқсозии баъдӣ (ҳаѐти калонсолӣ): ҳамгироӣ ба муҳити касбӣ, мутобиқ шудан ба нақшҳои нав - корманд, ҳамсар, волидайн ва ғайра.

Олим ва муҳаққиқи рус А.В. Петровский чунин таъкид мекунад: «Бозмутобиқшавӣ (ресосиализатсия) - бозомӯзӣ ва мутобиқ шудан ба

шароити нав (масалан, пас аз иваз кардани касб ва ҷои истиқомат, гум кардани наздикон ва ғайра) вобаста мебошад» [145, с.145].

Олим - педагог И.А. Зимная механизмҳои асосии психологии иҷтимоиро чунин баѐн намудааст:

- «идентификатсия- шиносоӣ бо шахси дигар (падару модар, муаллим, қаҳрамон), қабули арзишҳо ва рафтори ӯ;

- интериоризатсия - қабули дохилии меъѐрҳо ва қоидаҳои беруна; тақлид ба намунаҳои рафтор;

- омӯзиш - азхудкунии дониш, малака ва тарзи рафтор тавассути амалия;

- инъикоси дарк кардани таҷрибаи дархӯри хеш ва коркарди он;

- муошират-раванди ҳамкории байнишахсӣ буда, ба мутобиқшавӣ ва худшиносӣ мусоидат мекунад.

- ниҳодҳои асосии мутобиқсозӣ дар психология эътироф карда мешаванд;

- хонавода, аввалин ва муҳимтарин ниҳодест, ки дилбастагии эҳсосӣ, эътимод ва меъѐрҳои ибтидоиро ташаккул медиҳад;

- муассисаҳои таълимӣ, ки меъѐрҳои рафтор, интизом, ангезаро ташаккул медиҳанд;

- ҳамсолон, ки ба рушди худшиносӣ, мустақилият, иҷтимоӣ тавассути ҳамкории баробар мусоидат мекунанд;

- ба нишондиҳандаҳои арзиш, тарзи зиндагӣ, худбаҳодиҳӣ таъсир расонида мешавад». [75, с.216]

Э. Эриксон дар асараш «Шахсият: ҷавонон ва бӯҳрон» қайд кардааст, ки:

- «вайроншавии мутобиқсозӣ: ҷудокунӣ, рафтори девиантӣ, номувофиқатии иҷтимоӣ;

- тафовутҳои инфиродӣ: мизоҷ, намуди шахсият, сатҳи рушди тафаккури эҳсосӣ;

- омодагии психологӣ барои азхудкунии нақшҳои иҷтимоӣ;

- буҳрони синну сол (масалан, буҳрони наврасон, буҳрони ҳувият) аст». [189, с.51]

Инчунин, шароити психологии мутобиқсозии муваффақ, ба монанди фазои мусоиди эҳсосӣ дар оила, муҳити дастгирии коллектив, мавҷудияти амсилаҳои мусбати нақшҳо, дастрасӣ ба маълумоти созанда аҳамияти калон доранд.

Психология мутобиқсозиро ҳамчун ҷанбаи муҳимми рушди шахсият меҳисобад, ки ҳамгироии онро ба ҷомеа ва ташаккули намунаҳои муносиби рафтор таъмин мекунад. Раванди мутобиқсозӣ дар илми психологӣ ҳамчун роҳи мураккаб, бисѐрқабата ва фардӣ, ки аз коркарди дохилии таъсири иҷтимоӣ мегузарад, фаҳмида мешавад.

Огоҳии механизмҳо ва марҳилаҳои иҷтимоӣ ба мутахассисони соҳаи психология, педагогика ва ходимони ҷамъиятӣ имкон медиҳад, ки стратегияҳои муассири ҳамроҳии шахсро дар марҳилаҳои гуногуни синну сол ва мутобиқи ҳаѐти ӯ таҳия кунанд, чунки мутобиқсозии муваффақ асоси солимии равонӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва рушди шахсӣ мебошад.

А.Давлатшоева дар рисолаи худ менависад, ки «Иҷтимоишавӣ ҳамчун раванди ташаккули шахсият дар ҷомеа дар соҳаҳои гуногуни фаъолият хусусиятҳои худро дорад. Он дар заминаи илмҳои ҳарбӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст. Вазифаи он на танҳо мутобиқ намудани шахс ба муҳити иҷтимоӣ, балки ташаккули шахсияти дар касб устувор, интизоми баланд, масъулият, омодагӣ ба фаъолияти хизматӣ ва ҷангӣ дар хизматчиѐни ҳарбӣ мебошад» [66, с 87]. Дар шароити хизмати ҳарбӣ мутобиқсозӣ хусусияти сохтори зинавӣ (иерархӣ) ва танзимшаванда дорад.

Дар педагогикаи ҳарбӣ мутобиқсозӣ ҳамчун шарти зарурии ташаккул ва фаъолияти хизматчии ҳарбӣ ҳамчун субъекти фаъолияти ҳарбии ба низоми арзишҳо, меъѐрҳо ва рафтор дар Қувваҳои мусаллаҳ қабулшуда ҳисоб карда мешавад. Яке аз ниҳодҳои асосии мутобиқсозӣ дар ин ҷо таҳсилоти ҳарбӣ мебошад, ки тавассути омӯзиш, тарбия ва тайѐр кардани

курсантон, афсарон ва хизматчиѐни ҳарбӣ тибқи шартнома амалӣ карда мешавад.

Дар педагогикаи ҳарбӣ мутобиқсозӣ ҳамчун раванди педагогӣ-психологӣ ва иҷтимоӣ муайян карда шудааст. Педагоги ҳарбӣ В.В. Алексеев дар асараш «Педагогика ва психологияи фаъолияти ҳарбӣ» қайд кардааст, ки:

«- меъѐрҳо ва арзишҳои муҳити низомиро аз худ мекунад;

- нақшҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро аз худ мекунад (тобеъ, фармондеҳ, рафиқ);

- мутобиқшавии хизматчии ҳарбӣ ба шароити хизмати ҳарбӣ, интизоми дастаҷамъӣ ва иерархия (тартиби тобеъият) мутобиқ мешавад» [34, с.112].

Раванди мутобиқсозии ҳарбӣ на танҳо ба мутобиқсозӣ, балки ба ташаккули ҳувияти махсуси ҳарбӣ-касбии инсон равона карда шудааст, ки ин аз мутобиқсозии шаҳрвандӣ фарқ мекунанд.

В. А. Штофф қайд кардааст, ки мутобиқшавӣ дар артиш бо чунин аломатҳо фарқ мекунад:

«- иерархия (тартиби тобеияти возеҳ, низоми фармонҳо);

- расмикунонӣ (танзими рафтор аз рӯйи оинномаҳо);

- дастаҷамъӣ (рушди ҳисси якдигарфаҳмӣ ва дастгирии ҳайати шахсӣ);

- тобоварии касбӣ (таҳаммулпазирӣ, душвории касбӣ, омодагӣ ба хатар);

- самти миллӣ-давлатӣ (ташаккули ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан) яке аз ҷиҳатҳои фарқкунандаи мутобиқшавӣ мебошад» [184, с.83].

Таълими ҳарбӣ низоми чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ мебошад, ки ба тайѐрии касбӣ ва ташаккули шахсияти хизматчии ҳарбӣ равона карда шудааст. Он дар:

- донишкадаҳои ҳарбӣ (академияҳои ҳарбӣ, донишкадаҳо);

- марказҳои таълимӣ;

- курсҳои бозомӯзии афсарӣ;

- низоми омӯзиши доимии касбӣ роҳандозӣ карда мешавад.

В. И. Губко дар асараш: «Таълими ҳарбӣ: таърих ва замони муосир» вазифаҳои асосии таълими ҳарбиро чунин муайян намудааст:

«- аз худ кардани дониш ва малакаҳои махсуси ҳарбӣ;

- хусусиятҳои ахлоқӣ-иродавӣ;

- ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва сиѐсӣ;

- рушди малакаҳои фармондеҳӣ ва идоракунӣ». [64, с.97]

Мутобиқсозии ҳарбӣ аз марҳилаҳои зерин мегузарад:

1. Давраи мутобиқсозии муайянкунанда - ҳангоми ба хизмат ѐ донишкадаи ҳарбӣ дохил шудан. Ба он сатҳи баланди душвории касбӣ, аз нав тасаввур кардани арзишҳо хос аст.

2. Ташаккули меъѐрҳои устувори рафтор ва муқаррарот -мустаҳкам кардани меъѐрҳои оинномавӣ, азхудкунии нақши хизматчии ҳарбӣ.

3. Ҳамгироӣ бо коллективи ҳарбӣ - ташаккули ҳувият, ҳамкорӣ аз рӯйи принсипҳои тобеият ва кумаки мутақобила.

4. Мутобиқсозии касбӣ-ташаккули малакаҳои фармондеҳӣ, роҳбарӣ, роҳбаладӣ.

Муҳаққиқ С.В. Костерин байни мушкилотҳои асосии мутобиқсозии наваскарон зеринҳоро муҳим мешуморад:

«- мушкилоти мутобиқсозии наваскарон (душвории касбӣ, интизориҳо, муноқиша);

- зуҳури эҳтимолии муносибатҳои ғайриқонунӣ;

- таъсири зерфарҳангҳои харобиовар (масалан, хизматсолорӣ);

- норасоии роҳбаладон ва мутахассисони соҳибихтисос;

- зарурати ба назар гирифтани тафовутҳои инфиродиву равонии ҳар як шахс» мебошад. [97, с.67]

Таълими муосири ҳарбӣ бояд на танҳо ба интизом ва фармондеҳӣ, балки ба рушди шахсият, хислатҳои роҳбарӣ, зеҳни эҳсосӣ ва шуури ҳуқуқӣ низ равона карда шавад.

Ҳамин тариқ, мутобиқсозӣ дар заминаи илмҳои ҳарбӣ шакли махсуси воридшавии шахс ба низоми қувваҳои мусаллаҳ буда, дар он дар баробари

меъѐрҳои умумиҷамъиятӣ муқаррароти хос, нақшҳо ва намунаҳои рафторӣ низ ташаккул меѐбанд. Таълими ҳарбӣ дар таъмини мутобиқи самаранок нақши калидӣ дошта, он омӯзиш, тарбия, омодагӣ ва ташаккули ҳувияти касбиро дар бар мегирад.

Фаҳмиши амиқи механизмҳо, марҳилаҳо ва мушкилоти мутобиқсозии ҳарбӣ имкон медиҳад, ки равандҳои мутобиқсозӣ ва баланд бардоштани қобилияти ҷангии ҳайати шахсӣ, инчунин ташаккули муносибатҳои устувори ватандӯстона ва ахлоқӣ дар хизматчиѐни ҳарбӣ беҳсозӣ карда шаванд.

Таҳсилоти муосир на танҳо барои ташаккул додани дониш, малака ва маҳорати муайян дар курсантон, балки омода кардани шахс ба ҳаѐт дар ҷомеа, инчунин вазифаи мутобиқатро низ иҷро мекунад. Қайд кардан лозим аст, ки педагоги маъруфи тоҷик Б.Р. Қодиров дар монография худ менависанд «Мутобиқсозӣ дар раванди таълими фанҳои табиӣ-риѐзӣ, аз ҷумла, математика, физика, химия, биология, информатика, технологияи иттилоотӣ ва ғайра низ ҷолиб аст. Дар назари аввал, ин фанҳо хусусияти қатъии маърифатӣ дошта, ба мантиқ, тафаккури абстрактӣ ва дониши объективӣ нигаронида шудаанд» [105, с 164]. Аммо, ҳангоми баррасии бодиққат маълум мешавад, ки таълими табиию риѐзӣ инчунин вазифаҳои муҳимми мутобиқсозиро иҷро мекунад. Тавассути ин фанҳо хусуситҳои шахсият, аз қабили масъулият, фидокорӣ, интизом, эҳтиром ба ҳақиқати илмӣ, қобилияти кор дар гурӯҳ ва ғайраҳои ташаккул меѐбанд.

Иҷтимоишавӣ ин раванди ворид гардидани шахс ба муҳити иҷтимоӣ тавассути азхудкунии меъѐрҳо, арзишҳо, нақшҳо ва намунаҳои рафтор мебошад. Дар шароити коллектив ва донишкада мутобиқсозӣ тавассути раванди таълим, фаъолияти тарбиявӣ, ҳамкорӣ бо омӯзгорон ва ҳамсолон амалӣ карда мешавад.

Б.М. Бим-Бад дар мутобиқсозӣ муҳиммияти фанҳои табий риѐзиро қайд мекунад. «Дар фанҳои табиию риѐзӣ мутобиқсозӣ на бевосита, балки тавассути:

- рушди фарҳанги зеҳнӣ;

- ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ;

- рушди малакаҳои коммуникатсионӣ ҳангоми кор дар гурӯҳҳо, лоиҳаҳо;

- иштирок дар олимпиадаҳо, конференсияҳои илмӣ, лоиҳаҳои таҳқиқотӣ амалӣ мегарданд.

- ин фанҳо ба ҳамгироии шахс ба гурӯҳи олимон ва омӯзгорон мусоидат мекунанд» [48, с.23].

Ҳамчунин, муҳаққиқи соҳаи ҳарбӣ М.И. Махмутов дар масъалаҳои асосии назария таъкид мекунад, ки «Математика, физика ва дигар илмҳои табиӣ дар курсантон тафаккури объективӣ, исботӣ ва оқилонаро ташаккул медиҳанд. Ин ба рушди хусусиятҳо, аз қабили ростқавлӣ, объективӣ, ҷустуҷӯйи ҳақиқат, ки барои мутобиқшавӣ дар муҳити касбӣ ва илмӣ муҳим аст, мусоидат мекунад» [121, с.141].

Омӯзиши илмҳои дақиқ риояи мантиқ, пайдарҳамӣ ва қоидаҳоро талаб карда, ба курсантон ҳисси масъулият, худдорӣ, эҳтиром ба меъѐрҳо ва тартиботро ташаккул медиҳад. Ин хусусиятҳои муҳимми мутобиқсозии ҳарбӣ маҳсуб меѐбанд.

Е. С. Полат қайд менамояд, ки: «Дар педагогикаи муосир фанҳои табиию риѐзӣ бештар тавассути фаъолияти лоиҳавӣ, корҳои таҳқиқотӣ, ҳалли мушкилот дар гурӯҳҳо омӯзонида мешаванд. Ин малакаҳои муоширатӣ, қобилияти ҳамкорӣ, ҳалли низоъҳо, тақсимоти нақшҳо - ҷузъҳои асосии салоҳияти мутобиқшавиро ташаккул медиҳад» [150, с.189].

Гарчанде ки илмҳои табиӣ «бетараф» ҳисобида шаванд ҳам, онҳо самтҳои арзишӣ - эҳтиром ба табиат, хоҳиши ҳифзи муҳити зист, ростқавлии илмӣ ва масъулият барои оқибатҳои кашфиѐт (масалан, дар химия, биология, технологияи иттилоотӣ) доранд.

И. А. Зимняя дар асараш «Психологияи маърифат» нақши омӯзгорро чунин қайд мекунад: «Омӯзгори илмҳои дақиқ на танҳо ҳамчун интиқолдиҳандаи дониш, балки ҳамчун:

- намунаи рафтор (дақиқ, серталаб, одил);

- ташкилкунандаи кори дастаҷамъӣ;

- устод дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ;

- роҳнамоии самтҳои арзишнок (хусусан, дар масъалаҳои экология, этикаи ҳарбӣ ва ғайра) дониста мешавад» [76, с.97].

Мутобиқшавӣ дар фанҳои табииву риѐзӣ на бевосита, балки тавассути равандҳои таълимӣ ва коммуникатсионӣ, рушди тафаккур, ҷаҳонбинии илмӣ, малакаҳои ҳамкорӣ ва фаъолияти таҳқиқотӣ амалӣ карда мешавад. Фанҳои номбаршуда ба ташаккули шахсияте, ки қобилияти тафаккури интиқодӣ, арзѐбии объективии воқеият, кор дар гурӯҳ ва масъулият барои қарорҳои қабулшударо доранд мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, таълими илмҳои табииву риѐзӣ дар ҳамгироии шахс ба ҷомеа, хусусан, дар муттахасисони соҳаи илмӣ-техникӣ нақши муҳим мебозад.

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда метавон муқаррароти асосии зеринро таҳия кард:

1. Мутобиқсозӣ ҳамчун раванди бисѐрҷониба на танҳо дар доираи фанҳои ҷомеашиносӣ, балки дар раванди таълими фанҳои табииву риѐзӣ низ амалӣ карда мешавад. Ин фанҳо ба ташаккули шахсияти курсант, муносибатҳои арзишноки ӯ, нуктаи назар ва тарзи рафтор дар коллектив таъсири назаррас мерасонанд.

2. Дар фанҳои табииву риѐзӣ мутобиқшавӣ ба таври ғайримустақим, тавассути рушди фарҳанги зеҳнӣ ва илмӣ, ташаккули тафаккури мантиқӣ, объективӣ, тарбияи масъулият ва интизом амалӣ карда мешавад.

3. Хусусиятҳои мутобиқсозӣ дар:

- ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ;

- рушди қобилияти кор дар коллектив ҳангоми ҳалли масъалаҳои таҳқиқотӣ зоҳир мегарданд.

4. Омӯзгори соҳаи табииву риѐзӣ дар мутобиқсозии курсантон нақши муҳим мебозад. Вай на танҳо ҳамчун интиқолдиҳандаи дониш, балки

ҳамчун тарбиятгар, ташкилкунандаи муошират, роҳбалад, интиқолдиҳандаи фарҳанг ва меъѐрҳои тафаккури илмӣ баромад мекунад.

5. Мутобиқсозии самаранок тавассути фанҳои табиӣ-риѐзӣ истифодаи технологияҳои муосири педагогиро, аз қабили омӯзиши лоиҳавӣ, равиши STEAM, пайвастшавии байнисоҳавӣ, ташаккули салоҳиятҳои метамавзуӣ ва иҷтимоиро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, хулоса карда мумкин аст, ки фанҳои табииву риѐзӣ дар раванди мутобиқсозии курсантон нақши муҳим доранд, гарчанде он аксар вақт сарфи назар карда мешаванд. Дар рафти омӯзиши математика, физика, химия, биология, информатика ва дигар фанҳои ин соҳа ташаккули хислатҳои муҳимми шахсӣ ва иҷтимоӣ, ки барои зиндагӣ дар ҷомеаи муосир заруранд, ба амал меояд.

Омӯзиши илмҳои дақиқ ба рушди масъулият, худтанзимкунӣ, тафаккури интиқодӣ, объективӣ, қобилияти баҳсбарангез ва ҳамкорӣ мусоидат карда, хатмкунандаи таҳсилотро на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки шахсияти аз ҷиҳати зеҳнӣ ва иҷтимоӣ баркамол месозад.

Мутобиқсозӣ дар фанҳои табиӣ-риѐзӣ дар шароити зерин сурат мегирад:

- пешрафти илмӣ-техникӣ;

- табдили рақамии маориф;

- ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии дониши илмӣ.

Маҳз ин фанҳо омодагии курсантонро барои иштирок дар лоиҳаҳои илмӣ, таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва муҳандисӣ ташаккул дода, дар оянда мутобиқсозии бомуваффақияти ӯро дар соҳаҳои касбӣ ва иҷтимоӣ таъмин мекунанд.

Мутобиқсозии пурраи воситаҳои таълими табиию риѐзӣ талаб мекунанд, ки:

- омӯзгорон нақшаи худро аз нав дида бароянд;

- муассисаҳои таълимӣ барномаҳои интегратсионӣ (ҳамгиро) ҷорӣ намоянд;

- давлат ташаббусҳои илмӣ-таълимиро, ки хусусиятҳои шахсӣ ва мутобиқшавии ҷавононро ташаккул медиҳанд, дастгирӣ намояд.

Пайвастшавии тарбияи зеҳнӣ ва иҷтимоӣ дар заминаи илмҳои дақиқ шарти муҳимми омода кардани шаҳрвандони масъул, фаъол ва соҳибкасби асри XXI мебошад.

Мутобиқсозии шахс як раванди мураккаб ва бисѐрпаҳлуе, ки дар он шахс меъѐрҳо, арзишҳо, нақшҳо ва рафторҳои мутобиқро, ки барои ҳаѐти пурраи ҷомеа заруранд, аз худ мекунад.

Дар педагогикаи иҷтимоӣ мутобиқсозӣ ҳамчун таъсири мақсаднок ва идорашавандаи муҳити таълимӣ ба ташаккули шахсият баррасӣ карда мешавад, дар ҳоле ки дар илмҳои ҳамҷавор (психология, ҷомеашиносӣ) ба ҷанбаҳои табиӣ ва фарҳангии мутобиқсозӣ таъкид мекунанд.

Раванди иҷтимоӣ аз таваллуди инсон оғоз ѐфта, тамоми умр идома меѐбад ва марҳилаҳои гуногун (ибтидоӣ, дуюмдараҷа ва ресосиализатсия)-ро фаро мегирад.

Дар раванди мутобиқсозӣ институтҳо (оила, донишкада, ВАО, давлат ва ғайра), инчунин ҳомилони мутобиқсозӣ, ки дониш, арзишҳо ва муносибатҳои мутобиқро интиқол медиҳанд, аҳамияти муҳим доранд.

Мутобиқсозии самаранок на танҳо ба ҳамгироии бомуваффақияти шахс ба ҷомеа, балки ба ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, хусусиятҳои ахлоқӣ ва масъулияти иҷтимоӣ низ мусоидат мекунад.

Фаҳмидани моҳияти мутобиқсозӣ дар педагогика ва илмҳои марбути он имкон медиҳад, ки стратегияҳои самараноки таълимӣ барои ташаккули шахсияти ҳамоҳангшудаи рушдѐфта, ки қодир ба худшиносӣ ва иштироки фаъол дар ҳаѐти ҷомеа мебошад, таҳия карда шаванд. Бо назардошти хусусияти байнисоҳавии ин мафҳум ҳамгиро кардани равиши фанҳои гуногун барои фаҳмиши ҳамаҷонибаи раванди иҷтимоӣ ва таъмини самаранокии он дар шароити ҷомеаи муосир муҳим аст.

## 1.2. Хусусияти мутобиқсозии касбӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ

Мутобиқсозии касбӣ ин ҷараёни омӯзиши меъёрҳои касбӣ, арзишҳо ва нақшҳои зарурӣ барои фаъолияти муваффақ дар соҳаи муайян мебошад. «Мутобиқсозӣ раванди азхудкунии меъёрҳои иҷтимоӣ, арзишҳо, муносибатҳо, нақшҳо ва рафторҳое мебошад, ки барои фаъолият дар ҷомеа ва ҳамкории самаранок бо дигар одамон заруранд» менависад дар рисолаи худ муҳақиқ» Ш.О.Фозилзода [177, с 78].

Дар шароити хизмати ҳарбӣ ин раванд аҳамияти махсус дошта, он унсурҳои омодагии касбӣ, мутобиқсозии иҷтимоӣ ва устувории психологиро дар бар мегирад. Аҳамияти таҳқиқот ба зарурати фаҳмидани хусусиятҳои мутобиқати касбии хизматчиёни ҳарбӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва таъмини қобилияти ҷангии онҳо дар қуввaҳои мусаллаҳ вобаста аст.

Мутобиқсозии касбӣ дар артиш як қатор хусусиятҳои хос дорад, ки он аз мутобиқсозии касбҳои шаҳрвандӣ фарқ мекунанд. Ин ба шароити ягонаи хизмати ҳарбӣ, хусусиятҳои фарҳанги ҳарбӣ, интизоми сахт ва дараҷаи баланди масъулият вобаста мебошад.

Хизмати ҳарбӣ дар сохтори иерархии дақиқ сохта мешавад, ки дар он ҳар як хизматчии ҳарбӣ ҷои қатъии муайянро ишғол мекунад. Мутобиқсозии касбӣ на танҳо азхудкунии дониш ва малакаҳои касбӣ, балки фаҳмидани ҷойгоҳи худ дар ин иерархия, эҳтиром ба рутбаи баланддошта ва иҷрои фармонҳоро бидуни муҳокима дар бар мегирад. Ин дар хизматчиёни ҳарбӣ ҳисси масъулият ва ӯҳдадориро ба вуҷуд меорад.

Омӯзиши касбӣ ва ҷисмонӣ як ҷузъи калидии омӯзиши касбӣ дар соҳаҳои гуногун, бахусус дар хизмати ҳарбӣ, варзиш ва ҳолатҳои фавқулода ба шумор меравад. Ин намуди тайёрӣ ба ташаккули тобоварии инсон дар ҳолатҳои душвории касбӣ, тобоварӣ, матонат ва қобилияти зуд қабул намудани қарорҳо дар шароити вазнин равона шудааст. Дар шароити муосири талаботи афзоянда фаъолияти касбӣ, омодагии фавқулода омили

зарурии иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои гузошташуда мегардад. Дар кори илмӣ хусусиятҳои омодагии касбӣ ва ҷисмонӣ, муносибати онҳо ва инчунин намунаҳои татбиқ дар амал баррасӣ карда мешаванд.

Омодагии касбӣ- рушди истодагарӣ ба душвории касбӣ, қобилияти идоракунии эҳсосот, ташаккули ҳавасмандӣ ва худтанзимкуниро дар бар гирифта, махсусан, дар илмомузӣ вобаста ба масъулият ва хатарҳои баланд, ба монанди артиш, милитсия, оташнишонӣ, муҳим аст.

Муҳаққиқ И.Абзалов Дар рисолаи худ менависад: «Хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони хадамоти таъҷилӣ мунтазам ба ҳолатҳои фавқулода дучор меоянд, ки ин амалиёти фавриро талаб мекунанд. Аз ин рӯ, барои омодагии касбӣ, назорат кардани тарс, бартараф сохтани изтироб ва дигар эҳсосоти манфӣ таълим дода мешавад» [28, с. 57]. Ба ин усул ҳамчунон омӯзиши идоракунии душвории касбӣ, машварат, дастгирии гурӯҳӣ дохил мешаванд.

Ташаккули ирода, фидокорӣ ва қобилияти амал кардан дар шароити душвор як ҷузъи омодагии касбӣ мебошад. Масалан, амалияи мулоҳиза ва машқҳо дастаҷамъи ба афзоиши тамаркуз ва идоракунии захираҳои дохилӣ мусоидат мекунад.

Тарбияи ҷисмонӣ ба рушди матонат, қувват, суръат ва чолокӣ нигаронида шудааст. Чунончи, муҳаққиқон П.А. Баранов ва И.В. Смирнов оид ба нақши тарбияи ҷисмонӣ чунин қайд мекунанд: «Дар шароити фаъолияти касбӣ, ки бо заҳмати ҷисмонӣ алоқаманд аст, ҳолатҳои фавқулода ва низоми он нақши ҳалкунанда мебозад» [39, с.14].

Намунаҳо:

1) дар артиш барномаҳои машқҳои гуногунҷабҳа ва омӯзиши фосилавӣ маъмул буда, зоҳиран ба рушди ҳамаи хусусиятҳои ҷисмонӣ равона карда шудаанд.

2) дар варзиш даврабандии машқҳо дар марҳилаҳои самарабахш ва барқарорсозӣ бо навбат истифода бурда мешавад.

Омодагии касбӣ ва ҷисмонӣ якдигарро пурра мекунанд. Т.С. Иванова таъкид мекунад, ки «Сатҳи баланди тарбияни ҷисмонӣ ба беҳтар шудани ҳолати равонӣ, паст шудани сатҳи ҳаяҷон мусоидат карда, устувории инкишофѐфтаи педагогӣ ва психологиро ба машқҳои мунтазам зиѐд мекунад» [85, с.41]. Масалан:

1) Даъватшавандагон аз озмоишҳои сахти ҷисмонӣ аз ҷумла, давидан ба масофаҳо, омӯзишҳои задухӯрдӣ ва идоракунии ҳолати ахлоқию маънавӣ мегузаранд. Ин дар шароити воқеӣ барои ба амалиѐтҳои ҷангӣ омода шудан имконият медиҳад.

2) Варзишгарон усули ҳамаҷонибаро истифода бурда, машқҳои мусоиди ҷисмониро бо усули педагогии тасвир ва тамаркуз омехта карда, ба натиҷаҳои ниҳоӣ ноил мешаванд.

3) Хизматчиѐни ҳарбӣ аз санҷишҳои мунтазами ҷисмонӣ ва омӯзиши тобоварии касбӣ мегузаранд, то ба ҳолатҳои ғайричашмдошт ва хатарнок омода бошанд.

Машқҳои самарабахши ҷисмонӣ ҳиссаи ҷудонашавандаи фаъолияти касбии соҳаҳое мебошанд, ки масъулияти баланд ва қобилияти фаъолро дар шароити сахт талаб мекунанд. Усули муосири омодагӣ ба рушди хусусиятҳои ҳамаҷонибаи шахс мусоидат намуда, омодагии иҷрои вазифаҳои мураккабро таъмин мекунанд. Ҳамкории ҷузъҳои психологӣ ва ҷисмонӣ имкон медиҳад, ки самаранокӣ ва бехатарии фаъолият ба таври назаррас баланд бардошта шавад.

Фарҳанги хосси ҳарбӣ маҷмуи меъѐрҳо, арзишҳо, анъанаҳо ва қоидаҳои рафтори хосси қувваҳои мусаллаҳ мебошад. Азхудкунии ин фарҳанг марҳилаи муҳимми мутобиқсозии касбии хизматчиѐни ҳарбӣ мебошад, ки фаъолияти самараноки онҳоро дар муҳити ҳарбӣ таъмин намуда, ба ҳамбастагии коллектив мусоидат мекунад. Фарҳанги ҳарбӣ зери таъсири анъанаҳои таърихӣ, оинномаҳо, интизоми дохилӣ ва меъѐрҳои иҷтимоӣ ташаккул меѐбад, ки он аз дигар соҳаҳои ҳаѐти ҷамъиятӣ фарқ мекунанд. Хусусиятҳои азхудкунии фарҳанги ҳарбӣ, нақши он дар ташаккули касбии

хизматчиѐни ҳарбӣ ва намунаҳои амалӣ дар диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

В.П. Иванов зери фарҳанги ҳарбӣ арзишҳои зеринро ҷудо менамояд:

«- меъѐрҳо ва қоидаҳои рафтор - оинномаҳо, талаботи интизомӣ, қоидаҳои хизмат;

- анъанаҳо ва расму оинҳо - маросими савгандѐдкунӣ, ҷашнҳо, расму оинҳо;

- этикаи ҳарбӣ - мафҳумҳои шараф, вазифа ва садоқат ба савганди ҳарбӣ;

- забон ва рамз - истилоҳоти махсус, аломатҳои фарқкунанда-атрибутикаи ҳарбӣ;

- руҳияи дастаҷамъӣ, кумаки мутақобила, омодагӣ ба фидокорӣ» [82, с.23].

Раванди азхудкунии фарҳанги ҳарбӣ аз лаҳзаи дохил шудан ба муассисаи олии ҳарбӣ ѐ даъват ба хизмати ҳарбӣ оғоз ѐфта, дар тӯли тамоми фаъолияти худ идома меѐбад. А. С. Петров муҳиммияти иштироки хизматчиѐни ҳарбиро дар чорабиниҳо таъкид намуда, марҳилаҳои асосии онҳоро чунин муайян намудааст:

- «наваскарон бо асосҳои ҳаѐти ҳарбӣ, яъне оинномаҳо, қоидаҳои тартиботи дохилӣ шинос мешаванд. Дар ин ҷо нақши роҳбаладон ва фармондеҳоне, ки намунаи ибрат мебошанд, муҳим аст;

- азхудкунии арзишҳо ва меъѐрҳо, ки ба ташаккули ҳувияти касбӣ, ҳисси мансубият ба ҷомеаи низомӣ мусоидат мекунад;

- иштироки хизматчиѐни ҳарбӣ дар чорабиниҳои анъанавӣ бо мақсади ба наслҳои ҷавон интиқол додани арзишҳои фарҳангие, ки барои таҳкиму тарғиби фарҳанги миллӣ мусоидат мекунанд;

- муайян кардани нақши фарҳанги ҳарбӣ дар мутобиқсозии касбӣ;

- риояи дақиқи меъѐрҳо, ки ба нигоҳ доштани тартибот ва қобилияти ҷангии ҷузъу томҳо мусоидат мекунад;

- риояи анъанаҳо ва расму оинҳои муштарак, ки фазои эътимод ва ваҳдатро фароҳам меоранд» [141, с.52].

Мусаллам аст, ки фарҳанги ҳарбӣ ба хизматчиён дар мубориза бо мушкилоти хизмат кумак карда, ҳавасмандӣ ва устувории психологии онҳоро баланд мебардорад. Азхудкунии фарҳанги хоси ҳарбӣ ҷузъи асосии мутобиқсозии касбии хизматчиёни ҳарбӣ мебошад. Ин раванд ҳамгироии шахсро ба гурӯҳи муттахасисони ҳарбӣ таъмин мекунад, меъёрҳо ва арзишҳои заруриро барои хизмат ташаккул медиҳад, барои ҷорӣ намудани интизом ва ҳамбастагӣ мусоидат мекунад. Азхудкунии самараноки фарҳанги ҳарбӣ қобилияти ҷангӣ ва руҳияи қӯшунҳоро баланд бардошта, ҳамчунон ба хизматчиёни ҳарбӣ барои ба талаботи хизмати ҳарбӣ бомуваффақият мутобиқ шудан кумак мекунад.

В.И. Ткачёв бар он ақида аст, ки «Дастаҷамъӣ ва вобастагии мутақобила-мафҳумҳои калидии иҷтимоӣ ва равонӣ буда, дар ҳаёт ва фаъолияти одамон, бахусус, дар муҳити коллективӣ ва касбӣ нақши муҳим доранд» [171, с.24]. Ин мафҳумҳо, махсусан, дар шароите муҳиманд, ки муваффақияти фаъолият аз кори ҳамоҳангшудаи гурӯҳ вобаста аст. Дастаҷамъи дар артиш, коллективҳои истеҳсолӣ, дастаҳои варзишӣ ва дигар соҳаҳо мавҷуд буда, фаҳмиши механизмҳои дастаҷамъӣ ва вобастагии мутақобила ба ташаккули гурӯҳҳои кории самаранок ва ба даст овардани натиҷаҳои баланд мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, мо лозим донистем, ки хусусиятҳои дастаҷамъиро ва вобастагии мутақобила, зуҳурот ва аҳаммияти онҳоро дар ҳаёти касбӣ ва иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Инак, Е. В. Петрова таъкид менамояд, ки «дастаҷамъӣ самти шахс ба сӯйи гурӯҳест, ки дар он манфиатҳо ва ҳадафҳои даста аз манфиатҳои шахсӣ болотар гузошта мешаванд» [144, с.35]. Дар фарҳангҳои дастаҷаъмӣ ҳамкорӣ, дастгирӣ ва кумаки мутақобила қадр карда шуда, дастовардҳои шахсӣ нигоҳи саҳмгузорӣ дар кори умумӣ баррасӣ меёбад.

Дастаҷамъӣ ҳисси мансубият ё худ вобастагии мутақобиларо ташаккул дода, ба рушди робитаҳои иҷтимоӣ мусоидат карда, муноқишаро дар дохили гурӯҳ барҳам медиҳад. Он аз аъзоёни даста талаб мекунад, ки якҷоя

кор карда, қарорҳои умумӣ қабул кунанд ва масъулияти муштарак дошта бошанд. Вобастагии мутақобила ҳолатест, ки дар он муваффақият ѐ нокомии як аъзо бевосита ба аъзои дигари гурӯҳ таъсир мерасонад. Н. С. Иванова оид ба вобастагии мутақобилаи байни аъзоѐни гурӯҳ чунин қайд менамояд: «Он тавассути вазифаҳои муштарак, тақсимоти нақшҳо ва вазифаҳо, эътимоди тарафайн ва масъулият зоҳир меѐбад» [83, с.26].

Вобастагии мутақобила ба намудҳои зерин ҷудо карда мешавад:

- вобастагии мақсадноки мутақобила. Барои иҷрои вазифаҳои умумӣ ҳамкориро талаб мекунад.

- вобастагии мурофиавӣ. Ҳар як иштирокчӣ барои иҷрои вазифаҳои худ аз амалҳои дигарон вобаста аст.

- вобастагии захираҳо. Он мубодилаи захираҳои маҳдудро дар бар мегирад.

Дар артиш дастаҷамъӣ ва вобастагии мутақобила, хеле равшан ба назар мерасанд. Самаранокии ҷузъу томҳо аз кори ҳамоҳангшудаи ҳамаи аъзои гурӯҳ, дастгирии тарафайн ва иҷрои фармонҳо вобаста аст. Ҳар як хизматчии ҳарбӣ на танҳо барои худ, балки барои рафиқонаш низ масъул мебошад.

Бояд зикр намуд, ки ноил гардидан ба муваффақият дар намудҳои дастаии варзиш бидуни муттаҳидӣ ғайриимкон аст. Бозингарон аз ҳамдигар вобастаанд ва ин вобастагӣ сатҳи баланди эътимод ва ҳамкориро талаб мекунанд.

М. В. Козлова оид ба вобастагии мутақобилаи гурӯҳҳо чунин таъкид менамояд: «Дар гурӯҳҳои корӣ вобастагии мутақобила тавассути тақсимоти вазифаҳо ва зарурати амалҳои ҳамоҳангшуда барои ноил шудан ба ҳадафҳои истеҳсолӣ ифода меѐбад» [19]. Масалан:

1) ҳангоми амалиѐти ҷангӣ хизматчиѐни ҳарбӣ ба ҳамдигар такя мекунанд, ки ин зинда мондан ва иҷрои вазифаҳоро таъмин мекунад. Ҳолатҳои қаҳрамонӣ аксар вақт бомасъулият ва дастгирии дастаҷамъӣ алоқаманданд.

2) дар футбол, баскетбол è волейбол муваффақияти даста аз ҳамкории ҳамаи бозингарон, ҳамоҳангсозӣ ва кумаки мутақобила вобаста аст.

3) дар тиҷорат муттаҳиддӣ дар гурӯҳҳои лоиҳавӣ зоҳир мешавад, ки аъзои онҳо барои иҷрои саривақтии вазифаҳо ва ба даст овардани натиҷаи умумӣ аз ҳамдигар вобастаанд.

Муттаҳидшавӣ ва вобастагии мутақобила принсипҳои бунèдии фаъолияти бомуваффақияти гурӯҳӣ мебошанд. Онҳо ба ташаккули дастаҳои муттаҳид ва муассир мусоидат карда, дар он ҳар як аъзо нақш ва масъулияти худро мефаҳмад. Ин принсипҳо дар соҳаҳое, ки сатҳи баланди ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозиро талаб мекунанд, ба монанди хизмати ҳарбӣ, варзиш ва фаъолияти истеҳсолӣ аҳамияти махсус доранд. Рушди дастаҷамъӣ ва дарки вобастагии мутақобила ҳавасмандиро тақвият дода, муоширатро беҳтар мекунад ва самаранокии умумии корро баланд мебардорад.

Ҳамин тариқ, дар артиш мутобиқсозӣ ба ташаккули руҳияи гурӯҳӣ ва малакаҳои ҳамкории дастаҷамъӣ зич алоқаманд аст. Хизматчиèни ҳарбӣ якҷоя кор карданро меомӯзанд, якдигарро дастгирӣ мекунанд, на танҳо барои амалҳои худ, балки барои амалҳои ҳамкорон масъулиятро ба дӯш мегиранд. Ин кор мутобиқсозии ҳарбиро аз бисèр касбҳои ғайринизомӣ, ки ба нафъи афрод ҳастанд, фарқ мекунонад.

Дар шароити рушди босуръати технология ва тағйироти доимӣ дар бозори меҳнат, омӯзиши мунтазам ва рушди касбӣ омилҳои зарурии муваффақияти касб ва рушди шахсӣ мегарданд. Ин бахусус, дар соҳаҳое, ки тахассуси баланд, қабули қарорҳои фаврӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботҳои нав, аз қабили хизмати ҳарбӣ, тиб, технологияҳои иттилоотӣ ва тиҷоратро талаб мекунанд, дуруст аст.

Омӯзиши мунтазам ба нигоҳ доштан ва баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои касбӣ мусоидат карда, рушди касбӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои нав, баланд бардоштани мақом ва ҳавасмандӣ èрӣ мерасонад.

Дар кори илмии мазкур низ хусусиятҳои омӯзиши доимӣ, механизмҳои рушди касбӣ ва инчунин намунаҳои татбиқи онҳо баррасӣ èфтаанд.

Педагоги маъруфи тоҷик М. Лутфуллоев дар асари худ «Дидактикаи муосир» менависанд: «Омӯзиши мунтазам раванди пайвастаи азхудкунии дониш, малака ва салоҳиятҳои нав мебошад, ки барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи меҳнат ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти худ зарур аст» [113, с.94].

Рушди босуръати технология ва тағйир èфтани талабот ба касб дониш ва малакаро дар муддати кӯтоҳ кӯҳна мекунад. Масалан, дар соҳаи ҳарбӣ намудҳои нави силоҳ, тактика ва усулҳое пайдо мешаванд, ки навсозии доимии донишро талаб мекунанд. Дар ин раванд курсҳои такмили ихтисос, машғулиятҳо, семинарҳо, омӯзиши мустақили мавод ва иштирок дар конференсияҳо хеле муҳим мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки рушди касбӣ ин раванди такмили ихтисос, тавсеаи вазифаҳои касбӣ ва ба даст овардани мансабҳои нав мебошад. Ин ҷо афзоиши амсилаӣ, ки пешрафтро дар зинаҳои корӣ ва ҷанбаҳои тавсеаи салоҳиятҳо ва иваз кардани соҳаи фаъолият таъмин менамояд, нақши муҳим дорад. Олими намоèн А. Смирнов дар асараш: «Психологияи иҷтимоии муносабатҳои коллективӣ» оид ба инкишофи зинаи касбӣ чунин ақида дорад: «Рушди амсилаӣ боло рафтан аз зинаи касбиро ифода намуда, афзоиши ҷанбаҳо, васеъ кардани салоҳиятҳо ва тағйир додани соҳаи фаъолият ба самти марбутаро дар бар мегирад» [164, с.12].

Роҳбаладон ба навафсарон ва мутахассисони ҷавон дар мутобиқшавӣ ва рушди онҳо кумак мерасонанд. Фикру мулоҳизаҳои мунтазам ба ислоҳи самти касбӣ ва беҳтар кардани натиҷаҳои кор мусоидат мекунанд.

Рушди бомуваффақияти касбӣ банақшагирии бошуурона, гузоштани ҳадафҳо ва интихоби роҳҳои расидан ба онҳоро талаб мекунад.

Омӯзиши мунтазам асоси рушди касбӣ мебошад. Бе навсозии дониш ва малака ба сатҳҳои нави салоҳият ва масъулият гузаштан ғайриимкон аст. Чунончи:

1) Хизматчиѐни ҳарбӣ мунтазам аз курсҳои такмили ихтисос мегузаронанд, усули нави амалиѐтҳои ҷангиро меомӯзанд, аслиҳа ва техникаи муосирро аз худ мекунанд. Ин омодагии онҳоро барои иҷрои вазифаҳои нав ва пешбарӣ таъмин мекунад.

2) Табибон ва мутахассисони соҳаи тиб дар конференсияҳо иштирок мекунанд, усулҳои нави ташхис ва табобатро азхуд менамоянд, ки бевосита ба сифати нигоҳубин ва имкониятҳои касб таъсир мерасонанд.

Бояд таъкид намуд, ки омӯзиши мунтазам ва рушди касбӣ ҷузъҳои ҷудонашавандаи касб ва рушди шахсӣ мебошанд. Муҳаққиқ В.Г. Фѐдоров дар асараш «Омӯзиш ва рушди кадрҳо дар бозори меҳнати тағйирѐбӣ» оид ба рушди касбӣ чунин таъкид мекунад: «Дар ҷаҳони тағйирѐбии муосир, онҳо имкон медиҳанд, ки мутахассисон ба тағйирот мутобиқ шаванд, сатҳи салоҳияти худро баланд бардоранд ва ба қуллаҳои нави касбӣ ноил гарданд» [174, с.12]. Ташкилотҳо ва мутахассисони касбӣ бояд ба рушди дониш ва малака фаъолона ҳиссагузорӣ карда, шаклҳои гуногуни омӯзишро истифода баранд ва пешрафти касбро мунтазам ба нақша гиранд.

Ҳамин тариқ, хизмати ҳарбӣ ин раванди пайвастаи омӯзиш ва такмил аст. Мутобиқсозии касбӣ аз худ кардани намудҳои нави аслиҳа, усулҳои тактикӣ ва технологияҳоро дар бар мегирад. Илова бар ин, рушди касбӣ барои хизматчиѐни ҳарбӣ имконпазир буда, онҳоро ба рушду такмили ихтисос ҳавасманд мекунад.

Ҳавасмандӣ ва роҳнамоии арзишҳо дар ташаккули рафтор, фаъолияти касбӣ ва мавқеи зиндагии шахс нақши калидӣ мебозад. Дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, хусусан, дар шароити масъулияти баланд ва талаботи мушаххас, ҳавасмандкунӣ хусусиятҳои махсус пайдо карда, нишондиҳандаҳои арзишӣ барои қабули қарорҳо ва амалӣ сохтани онҳо муҳим аст.

В.П. Иванов дар асараш «Ҳавасмандкунӣ ва арзишҳо оиди фаъолияти касбӣ» таъкид мекунад, ки «Ҳавасмандии мушаххас ҳавасмандии

дохилиро инъикос намуда, ба хусусиятҳои хоси касб è муҳити иҷтимоӣ алоқаманд аст, самтҳои арзишӣ бошанд, низоми афзалиятҳоеро инъикос мекунанд, ки дар асоси онҳо рафтор ва ҷаҳонбинии шахс ташаккул меèбад» [81, с.8].

Ҳавасмандии хос ин маҷмуи ангезаҳо ва ҳавасмандии дохилӣ мебошад, ки таҳти таъсири хусусиятҳои фаъолияти касбӣ, муҳити иҷтимоӣ ва хусусиятҳои шахсӣ ташаккул меèбанд. И.В. Смирнов оид ба ҳавасмандии дохилӣ чунин таъкид мекунад: «Он рафторро роҳнамоӣ, садоқатро дастгирӣ карда, барои ноил шудан ба ҳадафҳои касбӣ ва шахсӣ мусоидат мекунад» [166, с.14].

Ҳавасмандии дохилӣ ба худинкишофдиҳӣ, худтаъминкунӣ ва ҳисси вазифа такя карда, ба ҳавасмандии моддии беруна, яъне ба мукофоти моддӣ, эътироф ва мақом майл дорад.

Дар баъзе ихтисосҳо, масалан, дар соҳаи ҳарбӣ, ҳавасмандӣ аксар вақт бо ҳисси ватандӯстӣ, омодагӣ ба фидокорӣ ва хизмат ба ҷомеа алоқаманд аст, ки аз ин ҷиҳат он аз ҳавасмандии соҳаҳои дигар фарқ мекунад. А.С. Петрова чунин таъкид менамояд: «Нишондиҳандаҳои арзишӣ ин принсипҳо ва эътиқоди устувори ҳаèт буда, афзалиятҳои шахсиятро муайян мекунанд ва ба интихоби ҳадафҳо ва роҳҳои расидан ба онҳо таъсир мерасонанд» [141, с.46]. Он арзишҳои ахлоқӣ, касбӣ, иҷтимоӣ ва шахсиро дар бар мегирад. Масалан, дар хизмати ҳарбӣ арзишҳо ба монанди шараф, интизом, садоқат ба савганди ҳарбӣ аҳамияти махсус доранд.

Бояд гуфт, ки арзишҳо барои ташаккули ҳавасмандии дохилӣ ва муайян кардани дараҷаи иштирок дар фаъолият асос мебошанд. Ҳавасмандии мушаххас ба самтҳои арзишӣ асос èфтааст ва афзалиятҳои инфиродӣ ва гурӯҳиро инъикос мекунад. М.В. Кузнетсова оид ба мотиватсияи мушаххас чунин андеша дорад: «Ҳар қадаре ки ин арзишҳо ба талаботи касб мувофиқат кунанд, ҳамон қадар сатҳи ҳавасмандӣ ва қаноатмандии кор баландтар мешавад» [20, с.32].

Чунончи:

1) Хизматчиѐни ҳарбӣ аксар вақт барои хизматҳои шоиста, адои хизмати арзанда дар назди Ватан ҳавасманд карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои арзишӣ, ба монанди шараф ва интизом, ҳавасмандии дохилиро дастгирӣ карда, дар мубориза бо мушкилоти хизмат кумак мекунанд.

2) Табибон ва ҳамшираҳои шафқат аз арзишҳои кумак ва нигоҳубини одамон роҳнамоӣ карда, ҳавасмандии дохилиро барои рушди доимии касбӣ ва беҳтар кардани сифати кор ташаккул медиҳанд.

3) Омӯзгороне, ки ба арзишҳои таҳсилот ва интиқоли дониш таваҷҷуҳ менамоянд, ҳавасмандии баланди ботинӣ ва муқовимат ба хастагии касбӣ нишон медиҳанд.

Ҳавасмандии мушаххас ва самтҳои арзиш унсурҳои асосии фаъолияти касбӣ ва рушди шахсӣ мебошанд. Онҳо самт, собитқадамӣ ва самаранокии рафторро дар соҳаҳои мураккаб ва масъулиятнок таъмин мекунанд. Фаҳмиш ва рушди ин ҷузъҳо ба баланд бардоштани сифати кор, таҳкими руҳияи ахлоқӣ ва қаноатмандӣ аз касб мусоидат мекунад.

А.Г. Краснопѐрова таъкид менамояд, ки «Хизматчиѐни ҳарбӣ аксар вақт аз ангезаҳои ватандӯстӣ, ахлоқӣ ва хизматӣ, ки дар раванди мутобиқсозӣ нақши калидӣ доранд, роҳнамоӣ мекунанд» [99, с.46]. Дар онҳо арзишҳои марбут ба ҳифзи Ватан, бурч ва номус, ки касби ҳарбиро аз аксари касбҳои шаҳрвандӣ афзалият мебахшанд, ташаккул меѐбанд.

Мутобиқсозии касбӣ дар артиш як раванди мураккаби бисѐрҷанбаъ буда, омодагии ҷисмонӣ ва касбӣ, азхудкунии фарҳанги ҳарбӣ, мутобиқшавӣ ба кори дастаҷамъӣ ва ташаккули арзишҳои мушаххасро муттаҳид месозад. Ин хусусиятҳо самаранокии баланд ва қобилияти ҷангии қувваҳои мусаллаҳро таъмин менамоянд. Ба хусус хизмати ҳарбӣ аз хизматчиѐни ҳарбӣ дар вазъияти тангии асаб интизоми баланд, масъулият ва қобилияти корро талаб мекунад.

Раванди мутобиқсозӣ аз лаҳзаи даъват è дохил шудан ба муассисаи таълимии ҳарбӣ оғоз èфта, дар тӯли тамоми хизмати ҳарбӣ идома меèбад. С.И. Кучмиева таъкид менамояд, ки омилҳои ҳавасмандгардонии иҷтимоии касбии курсантон дар давраи худсанҷӣ дар донишкада давраҳои зеринро дар бар мегирад:

- «шиносоӣ бо фарҳанг ва анъанаҳои ҳарбӣ. Ба наваскарон оинномаҳо, расму оинҳои ҳарбӣ ва меъèрҳои рафтор таълим дода мешавад;

- ташаккули малакаҳои касбӣ, ки ба азхудкунии техникаи ҳарбӣ, аслиҳа ва тактика вобаста аст;

- мутобиқати психологӣ, яъне одат кардан ба реҷаи артиш, ҳамкорӣ дар коллектив, бартараф кардани душвории касбӣ, изтироб вобаста аст.

- ҳамгироии иҷтимоӣ: ҳамкорӣ бо ҳамхизматон, фармондеҳон ва шарҳрвандон» [104, с.47].

Зимни мушоҳидаи раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон як қатор ҳолатҳо муайян карда шуданд. Чунончи:

1) Таҳқиқот нишон медиҳад, ки наваскарон аксар вақт дар мутобиқ шудан ба тартиботи низомӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин мушкилот ба омодагии касбӣ ва паст шудани ҳолати омодагии ҷангии онҳо оварда мерасонад. Дар ин росто онҳоро тавассути роҳнамоӣ ва кумаки касбӣ дастгирӣ намудан муҳим аст.

2) Фармондеҳон ва роҳбаладоне ки намунаи ибрат ба афсарони хурд мебошанд, дар раванди мутобиқсозӣ нақши калидӣ мебозанд, аз ин сабаб хусусияти роҳбарӣ ва қобилияти таълимии онҳо ба самаранокии ҷузъу томҳо бевосита таъсир мерасонад.

3) Баъд аз озод шудан аз хизмати ҳарбӣ бисèр хизматчиèни ҳарбӣ бо зарурати мутобиқ шудан ба ҳаèти шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Барномаҳои бозомӯзии касбӣ ба онҳо барои касбҳои навро омӯхтан ва бомуваффақият ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ворид шудан кумак мерасонанд.

Аз ин бармеояд, ки мутобиқсозии касбӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ як раванди гуногунҷабҳа буда, омӯзиш, мутобиқшавӣ ва ҳамгироиро дар бар

мегирад. Татбиқи бомуваффақияти он ба баланд бардоштани қобилияти ҷангии қувваҳои мусаллаҳ ва суботи хизматчиѐни ҳарбӣ мусоидат мекунад. Бояд таъкид кард, ки хизматчиѐни ҳарбӣ гурӯҳи махсуси мутобиқ ба касб мебошанд, ки фаъолияти онҳо бо дараҷаи баланди масъулият, интизоми ҳарбӣ ва шароити махсуси хизмат алоқаманд аст. Хусусиятҳои психологиву педагогии хизматчиѐни ҳарбӣ ба талаботи беназири хизмати ҳарбӣ, ки ба ҳолати психологӣ, рафтор ва раванди тарбия таъсир мерасонанд, вобаста аст. Фаҳмидани ин хусусиятҳо барои омодагии самаранок, мутобиқсозӣ ва дастгирии хизматчиѐни ҳарбӣ, инчунин баланд бардоштани қобилияти ҷангӣ ва ҳамбастагии коллективҳои ҳарбӣ муҳим аст.

Дар Оинномаи интизоми ҳарбӣ чунин пешбини шудааст: «Интизоми баланди ҳарбӣ бо усули зайл ба даст оварда мешавад:

- тавассути тарбияи хизматчиѐни ҳарбӣ бо сифатҳои баланди ахлоқӣ-маънавӣ ва ҷангӣ, итоати бошууронаи онҳо ба командирон (сардорон);

- тавассути масъулияти шахсии ҳар як хизматчии ҳарбӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ ва талаботи оинномаҳои ҳарбӣ;

- тавассути нигоҳ доштани интизоми дохилӣ дар қисми ҳарбӣ (ҷузъу томҳои ҳарбӣ) ва риояи қатъии тартиботи рӯзнома аз ҷониби ҳамаи хизматчиѐни ҳарбӣ;

- тавассути ташкили дақиқи омодагии ҷангӣ ва ба он фаро гирифтани тамоми ҳайати шахсӣ;

- тавассути серталабии ҳаррӯзаи командирон (сардорон) нисбат ба тобеон ва назорати вазифашиносии онҳо, нигоҳ доштани эҳтироми шахсии хизматчиѐни ҳарбӣ ва нисбат ба онҳо зоҳир намудани ғамхории доимӣ, моҳирона ба ҳам пайвастан ва истифодаи дурусти тадбирҳои боварикунонӣ, маҷбурсозӣ ва таъсири ҷамъиятии коллективӣ;

- тавассути дар қисми ҳарбӣ (ҷузъу томҳо) фароҳам овардани шароитҳои моддию маишии зарурӣ» [14].

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мо кӯшиш ба харҷ додем, ки хусусиятҳои асосии психологиву педагогии хизматчиѐни ҳарбӣ, механизмҳои ташаккули онҳо ва намунаҳои амалияро ба риштаи таҳқиқ кашем.

Хизмати ҳарбӣ бо хатар ва ҳолатҳои душвории касбӣ алоқаманд буда, аз хизматчиѐни ҳарбӣ, дар шароити фавқулода ором будан ва қарори мувофиқ қабул карданро талаб мекунад.

Педагоги маъруфи рус А.П. Иванова қайд мекунад, ки: «Омодасозии хизматчиѐни ҳарбӣ раванди мураккаби бисѐрҷонибаи педагогие буда, дар ҳар як кишвар хусусиятҳои худро дорад ва ин хусусиятҳо аз заминаи таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вобаста аст» [79, с.45].

Бояд таъкид кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи маориф» амал мекунад, ки намудҳои таҳсилот, стандартҳо, аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ ва дигар санадҳои меъѐрию ҳуқуқиро танзим менамояд [5, с.19]. Инчунин низоми таҳсилоти миѐнаи касбӣ ва олии касбӣ, таҳсилоти доимии калонсолон ва таҳсилоти иловагӣ мавҷуданд

Захираҳои маҳдуд, инфрасохтор, масофаи баъзе минтақаҳои ҷойгиршавӣ, дастрасии нақлиѐт, шароити иқлимӣ ин ҳама ба имкониятҳои омӯзиш, таъминот, омодагӣ (ҷангӣ, ҷисмонӣ, тактикӣ ва ғайра) таъсир мерасонад.

Тафовут дар заминаи таълимӣ дар байни хизматчиѐни ҳарбӣ метавонад аз онҳое, ки маълумоти миѐна доранд ва онҳое, ки донишкадаҳоро хатм кардаанд, назаррас бошад. Ин ба афзалияти омӯзиш талаботи иловагӣ мегузорад.

Аз рӯйи назарияи педагогикаи ҳарбӣ, инчунин амалия дар кишварҳои ИДМ, хусусиятҳои асосии дар шароити Тоҷикистон татбиқшавандаро ҷудо кардан мумкин аст:

- самти амалии дониш, маҳорат ва малакаҳои хизматчиѐни ҳарбӣ фавран, дар фаъолияти хизматӣ ва ҷангӣ истифода мешавад. Ин бошад

вазифаҳои омӯзишӣ ва ҷангӣ дар раванди таълим муттаҳид шуданашро талаб мекунад.

- омӯзиши пайваста ва фаъолияти хизматӣ аз омӯзиш ва хизмат ҷудо карда намешавад, аксар вақт дар қисмҳо, майдонҳо, ҳангоми омодагии ҷангӣ дар ҳамгироӣ истифода мегарданд;

- хусусиятҳои даврӣ, ки даврaҳои алтернативии сарборӣ ва амалия зиѐд, мавҷудияти соли таҳсил, семестрҳо, даврaҳо, ҳафтаҳо ва ҳатто даврaҳои омӯзиширо дар бар мегиранд;

- омодагии гурӯҳӣ ва инфиродӣ, ки омӯзиши ҷузъу томҳо, гузоришҳои ҷанговарон, кор дар гурӯҳ ва рушди масъулияти шахсии ҳар як афсарро дар бар мегирад;

- талаботи баланд ба ҳолати ахлоқӣ-психологӣ ва ҳолати ҷисмонӣ, яъне тобоварӣ, интизом, ҳавасмандӣ, ахлоқ, омодагӣ ба шароити фавқулода;

- баҳисобгирии фарқиятҳои синну сол, шахсият ва касбияти хизматчиѐни ҳарбӣ, яъне синну сол, омодагии қаблӣ, хусусиятҳои психологӣ, омодагии ҷисмонӣ. Усули омӯзиш бояд ба ин хусусиятҳо мутобиқ карда шаванд;

- кор дар асоси ҳавасмандӣ ва интизом кори тарбиявӣ, ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, масъулият, дастаҷамъӣ. Дар ин рост қатъият муҳим аст, аммо муносибати эҳтиромона, адолат низ бояд ба назар гирифта шавад;

- истифодаи усули назорат ва арзѐбӣ, яъне санҷиши мунтазами дониш, малака, маҳорат ва омодагии ҷисмонӣ; арзѐбии машқҳои ҷангӣ, тактикӣ, таҳлили хатогиҳо.

- дар асоси таҳқиқи адабиѐт ва махсусиятҳои минтақа мушкилот ва хусусиятҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

- маҳдудияти мавод, имконияти техникӣ. Нокифоя будани таҷҳизоти муосир, воситаҳои таълим, майдонҳои тактикӣ метавонад сифати омодагии амалиро паст кунад;

- захираҳо дар минтақаҳои дурдасти кӯҳӣ – таъминоти моддӣ, иқлим, дастрасӣ ба инфрасохтор мушкилот эҷод мекунанд;

- сатҳи ҳавасмандӣ ва ғояҳо оид ба хизмати ҳарбӣ. Дар ҷомеа муносибати гуногун оид ба хизмати ҳарбӣ вуҷуд дорад. Корҳои тарбиявӣ, таълимӣ, ватандӯстонӣ бояд тақвият дода шавад;

- ҳайати кадрии омӯзгорон мутахассисоне, ки омодагии педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи амалиро якҷоя мекунанд, зарур аст;

- фарқи омӯзиши асосӣ дар байни хизматчиёни ҳарбӣ ба муносибати фарқкунанда, шояд ба дарсҳои иловагӣ ниёз доранд;

- омодагии педагогӣ-психологӣ дар шароити фавқулодаи амалиётҳои ҷангӣ. Ҳолатҳои алоҳидаи фавқулода, минтақаи кӯҳӣ, марз бо минтақаҳои хатарнок тобоварӣ ҷисмони ва ҳарбиро талаб мекунад.

Омодагии хизматчиёни ҳарбӣ ба хизмат дар Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хосси педагогии худро дорад, ки ба шароити географӣ, захираҳо, фарҳанг ва сатҳи таҳсилоти кишвар вобаста гӣ дорад. Педагоги маъруфи тоҷик Иматзода Лутфия дар рисолаи доктории худ менависанд, ки «Мутобиқсозии ин раванд тавассути равиши ҳамаҷониба, аз ҷумла беҳтар кардани заминаи моддӣ, бозомӯзии кадрҳо, ҷорӣ кардани усули инноватсионӣ, баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва таҳкими корҳои ахлоқию маънавӣ ва тарбиявӣ имконпазир аст» [88, с. 86]. Дар ин ҳолат, мувозинати байни талаботи хизмат ва эҳтиром ба хусусиятҳои шахсии хизматчиёни ҳарбӣ, ба назар гирифтани фарқияти омодагии ибтидоӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои рушд муҳим мебошанд.

Омӯзиши хизматчиёни ҳарбӣ бояд бо назардошти хусусиятҳои педагогӣ -психологии онҳо ва истифодаи усули дахлдори педагогӣ ба роҳ монда шавад. Масалан, рушди тобоварии ба хизмати ҳарбӣ тавассути омӯзиш дар шароити тақлидӣ ва тарбияи руҳияи взвод тавассути машқҳои дастаҷамъӣ ва мусобиқаҳо ба даст оварда мешавад, чунончи:

1) тақлид ба ҳолатҳои амалиётҳои ҷангӣ ба рушди тобоварии ба хизмат ва малакаҳои қабули қарорҳо мусоидат мекунад.

2) кор кардани мутахассисон бо хизматчиѐни ҳарбӣ ба рафъи душвории касбӣ ва афзоиши ҳавасмандӣ мусоидат мекунад.

3) гузаронидани чорабиниҳои мунтазам, ки ба таҳкими арзишҳои ахлоқӣ ва ватандӯстӣ равона шудаанд.

Хусусиятҳои педагогӣ-психологии хизматчиѐни ҳарбӣ ба хусусияти хизмати ҳарбӣ вобаста буда, муносибати маҷмуиро нисбат ба тайѐрӣ ва тарбияи онҳо талаб мекунанд. Баҳисобгирии ин хусусиятҳо, ки самаранокии таълимро баланд бардошта, омодагии педагогӣ-психологӣ барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ таъмин мегардонад ва ба ташаккули коллективи муттаҳид намуда, ба қобилияти ҷангидан имкон медиҳад.

Ҳамгироии донишҳои технологияҳои педагогӣ ва психологӣ калиди ташаккули бомуваффақияти касбии хизматчиѐни ҳарбӣ мебошад.

Ҳувияти ҳарбӣ ин дарк ва қабули огоҳии шахс дар бораи нақш, мақом ва мансубият ба касби ҳарбӣ, аз ҷумла арзишҳо, меъѐрҳо ва хусусиятҳои рафтори хоси хизматчиѐни ҳарбӣ мебошад. Ин як сохтори психологӣ ва иҷтимоӣ аст, ки таҳти таъсири муҳити касбӣ, фарҳанги ҳарбӣ ва таҷрибаи шахсии хизматчӣ ташаккул меѐбад.

Хусусиятҳои шахсияти ҳарбӣ инҳоянд:

- робитаи қавӣ доштан бо ташкилоти ҳарбӣ ва ҳайати шахсӣ;

- қабули меъѐрҳои ҳарбӣ, интизом ва кодекси шараф;

- дарки рисолат ва нақши худ дар ҳимояи давлат ва ҷомеа;

- ризоияти дохилӣ бо талаботи хизмат ва омодагӣ ба фидокорӣ.

Ташаккули ҳувияти ҳарбӣ ба ҳамбастагии ҷузъу томҳо мусоидат карда, ҳавасмандӣ ва тобоварии психологии хизматчиѐни ҳарбиро дар шароити масъулияти баланд ва хатар нигоҳ медорад.

Дар Оинномаи интизоми ҳарбӣ чунин қайд шудааст: «Ба мақсади нигоҳ доштани интизоми баланди ҳарбӣ дар қисми ҳарбӣ (ҷузъу том) командир вазифадор аст:

- сифати шахсии тобеонро омӯзад, қоидаҳои муносибати байниҳамдигарии онҳоро, ки оинномаҳои ҳарбӣ муқаррар намудаанд,

нигоҳ дорад, коллективи ҳарбиро муттаҳид созад, дӯстии байни хизматчиѐни ҳарбии миллатҳои гуногунро мустаҳкам намояд:

- вазъи интизоми ҳарбӣ ва ҳолати рӯҳию психологии ҳайати шахсиро донад ва ба дарки умумии талабот, вазифаҳо ва роҳҳои тақвияти интизоми ҳарбӣ аз ҷониби тобеон, ноил гардад» [14, с.1].

Ташаккули касбӣ ин раванди рушди шахсият буда, дар ин раванд хизматчии ҳарбӣ дониш, малака, маҳорат ва меъѐрҳои заруриеро, ки ба иҷрои самараноки вазифаҳои хизматӣ ва ҷавобгӯйи талаботи баланди касби ҳарбӣ имкон медиҳад, ба даст меорад. Раванди ташаккули касбӣ бо рушди ҳувияти ҳарбӣ зич алоқаманд аст, чунки маҳз дарк ва қабули нақши хизматчии ҳарбӣ самаранокӣ ва матонати баланди касбиро таъмин мекунад.

«Шахсияти ҳарбӣ ташаккули касбӣ якдигарро ба вуҷуд меорад. Ҳар қадаре ки ҳувият мустаҳкамтар ва устувортар бошад, ҳамон қадар рушди касбии хизматчии ҳарбӣ амиқтар ва муваффақтар мешавад. Ҳамзамон, раванди ташаккули касбӣ ҳисси мансубият ба касби ҳарбӣ ва коллективро тақвият медиҳад» [26].

Мутобиқсозии касбии хизматчиѐни ҳарбӣ раванди мураккаби ташаккули малакаҳо, меъѐрҳо, арзишҳо ва рафторҳои касбии шахс барои иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои хизматӣ ва ҳамгироӣ ба коллективи ҳарбӣ мебошад. Дар шароити хизмати ҳарбӣ ин раванд як қатор хусусиятҳои хос дорад, аз ҷумла:

- мутобиқсозии касбӣ дар шароити омӯзиши давомнок, омодагии ҷангӣ ва хизмати ҳаррӯза сурат гирифта, барои зуд мустаҳкам кардани малакаҳои касбӣ ва мутобиқ шудан ба хусусиятҳои фаъолияти ҳарбӣ мусоидат мекунад;

- омодагии ахлоқию маънавӣ, ки ба ташаккули омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода ва рушди ҳавасмандӣ барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ равона шудааст, нақши муҳим мебозад;

- мутобиқшавӣ ба атрофиѐни хизматчиѐни ҳарбӣ, аз ҷумла ҳамкорон, фармондеҳон ва роҳбаладон, дар ташаккули ҳувияти касбӣ ва ҳавасмандии дохилӣ таъсири назаррас мерасонанд.

### 1.3. Нақши кори тарбиявӣ дар мутобиқсозии афсарони ҷавон

Қуввахои мусаллаҳи муосир дар назди мушкилоти зиѐде қарор доранд, ки хусусияти тағйирѐбандаи низоъҳо, афзоиши талабот ба ҳайати шахсӣ, зарурати на танҳо тобоварии касбӣ, балки тобоварии шахсӣ, камолоти баланди ахлоқӣ ва омодагӣ ба ҳамкорӣ дар шароити мураккаби иҷтимоӣ аз ҷумлаи онҳоянд. Дар чунин шароит, махсусан, муҳим аст, ки афсари ҷавон на танҳо малакаҳои касбӣ дошта бошад, балки дорои фарҳанги ҳарбӣ-хизматӣ дошта, арзишҳои мутахассисони ҳарбӣ ва умуман ҷомеаро қабул кунад.

Вазифаи кори тарбиявӣ аз он иборат аст, ки ин раванди мутобиқсозӣ - табдил додани афсари ҷавон аз шахси шаҳрвандӣ ба хизматчии ҳарбӣ, дорандаи арзишҳои ҳарбиро ҳамроҳӣ кунад.

Муҳаққиқ В.А. Козирев оид ба вазифаҳои корҳои тарбиявӣ чунин таъкид менамояд: «Корҳои тарбиявӣ ин низоми таъсироти мақсадноки педагогӣ, психологӣ, ахлоқӣ, идеологӣ ва иҷтимоиву ҳуқуқӣ буда, тавассути сохторҳои расмӣ ва ғайрирасмии артиш, ки ба ташаккули хислатҳои шахсии хизматчиѐни ҳарбӣ ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи хизмати ҳарбӣ равона карда шудаанд, амалӣ карда мешаванд» [95, с.21].

Фаҳмиши муосири тарбияи хизматчиѐни ҳарбӣ ҳамчун раванди ҳамаҷонибаи фазоӣ таъкид мекунад, ки тарбия на танҳо таҳлили меъѐрҳо, балки фароҳам овардани шароит барои қабули дохилии арзишҳо ва меъѐрҳои қуввахои мусаллаҳ мебошад. Дар ин раванд ба афсарон, ҳамчун субъектҳои бевоситаи тарбия, нақши махсус дода мешавад, онҳо на танҳо идора мекунанд, балки барои зердастонашон намуна ҳам мешаванд. Педагоги соҳаи ҳарбӣ Ю.И. Михайлов дар он ақида аст, ки: «Афсар

ҳамчун тарбиядаҳандаи тобеъон аст - ин фикри асосӣ дар корҳои омӯзгорон ва амалкунандагони ҳарбӣ таъкид карда мешавад» [124, с. 46].

Муассисаҳои таълимии муосири ҳарбӣ на танҳо вазифаи омода кардани мутахассисони соҳаи мудофиа ва амниятро иҷро мекунанд, балки хислатҳои шахсии афсарони ояндаро низ ташаккул медиҳанд. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини донишкадаҳои ҳарбӣ кори тарбиявӣ мебошад, ки ба ташаккули сатҳи баланди интизоми ҳарбӣ, хусусиятҳои ахлоқию маънавӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва омодагӣ хизмат ба Ватан равона шудааст.

Фаъолияти таълимӣ самаранок, бонизом ва идорашаванда шуданаш, он бояд аз рӯйи аломатҳои гуногун тасниф карда шавад. Чунин таснифот имкон медиҳад, ки шаклҳо, усул ва самтҳои кор бо курсантҳо ба таври возеҳ таркиббандӣ карда, ҳамчунон роҳҳои самараноки таъсири педагогиро муайян кунанд.

Муҳаққиқ Ф.А. Ҳодибоев дар рисолаи илмиаш қайд мекунад, ки «Корҳои тарбиявӣ дар донишкадаи ҳарбӣ ин раванди мақсаднок ва мунтазами таъсиррасонӣ ба курсантҳо бо мақсади ташаккули хусусиятҳои муҳимми касбӣ, муқаррароти устувори ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, ҳисси вазифа, дастаҷамъӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мебошад. Он ҷузъи ҷудонашавандаи раванди умумии таълим буда, камолоти шахсии афсарони ояндаро таъмин мекунад» [181, с.113].

Якчанд равишҳо барои таснифи корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳои ҳарбӣ мавҷуданд. Онҳо ба меъёрҳои гуногун, аз ҳадаф ва мундариҷа то шакли ташкилӣ ва мавзуӣ, таъсир мерасонанд.

Дар ҷадвалҳои зерин таснифи корҳои тарбиявӣ тибқи таъиноти мақсаднок оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.** «Таснифи корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳои ҳарбӣ аз рӯйи таъиноти мақсаднок (самти тарбия)». [189, с.113]

| **Самти тарбия** | **Мақсад ва вазифаҳо** |
|---|---|
| Шаҳрвандӣ-ватанпарварӣ | Ташаккули ҳисси шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан, омодагӣ ба ҳимояи манфиатҳои давлат |
| Ахлоқию маънавӣ | Рушди ахлоқию маънавӣ самтҳои тарбия, ҳисси иҷрои вазифа, шараф, масъулияти шахсӣ |

| | **Давоми ҷадвал** |
|---|---|
| Ҳуқуқӣ | Дониши ҳуқуқӣ ва ӯҳдадориҳои ҳарбӣ, меъёрҳои оинномаи ҳарбӣ ва қонунгузорӣ |
| Психологӣ | Баланд бардоштани сатҳи тобоварии душвории касбӣ, рушди худтанзимкунӣ, хусусиятҳои роҳбарӣ |
| Эстетикӣ | Ташаккули эстетикии завқи фарҳангӣ, ниѐзҳои эстетикӣ |
| Ҷисмонӣ | Рушди ҷисмонии тобоварии ҷисмонӣ, интизом, хусусиятҳои ирода |
| Касбӣ-ҳарбӣ | Ташаккули касбӣ-ҳарбии ҳувияти ҳарбӣ, ҳавасмандии касбӣ |

**Ҷадвали 2.** «Таснифи корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳои ҳарбӣ тибқи таъиноти мақсаднок аз рӯйи шаклҳои ташкилӣ» [189, с.113].

| **Шакли кор** | **Намуна** |
|---|---|
| Инфиродӣ | Суҳбатҳо бо роҳбаладон, дастгирии равонӣ, супоришҳои инфиродӣ |
| Гурӯҳӣ | Дарсҳо бо гурӯҳи омӯзишӣ, взвод, рота; омӯзишҳо, муҳокимаҳо |
| Оммавӣ | Парадҳои тантанавӣ, гирдиҳамоиҳо, консертҳо ва чорабиниҳои умумидонишкада |

**Ҷадвали 3.** «Таснифи корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳои ҳарбӣ аз рӯйи шаклҳои ташкилӣ тибқи усули таъсири педагогӣ» [188, с.67].

| **Усули таъсиррасонӣ** | **Намунаҳо** |
|---|---|
| Иттилоотӣ-маърифатӣ | Лексияҳо, видеоҳо, муҳокимаи хабарҳо, вохӯриҳо бо коршиносони ҳарбӣ |
| Фарҳангӣ-фароғатӣ | Иштирок дар клубҳо, озмунҳо, намоишгоҳҳо, боздид аз осорхонаҳо |
| Фаъолияти ҷамъиятӣ | Аксияҳои ихтиѐрӣ, шанбегиҳо, иштирок дар худидоракунӣ |
| Ҳарбӣ-амалӣ | Машқҳои тактикӣ, навбатдорӣ, баромадҳои саҳроӣ, машғулиятҳои тайѐрии ҷангӣ ва омӯзиши оинномаҳои ҳарбӣ |

**Ҷадвали 4.** «Таснифи корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳои ҳарбӣ аз рӯйи усули таъсири педагогӣ тибқи усули танзим» [188, с.68].

| **Намудҳои корҳои Тарбиявӣ** | **Тавсиф** |
|---|---|
| Нақшавӣ (расмӣ) | Дар нақшаи корҳои тарбиявӣ тасдиқшуда, ҳатмӣ. |
| Ташаббускорӣ (ғайринақшавӣ) | Бо ташаббуси фармондеҳон, омӯзгорон, курсантҳо гузаронида мешавад |

**Ҷадвали 5. «Таснифи корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳои ҳарбӣ тибқи муқаррарот»** [188, с.68].

| **Макони баргузорӣ** | **Шаклҳои кор** |
|---|---|
| Аудиторӣ | Дарсҳои таълимӣ, соатҳои аудиторӣ |
| Берун аз аудиторӣ | Шабнишиниҳо, вохӯриҳо, мусобиқаҳо, маҳфилҳо, экскурсияҳо |
| Саҳроӣ (хизматӣ) | Роҳҳои омӯзишӣ-саҳроӣ, навбатдорӣ, машқҳои ҷангӣ |

**Ҷадвали 6.** «Таснифи корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳои ҳарбӣ аз рӯйи субъекти тарбия» [188, с.68].

| **Субъекти таъсир** | **Намунаҳо** |
|---|---|
| Фармондеҳон ва афсарони тарбиядиҳанда | Роҳбаладони шахсӣ, назорат, арзѐбӣ |
| Омӯзгорон | Корҳои таълимӣ тавассути омӯзиш, намунаи фарҳанги шахсӣ |
| Мутахассисон, муовинони командирон оид ба корҳои сиѐсӣ ва тарбиявӣ | Психодиагностика, ислоҳи рафтор |
| Курсантон (Худидоракунӣ) | Старшина, сержантҳо, иттиҳодияҳои ташаббускор |

Таснифи корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳои ҳарбӣ ба ташаккули шахсияти курсант ҳамчун афсари оянда мусоидат мекунанд. Он тамоми ҷанбаҳои раванди таълим - ҳадафҳо, шаклҳо, усул, иҷрокунандагон ва шартҳои татбиқро фаро мегирад. Ин тартибнокӣ ба ташкили кори самаранок дар тамоми самтҳо, аз тарбияи ватандӯстона то касбӣ, кумак мекунад.

Дар шароити муосир, кори тарбиявӣ бояд ҳаматарафа, ба мушкилот ва ниѐзҳои мубрами ҷавонон мутобиқ бошад. Истифодаи таснифоти ҳаматарафа имкон медиҳад, ки расмиятпарастӣ пешгирӣ карда, самаранокии чорабиниҳои тарбиявӣ баланд бардошта шавад, ин омилҳо барои ташкили ҳайати афсарони кадрӣ воқеан муҳим бошанд.

Иҷтимоишавии шахс ин раванди аз худ намудан ва дар амал татбиқ намудани меъѐрҳои иҷтимоӣ, арзишҳо ва намунаҳои ин рафтор барои зиндагӣ дар ҷомеа зарур мебошад. Дар муҳити ҳарбӣ ин раванд аҳамияти махсус пайдо карда, афсар на танҳо меъѐрҳоро аз худ менамояд, балки интиқолдиҳандаи фарҳанги ҳарбии касбӣ мешавад.

Аз рӯйи ақидаҳои С.В. Овсянников ва Е.В. Шориков: «Ташаккули афсар ҳамчун шахсият дар шароити интизоми баланд, иерархияи институтсионалӣ, талаботи махсуси ахлоқӣ сурат мегирад. Иҷтимоишавӣ дар муҳити ҳарбӣ бояд хусусияти хизмати ҳарбиро, аз ҷумла ватандӯстӣ, масъулият, омодагӣ ба фидокорӣ, идоракунии коллективро ба назар гирад» [22].

Мутобиқсозии афсар è худ иҷтимошавии афсар ин раванди дохил кардани шахс ба муҳити касбии ҳарбӣ, азхудкунии меъèрҳои махсус, нақшҳо, қоидаҳо, анъанаҳо ва идеалҳои хосси хизмати ҳарбӣ мебошад. Хусусиятҳои марбути афсар дар ин раванд инҳоянд:

- дараҷаи баланди танзими меъèрҳои рафтор;
- тобеияти қатъӣ ва иерархия;
- арзишҳои касбӣ (шараф, вазифа, хизмат ба Ватан);
- иштирок дар қабули қарорҳои марбут ба амният ва ҳаèти тобеъон.

Раванди иҷтимоишавии афсар шартан ба якчанд марҳила ҷудо мешавад.

**Ҷадвали 7.** Марҳилаҳои иҷтимоишавии афсарони оянда

| р/т | Марҳила | Мундариҷа ва хусусиятҳо | Мисол |
|---|---|---|---|
| 1. | Мутобиқшавии ибтидоӣ | Дар оила ва муҳити шаҳрвандӣ руҳ медиҳад. Муқаррароти асосии ахлоқӣ, тасаввурот дар бораи хизмат ташаккул меèбанд. | Ташаккули симои «қаҳрамон-афсар» тавассути филмҳо, ҳикояҳо. |
| 2. | Мутобиқшавии касбӣ (таҳсил дар донишкадаи ҳарбӣ) | Оғози азхудкунии меъèрҳои ҳаèти ҳарбӣ, талаботи оинномавӣ, иерархӣ. | Таъмин шудан бо либоси расмии ҳарбӣ, савгандèдкунӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқию маънавӣ |
| 3. | Мутобиқшавии дуюмдараҷа (хизмат дар қӯшунҳо) | Азхудкунӣ ва татбиқи нақшҳои касбӣ: фармондеҳӣ, роҳбаладӣ, ташкилкунанда | Таъин ба вазифа, роҳбарии шуъба |
| 4. | Худшиносӣ ва рушди касбӣ | Идомаи рушди шахсияти афсар, такмили ихтисос, иштирок дар корҳои тарбиявӣ | Фармондеҳии рота, тарбия, иштирок дар банақшагирии стратегӣ ҷузъу томҳо |

Мутобиқшавӣ тавассути механизмҳои гуногун амалӣ карда мешавад, чунончи:

1. Механизмҳои институтсионалӣ. Инҳо муассисаҳои расмие мебошанд, ки ба ташаккули шахсият таъсир мерасонанд:

- таҳсилоти ҳарбӣ;

- амалияи хизматӣ;

- низоми роҳбаладӣ;

- интизоми оинномавӣ.

Масалан, дар Донишкадаи ҳарбӣ курсҳои психологияи ҳарбиро барои он меомӯзанд, ки дар он курсантҳо фаҳмиши масъулияти дастаро ташаккул медиҳад.

2. Механизмҳои коммуникатсионӣ. Онҳо тавассути муошират бо фармондеҳон, ҳамхизматон ва афсарони баландрутба ташкил карда мешаванд. Масалан, афсар услуби идоракунии фармондеҳи худро қабул карда, малакаҳои роҳбариро инкишоф медиҳад.

3. Механизмҳои фарҳангӣ ва арзишӣ. Он тавассути:

- анъанаҳо;

- рамз (парчам, либоси ҳарбӣ);

- расму оинҳо (савганди ҳарбӣ, бардоштани парчам) ташаккул меёбад. Масалан, маросими савганди ҳарбӣ ҳамчун маросими оғози хизмати ҳарбӣ аст.

4. Худшиносӣ ва худсанҷӣ. Аз тарафи худи шахс дарк, таҳлил ва истифода гардидани таҷрибаи гирифташуда, ташаккули ҳувияти касбӣ мебошад. Масалан, афсар аҳамияти тобоварии ахлоқиро ҳангоми иштирок дар амалиёти ҷангӣ дарк мекунад.

**Ҷадвали 8.** Вазифаҳои асосии мутобиқсозии афсари оянда

| **Вазифа** | **Мушаххаскунӣ** |
|---|---|
| Ташаккули вазифа ва масъулияти ҳарбӣ | Дарки масъулият барои ҳайати шахсӣ ва иҷрои вазифаҳо |
| Рушди малакаҳои роҳбарӣ ва гурӯҳӣ | Қобилияти идоракунии коллектив, қабули қарорҳо |
| Азхудкунии арзишҳои ахлоқӣ - маънавӣ ва хизмати ҳарбӣ | Ростқавлӣ, далерӣ, риояи интизоми ҳарбӣ |
| Ташаккули тобоварии ахлоқӣ ва маънавӣ | Омодагӣ ба ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ (фавқулода) ва муҳим |
| Пайвастан ба мутахассисони ҳарбии касбӣ | Иштирок дар анъанаҳои ҳарбӣ, ассотсиатсияҳо, чорабиниҳо |

Раванди мутобиқсозии афсар роҳи мураккаб ва бисѐрқабатаи ташаккули шахсият аст, ки на танҳо омӯзиши расмӣ, балки тағйирѐбии амиқи арзишро низ дар бар мегирад. Афсар бояд на танҳо ба муҳити низомӣ мутобиқ шавад, балки бояд интиқолдиҳандаи фаъоли он, роҳбар, ва роҳбалади зердастонаш гардад.

Самаранокии мутобиқсозӣ бевосита ба қобилияти ҷангии артиш, ҳолати ахлоқию маънавии ҳайати шахсӣ, муқовимат ба душвории касбӣ ва сатҳи фармондеҳӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, вазифаи фармондеҳӣ, ҳайати омӯзгорон ва низоми таълими ҳарбӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои пурра аз марҳилаҳои иҷтимоишавӣ гузаштани афсари оянда мебошад.

Мутобиқсозӣ дар заминаи низоми ин раванди азхудкунии меъѐрҳо, қоидаҳо, нақшҳо, фарҳанг, амалия ва арзишҳои мутахасисони низомӣ аз ҷониби афсари ҷавон мебошад. Тибқи ҷомеашиносии ҳарбӣ марҳилаҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

-мутобиқсозии ибтидоӣ омодагиро дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ ѐ донишкадаҳои ҳарбӣ дар бар мегирад;

-мутобиқсозии дуюмдараҷа - дар қисм, дар ҷараѐни хизмат ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ҳамкорӣ бо коллектив;

-мутобиқсозии доимӣ-дар тӯли тамоми фаъолияти афсарӣ идома дорад.

Муҳаққиқ А.В. Горбунова таъкид бар он аст, ки механизмҳои мутобиқсозии кори тарбиявӣ инҳоянд:

- «ниҳодҳои расмӣ (курсҳои таълимӣ, дастурҳо, дарсҳо аз рӯйи оинномаҳо);

- муносибатҳои ғайрирасмӣ (намунаҳои шахсӣ, роҳнамоӣ, анъанаҳои дохилиҷангӣ, расму оинҳо, таърихи қисми ҳарбӣ);

- тарбияи дастаҷамъӣ (кор бо коллективи взвод, рота, ҷузъу том)» [62, с.12].

Тавре ки дар таҳқиқот қайд карда мешавад, мутобиқсозии ҳарбӣ ҳамчун низоме, ки марҳилаҳо, воситаҳо ва усули ташаккули арзишҳо ва ҳувияти ҳарбиро дар бар мегирад, баррасӣ карда мешавад.

Вазифаҳои кори тарбиявӣ дар заминаи мутобиқсозии афсарони ҷавон инҳоянд:

1.Ташаккули ҳавасмандии дохилӣ барои иҷрои хизмат, ҳисси вазифа, масъулият.

2.Интиқол ва таҳкими арзишҳо: ватандӯстӣ, шараф, интизом, эҳтиром ба анъанаҳо.

3. Рушди устувории ахлоқӣ- маънавӣ, омодагӣ ба озмоишҳо.

4. Мутобиқшавӣ ба муҳити ҳарбӣ: тобеият, кори дастаҷамъӣ, ҳамкорӣ дар коллектив.

5. Пешгирии номувофиқатӣ, рафтори девиантӣ, низоъҳо.

Дар шароити даъват ва таҳдидҳои муосири дар назди давлат қарордошта аҳамияти омодасозии ҳайати афсарони кадрӣ, ки бояд на танҳо дониш ва малакаҳои касбӣ, балки сатҳи баланди камолоти шахсӣ, устувории ахлоқӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дошта бошанд, меафзояд. Дар ин раванд кори тарбиявӣ нақши махсус бозида, воситаи муҳимтарини мутобиқсозии афсарони ҷавон мегардад.

В.А.Чибатарѐв, Л.Т. Лопуха, А.А. Манин дар мақолаи худ менависанд: «Корҳои тарбиявӣ ба афсари ҷавон на танҳо барои ба коллективи ҳарбӣ ҳамроҳ шудани онҳо, балки барои рисолати афсари- роҳбар ва роҳбалад

барои зердастон намуна будан, масъулиятро ба ӯҳда гирифтан низ равона карда мешавад» [19].

Чуноне, ки зикр намудем, мутобиқкунонӣ ѐ худ иҷтимоишавӣ ин раванди воридшавии шахс ба сохтори иҷтимоӣ, азхудкунӣ ва такрори истеҳсоли меъѐрҳо, нақшҳо, арзишҳо ва намунаҳои рафтор дар ҷомеа ѐ гурӯҳи иҷтимоӣ қабулшуда мебошад. Дар шароити хизмати ҳарбӣ ин раванд хусусиятҳои хос касб кардааст. Он дар шароити интизоми сахт, иерархия ѐ худ силсиламаротиб, ҳаѐти танзимшуда ва дараҷаи баланди дастаҷамъӣ мегузарад.

Ба андешаи А.П. Красилников барои мутобиқшавии афсари ҷавон ба хизмати ҳарбӣ ҷиҳатҳои зерро ба инобат гирифтан муҳим аст:

- «мутобиқшавӣ ба муҳити корӣ ва меъѐрҳои қабулшуда;

- ташаккули шахсияти касбии ҳарбӣ;

- рушди хислатҳои роҳбарӣ;

- ба зиммаи худ гирифтани масъулияти ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳайати шахсӣ мебошад» [100, с. 49].

Пас, корҳои тарбиявӣ ин низоми мақсадноки чорабиниҳоест, ки ба ташаккули хислатҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, ватандӯстӣ, психологӣ ва фарҳангии хизматчиѐни ҳарбӣ равона карда шудаанд. Ҳадафҳои асосии корҳои мазкур ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ, рушди хислатҳои роҳбариву коллективӣ, таҳкими интизом ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии рафторҳои номатлуб, ташкили фазои солими ахлоқию маънавӣ дар ҷузъу томҳо мебошад.

Мутобиқшавии афсарони ҷавон марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Марҳилаи ташаккули касбӣ (донишкадаи олии ҳарбӣ). Дар ин ҷо асосҳои ҳувияти ҳарбӣ гузошта мешаванд. Дар ин марҳила корҳои тарбиявии зерин анҷом дода мешаванд;

- дарсҳо аз рӯйи оинномаҳои ҳарбӣ;

- мулоқот бо собиқадорон ва фармондеҳон;

- иштирок дар маросимҳо, расму оинҳо, аксияҳои ватандӯстӣ.

Масалан, курсантони савганди ҳарбӣ ѐдкарда, дар паради ҳарбӣ бахшида ба чорабиниҳои давлатӣ иштирок мекунанд, ки ин ҳамчун иҷрои супориши махсус буда, муносибати онҳоро нисбат ба хизмати ҳарбӣ ташаккул медиҳад.

2. Марҳилаи мутобиқшавӣ ба хизмати ҳарбӣ (таъиноти аввал ба вазифа). Дар ин марҳила афсари ҷавон бо шароити воқеии хизмат, бо вазифаҳои фармондеҳӣ рӯ ба рӯ мешавад.

Дар ин марҳила роҳнамоии афсарони ботаҷриба, гузаронидани суҳбатҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ, назорати ҳолати ахлоқию психологӣ хеле муҳим мебошад. Масалан, фармондеҳи ҷузъу том бо афсари ҷавон суҳбати инфиродӣ мегузаронад, ки ин ба ӯ барои мутобиқ шудан ба шароити нав ва пешгирӣ аз хастагии касбӣ кумак мерасонад.

3. Марҳилаи рушди касбӣ ва шахсӣ. Дар ин марҳила афсар ба зердастонаш таъсир расонида, дар тарбияи афсарони хурд иштирок мекунад. Дар марҳилаи мазкур корҳои тарбиявӣ дуҷониба гузаронида мешаванд, яъне афсар на танҳо объект, балки субъекти мутобиқшавӣ низ мебошад. Масалан, афсари ҷавон маҳфили ватандӯстии қисмро роҳбарӣ мекунад, ҷавононро ба чорабиниҳои фарҳангӣ ва таҷдиди санаҳои таърихии ҳарбӣ ҷалб менамояд.

**Ҷадвали 9.** Шаклу усулҳои корҳои тарбиявии мутобиқсозии афсарон

| **Шакл** | **Намунаҳои татбиқ** |
|---|---|
| Инфиродӣ | Роҳнамоӣ, суҳбатҳо, ҳамроҳии равонӣ |
| Гурӯҳӣ | Муҳокимаи филмҳо, гузаронидани дарсҳо оид ба одобу ахлоқ |
| Оммавӣ | Маросимҳои ҳарбӣ, иштирок дар чорабиниҳои тантанавӣ, озмунҳо |
| Фарҳангӣ-фароғатӣ | Консертҳо, намоишҳои театрӣ, иштирок дар худфаъолият. |
| Иттилоотӣ-маърифатӣ | Лексияҳо, вохӯриҳо бо қаҳрамонони ҷанг, тамошо ва муҳокимаи филмҳо |
| Ҳарбӣ-ватанпарварӣ | Сафарҳо ба ҷойҳои таърихӣ, иштирок дар роҳпаймоиҳои «Полки абадӣ» |

Командири ҷузъу том дар раванди мутобиқсозии афсари ҷавон шахси калидӣ ба шумор меравад. Тавассути худ намуна будан, серталабӣ, ғамхорӣ ва дастгирӣ ӯ дар афсарони ҷавон ҳисси масъулиятро ташаккул медиҳад, барои бартараф кардани мушкилоти мутобиқшавӣ кумак намуда, дар онҳо хусусиятҳои касбӣ ва ахлоқиро инкишоф медиҳад.

Корҳои тарбиявӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тартиби тайѐрӣ ва мутобиқсозии афсарони ҷавон мебошанд. Он на танҳо ба азхудкунии меъѐрҳо ва қоидаҳои хизмати ҳарбӣ, балки ба ташаккули омодагии дохилӣ ва бо шаъну шараф ба Ватан хизмат намудан кумак мекунад. Корҳои самараноки тарбиявӣ ба ташаккули шахсияти устувори касбӣ, рушди хислатҳои роҳбарӣ ва қобилияти қабули қарорҳои масъулиятнок дар шароити душвортарин ѐрӣ мерасонад.

Мутобиқсозии афсар бе иштироки фаъолонаи фармондеҳон, омӯзгорон, психологҳои ҳарбӣ ва тамоми низоми таъминоти ахлоқӣ-психологӣ ғайриимкон аст. Маҳз кори тарбиявӣ хатмкунандаи донишкадаҳои ҳарбиро ҳамчун афсари воқеӣ, роҳбар ва ватандӯст месозад.

Маҳз дар «Дастури методӣ» генерал-майор М.Донаѐрзода – сардори Раѐсат оид ба корҳои сиѐсӣ-тарбиявии ВМ ҶТ «Оид ба пешгирӣ намудани муносибатҳои ғайриоинномавӣ, ҳолатҳои худкушӣ ва ҷиноятҳои ҳарбӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин гуфта шудааст: «Барои иҷрои вазифаҳои таъминоти ахлоқӣ-психологӣ дар дивизия (бригада, полк) аз ҳисоби қувва ва воситаҳои сохторҳои корҳои тарбиявӣ марказҳо (нуқтаҳои) ѐрии психологӣ ташкил карда мешаванд.

Оид ба омӯзиши вазъи ахлоқӣ-маънавӣ, иҷтимоӣ-руҳӣ, сифати хизматӣ ва ахлоқии хизматчиѐни ҳарбӣ, муносибати байниҳамдигарии онҳо, инчунин ошкор намудани гурӯҳҳо, равия ва сарварони онҳо, чорабиниҳоро ҳармоҳа ба нақша гирифта, назорат намоянд» [12, с. 16].

Дар зер самтҳои асосие оварда мешаванд, ки дар онҳо корҳои тарбиявӣ ба мутобиқсозии афсарони ҷавон таъсир мерасонанд.

1. **Самти шахсӣ-ахлоқӣ**. Воқеиятҳои муосир ба сифати тайѐрӣ ва симои ахлоқию маънавии афсарони қуввaҳои мусаллаҳи ҷумҳурии мо талаботи баланд доранд. Афсар на танҳо дорандаи қудрат ва интизоми ҳарбӣ, балки роҳнамои ахлоқӣ ва маънавӣ барои тобеон, намунаи масъулият, шараф ва вазифа мебошад. Махсусан, зарурати рушди ин хислатҳо дар назди афсарони ҷавон, ки дар марҳилаи аввали мутобиқсозии хизмати ҳарбиянд, хеле муҳим аст.

Мутобиқсозии афсарони ҷавон раванди ба муҳити касбии ҳарбӣ дохил кардани онҳо, азхудкунии меъѐрҳо, арзишҳо, анъанаҳо ва муқаррароти ахлоқии гурӯҳи афсарон мебошад. Яке аз ҷузъҳои асосии ин раванд самти шахсӣ-ахлоқии корҳои тарбиявӣ мебошад, ки ба рушди хусусиятҳои баланди ахлоқӣ, камолоти шаҳрвандӣ ва мавқеи устувори ахлоқию маънавӣ дар афсарон нигаронида шудааст.

Тавре, ки академик И.Х. Каримова қайд менамояд, ки «Тарбияи шахсӣ-ахлоқӣ ин раванди мақсадноки педагогӣ мебошад, ки ба ташаккули принсипҳои баланди ахлоқӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, ақидаҳои гуманистӣ, қобилияти худидоракунии ахлоқӣ ва матонатӣ дар назди мушкилоти ҳаѐт равона шудааст» [91, с 97]. Дар шароити артиши ҷумҳурии мо ин раванд аҳамияти махсус дошта, хизмати ҳарбӣ аз афсари ҷавон омодагӣ ба фидокорӣ, интизом ва покии ахлоқиро талаб менамояд. Мутобиқшавии афсари ҷавон дар ин замина азхудкунии нақши касбии афсарӣ, ҳамгироӣ ба коллективи ҳарбӣ, азхудкунии арзишҳо ва анъанаҳои артиши миллӣ, ташаккули ҳувияти шахсӣ ҳамчун муҳофизи Ватан мебошад. Дар Консепсияи корҳои сиѐсию тарбиявӣ дар Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон «**Вазифаҳои асосӣ дар тарбияи ҷавонон»** оид азхудкунии арзишҳо ва анъанаҳои артиши миллӣ, ташаккули ҳувияти шахсӣ ҳамчун муҳофизи Ватан чунин қайд шудааст:

«- тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи эҳтиром ва сипос ба таърих, фарҳанг, забон ва анъанаҳои миллӣ;

- эҳтироми расму оин ва забони дигар халқу миллатҳое, ки дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд;

- гузаронидани вохӯрии сарбозон бо падару модарон барои баланд бардоштани ҳолати ахлоқию маънавии онҳо;

- баланд бардоштани ҳисси ҳарбию ватандӯстии ҷавонон;

- тарғиби мунтазами ватандӯстию ватанпарастӣ ва ифтихормандӣ аз зиндагии осоиштаи ҷомеа;

- тарғиби доимии хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни ҷавонон» [9, с. 13].

Бояд таъкид кард, дар шароити ҷумҳурии мо, ки артиш омили муҳимтарини давлатдорӣ ва ваҳдати миллӣ аст, тарбияи шахсӣ-ахлоқӣ на танҳо ба таҳкими касбият, балки ба тарбияи фарҳанги баланди ахлоқӣ-маънавӣ низ мусоидат мекунад.

Дар паѐмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид шудааст, ки «Хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ барои ҷавонон мактаби ҷавонмардӣ маҳсуб ѐфта, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани хизматчиѐни ҳарбӣ ва барои онҳо муҳайѐ намудани шароити хуби хизмат, инчунин, риояи талаботи ойинномаҳои ҳарбӣ муҳимтарин самти сиѐсати мудофиавии кишвар маҳсуб меѐбад» [2, с.5].

Шаклҳои асосии тарбияи шахсӣ-ахлоқӣ оид ба мутобиқсозии афсарони ҷавон дар артиши ҷумҳурии мо фаъолиятҳои зеринро дар бар мегирад:

1) Лексияҳо ва суҳбатҳо дар мавзуъҳои ахлоқӣ-маънавӣ, ки ба руйдодҳои таърихи халқи тоҷик асос ѐфтаанд.

2) Вохӯриҳо бо собиқадорон, қаҳрамонони Ватан, волидони хизматчиѐни ҳарбии ҳалокшуда.

3) Боздид аз ѐдгориҳо, осорхонаҳо, иштирок дар ѐдбудҳо.

4) Шабнишинҳо бахшида ба ҷашнҳои миллӣ: Рӯзи таъсисѐбии Артиши миллӣ, Рӯзи Ғалаба, Ваҳдати миллӣ, Рӯзи дониш, Истиқлолияти давлатӣ, Сада, Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Рӯзи Конститутсия, Рӯзи парчами миллӣ

ва ғайра. Олимон дар бораи расму оинҳо ва ҷашнҳо миллӣ чунин ақида доранд: Ф.Мираҳмадов ва М. Турсунова «…идҳои миллии тоҷикон таҷассумгари бадеии шукргузории мардуми тоҷик аз истиқлолият ва давлатдории миллӣ гардидаанд» [132, 83] ва И. Давлатшоев Бошад педагогикаи халқӣ бо маросимҳои миллӣ алоқаманд намуда чунин ақад мекунанд. «Педагогикаи халқӣ...бо расму оинҳои мардумӣ, ѐдгориҳои таърихӣ, суннатҳои волои рӯзгордорӣ, маросимҳои халқии Наврӯз, иди Меҳргон, иди Сада, туѐҳои арӯсию домодӣ... алоқамандии зич дорад» [68, с.158].

5) Бозиҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ, тамринҳои саҳроӣ, ки дар онҳо вазъиятҳои интихоби ахлоқӣ тақлид карда мешаванд.

6) Рӯзҳои худомузишӣ, ки афсарон таҳлилҳои инфиродӣ мегузаронанд ва дастурҳои ахлоқии худро бо роҳбаладон муҳокима мекунанд.

Усули асосии тарбияи шахсӣ-ахлоқӣ дар артиши ҷумҳурии мо оид ба мутобиқсозии афсарони ҷавон:

1) Намунаи шахсияти фармондеҳон воситаи асосии таъсири ахлоқӣ.

2) Усули боваркунонӣ тавассути мисолҳои воқеии ҳаѐт, афоризмҳо, ҳикояҳо дар бораи қаҳрамонон.

3) Эҷоди муҳити пурмазмуни ахлоқӣ дар бошишгоҳҳо (казармаҳо), машқҳо, хизмати ҳаррӯза.

4) Усули худшиносӣ - таҳлили ҳолатҳои муноқишавӣ ва ахлоқии мураккаб.

5) Семинарҳои психологӣ ва педагогӣ бо мақсади инкишоф додани ҳамдардӣ, ростқавлӣ ва худдорӣ.

Ҳамин тариқ, дар шароити ҷумҳурии мо самти шахсӣ-ахлоқии корҳои тарбиявӣ дар мутобиқсозии афсарони ҷавон вазифаи стратегӣ дорад. Тавассути таълими мунтазами пурмазмун, фарҳангӣ ва миллӣ, замина барои афсари устувор ва ахлоқан, баркамол, шахсе, ки барои ба ватани худ бо шаъну шараф ва садоқат ба вазифа хизмат кардан омода аст, гузошта мешавад.

Самаранокии ин самт омӯзиши арзишҳои анъанавии халқи тоҷик, меъѐрҳои ахлоқӣ-маънавӣ ва технологияҳои муосири тарбиявиро талаб мекунад. Танҳо бо ин роҳ метавон афсари нави тоҷики асри XXI - мутахассиси дорои масъулияти баланди ахлоқӣ, ватандӯст ва шаҳрвандро ташаккул дод.

**2. Самти касбӣ-педагогӣ**. Мутобиқсозии афсарони ҷавон ин раванди бисѐрҷонибаи дохил кардани онҳо ба низоми хизмати ҳарбӣ, азхудкунии нақшҳои касбӣ, меъѐрҳо, арзишҳо ва стандартҳои дар ҳайати шахсии афсарон қабулшуда мебошад. Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, вақте ки давлат бо вазифаҳои таҳкими амнияти миллӣ, нигоҳ доштани субот ва рушди иқтидори кадрӣ рӯ ба рӯ мешавад, афсарон бояд на танҳо аз ҷиҳати техникӣ омода, балки аз ҷиҳати педагогӣ баркамол, қобилияти таълим, роҳнамоӣ ва фаъолияти тарбиявӣ низ дошта бошанд.

Самти касбии педагогии кори тарбиявӣ фаъолиятеро дар назар дорад, ки ба ташаккули салоҳиятҳои педагогӣ, малакаҳои муошират, қобилияти таълим ва интиқоли дониш ва таҷриба, инчунин қобилияти роҳбалад будан, ки на танҳо салоҳият, балки маҳорати педагогӣ низ дошта бошад, нигаронида шудааст. Дар шароити Тоҷикистон, бо хусусиятҳои таърихию фарҳангии он, ҳайати бисѐрмиллатӣ, муқаррарот дар бораи тарбияи ватандӯстона ва анъанаҳои ахлоқию маънавӣ, ҳамчун ҷанбаи касбии педагогӣ аҳамияти хоса дорад.

Ю.А Алешин, Л.Я. Гозман, Е.М. Дубовская дар асарашон менависанд, ки: «Самти касбии педагогии корҳои тарбиявӣ рушди малакаҳои педагогии афсарон: дар хизмат қобилияти таълим додани курсантҳо ва тобеон, ташкили фаъолиятҳои таълимӣ ва истифодаи самараноки усули таълим ва тарбияро дар бар мегирад. Он бо фарҳанги педагогӣ, психологияи таълимӣ ва усули таълиму тарбия алоқаманд аст» [36].

Дар мутобиқсозӣ афсарон на танҳо дониш ва малакаҳои касбиро аз худ мекунанд, балки омӯзгор ва роҳбалад буданро меомӯзанд, дар равандҳои

тарбиявӣ ва таълимӣ иштирок намуда, шахсияти дорои масъулияти ахлоқӣ, эътимод, қобилияти роҳбариро ташаккул медиҳанд.

Равишҳои касбӣ-педагогии тарбия оид ба мутобиқсозии афсарони ҷавон аз зеринҳо иборатанд:

1) Курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва дастурдиҳандагон (инстукторон), ки бо афсарони ҷавон кор мекунанд.

2) Роҳнамоӣ: афсари калон, инструктор ҳамчун омӯзгори роҳнамо барои афсари ҷавон.

3) Машқҳо, семинарҳои амалӣ бо унсурҳои педагогика: омӯзиши зердастон, интиқоли малакаҳо, бозхондани фикру мулоҳизаҳо.

4) Кор бо кафедраҳои ҳарбӣ, вақте ки афсарон - курсантҳо дар таълими курсантони шаҳрвандӣ è фаъолияти ташкилии ин кафедраҳо иштирок мекунанд.

Муҳаққиқ А.Ш. Қаландаров дар рисолаи илмиаш таъкид менамояд, ки «Ҳамкорӣ бо кафедраҳои ҳарбӣ, вақте ки курсантҳои ҳарбӣ дар омузиши курсантони ғайринизомӣ è дар фаъолиятҳои ташкилии ин кафедраҳо иштирок мекунанд, муҳим мебошад» [106, с.15].

Усулҳои асосии самти касбӣ-педагогии тарбия оид ба мутобиқсозии афсарони ҷавон дар артиши ҷумҳурии мо инҳоянд:

1) Усули дарсҳои кушод, лексияҳо бо унсурҳои инъикоси педагогӣ.

2) Усули мубоҳисаҳо ва семинарҳо оид ба масъалаҳои педагогӣ ва тарбиявӣ.

3) Усули машғулиятҳо оид ба муколама коммуникатсия, низоъшиносӣ, конфликтология, психологияи таълим.

4) Истифодаи технологияҳо ва воситаҳои муосири таълимӣ (мультимедиа, омӯзиши фосилавӣ, усули интерактивӣ).

5) Усули фаъолияти лоиҳавӣ: афсарон лоиҳаҳои таълимии худ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои тарбияро таҳия мекунанд.

Самти касбии педагогии корҳои тарбиявӣ ба мутобиқсозии афсарони ҷавон чунин мусоидат мекунад:

- ҳисси масъулиятро, на танҳо барои хизмати худ, балки барои рушди тобеон ва таълим додани дигарон низ, баланд мебардорад;

- малакаҳои коммуникатсионӣ, ҳамкории мутақобила қобилияти пеш бурдани раванди таълимро рушд медиҳад;

- фазои ахлоқиро дар ҷузъу томҳо, вақте ки афсарон қодиранд, ки тобеъонро ба таври объективӣ арзѐбӣ, дастгирӣ ва ислоҳ кунанд, на ин ки ба таври маъмурӣ ҷазо диҳанд, беҳтар месозад.

Ҳамин тариқ, самти касбии педагогии корҳои тарбиявӣ ҷузъи муҳимми мутобиқсозии афсарони ҷавон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, он на танҳо ба омодагии техникӣ ва касбӣ, балки ба ташаккули афсар ҳамчун роҳбалад, таълим дода, муҳити тарбиявӣ эҷод месозад ва масъулияти педагогӣ худро нишон дода метавонад. Тақвияти ин самт сифати омодагии афсаронро ба таври назаррас беҳтар сохта, руҳияи онҳо, муттаҳидӣ, малакаҳои роҳбарӣ ва самаранокии хизматро баланд мебардорад. Он равиши пайдарпай: дастгирии қонунгузорӣ ва меъѐрӣ, татбиқи курсҳои педагогӣ, омӯзиши кадрҳо, арзѐбӣ ва ҳавасмандиро талаб мекунад.

**3. Самти иттилоотӣ ва таълимӣ**. Дар фазои иттилоотии босуръат тағйирѐбанда ва дастрасии васеъ ба манбаъҳои гуногун корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳ ва дигар сохторҳои калидӣ дошта, тавассути иттилоот шуур, самтҳои арзиш, ғояҳои вазифа, ватандӯстӣ, масъулият ба хизмати ҳарбӣ ташаккул меѐбанд.

ВАО, нашрияҳои дохилӣ, захираҳои онлайн, плакатҳо, видеоҳо ва лексияҳои идеологӣ барои тақвияти самтҳои арзишманд муҳим буда, усули боваркунонӣ, ташвиқот ва муҳокимаи мавзуъҳои муосири ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар ин самт истифода мешаванд. Масалан, дар қисми ҳарбӣ рӯзномаи ҳармоҳа, ки ба таърихи қаҳрамонӣ, геополитикаи муосир, муваффақиятҳои хизматӣ бахшида шудааст, амал мекунад ва инчунин дар байни афсарони ҷавон дар мавзуъҳои ахлоқ, роҳбарӣ, маҳфили баҳс ташкил карда мешавад.

Кор бо коллектив. Он шаклҳои ташкилӣ (мусобиқаҳо, озмунҳо, намоишҳои тартиботи ҷангӣ, клубҳо), эҷоди фарҳанги дохилӣ, анъанаҳо, чорабиниҳои ҷашниро дар бар мегирад. Масалан, ҳар семоҳа «рӯзи рота» баргузор мешавад, ки дар он афсарони ҷавон дар якҷоягӣ бо ҳайати шахсӣ дар аксияҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, консертҳо иштирок мекунанд, ки ин иқдом робитаҳои байнишахсӣ ва руҳияи дастаро тақвият медиҳад.

Кори бевоситаи фармондеҳ (сардор) бо ҳар як афсари ҷавон. Ин омӯзиши хусусиятҳои шахсӣ, ташкили муносибатҳои эътимодбахш, ислоҳи рафтор, ҳавасмандгардонии ҷиҳатҳои қавӣ, дастгирии психологиро дар бар мегирад. Мисол, фармондеҳ ҳар як афсари ҷавонро шахсан медонад - манфиатҳо, мушкилот, орзуҳои ӯ ва дар асоси он суҳбатҳо мегузаронад, ҳавасманд ва роҳнамоӣ мекунад, тағйирпазириро назорат карда, сари вақт дахолат менамояд.

Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии корҳои тарбиявӣ оид ба самти иттилоотӣ-тарбиявӣ чунинд:

1. Баланд бардоштани салоҳияти касбии афсарон тавассути курсҳо, машғулиятҳо, такмили ихтисос аз рӯйи педагогика, психология, кори иҷтимоӣ.

2. Ҳамгироии кори тарбиявӣ бо фаъолияти ҳаррӯзаи хизматӣ, яъне онро ҳамчун «вазифаи алоҳида» ҷудо накардан, балки ба хизмати ҷангӣ, машқҳо, тартибот дохил кардан.

3. Таъсиси заминаи муосири модӣ-техникӣ тавассути ташкили синфҳои мультимедиявӣ, маҳфилҳо, китобхонаҳо.

4. Таҳкими роҳбалад - афсарони калон бояд роҳбаладони ҷавонон бошанд, таҷриба ва арзишҳоро интиқол диҳанд.

5. Ҷорӣ намудани алоқа ва мониторинг - пурсиши мунтазами психологӣ, арзѐбии фазои ахлоқӣ-психологӣ, таҳлили самаранокии тадбирҳои тарбиявӣ.

6. Рушди шаклҳои ташкилии ҳавасмандкунандаи иштирок дар озмунҳо, ҷоизаҳо, эътирофи беҳтарин ташаббусҳои тарбиявӣ.

7. Дастгирии ташаббус аз ҷониби худи афсарони ҷавон, ҷалби онҳо ба банақшагирии корҳои тарбиявӣ, фаъолияти маҳфилӣ, лоиҳаҳои мавзуӣ.

- корҳои тарбиявӣ дар мутобиқсозии афсарони ҷавон нақши калидӣ бозида, на танҳо ташаккули хусусиятҳои касбӣ, балки меҳвари маърифатӣ-ахлоқӣ, тобоварии психологӣ ва робита бо арзишҳои мутахассисон ва мутахассисони ҳарбиро таъмин мекунанд. Тавассути самтҳои гуногун - шахсӣ ахлоқӣ, касбӣ-педагогӣ, иттилоотӣ - тарбиявӣ, коллективӣ-тарбиявӣ ва инфиродӣ;

- ин кор ба тарбияи шаҳрванд ҳамчун афсар ва роҳбари намунави шундан таъсир мерасонад.

Бояд таъкид кард, самаранокии корҳои тарбиявӣ аз сифати тайѐр кардани афсарони бо тарбия, дастгирии ташкилӣ, захираҳои моддӣ ва фарҳанги эътимод вобаста аст. Бартараф кардани мушкилоти мавҷуда ва рушди низоми тарбия имкон медиҳад, ки иқтидори кадрҳои қуввaҳои мусаллаҳ тақвият ѐбад ва тобоварии ҳайати шахсии афсарони оянда таъмин гардад.

## Хулосаи боби якум

Мутобиқсозии шахс дар педагогика ва фанҳои марбута ҳамчун ҷараѐни тағйирѐбанда ва бисѐрҷанбаи азхудкунии меъѐрҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ, арзишҳо ва намунаҳои рафтор аз ҷониби шахс баррасӣ карда мешавад. Ин раванд асоси ташаккули шахсияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ баркамол, аз ҷиҳати ахлоқӣ устувор ва мутобиққунанда мебошад. Хусусияти муҳимми мутобиқсозии муттасилӣ ва робитаи он бо рушди шахсӣ мебошад, ки зарурати муносибати ҳаматарафаро дар амалияи педагогӣ тасдиқ мекунад.

Мутобиқсозии касбии афсарони ҷавон хусусияти беназири худро дорад, ки бо талаботи фавқулодаи хизмати ҳарбӣ - интизом, иерархия, омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои масъулиятнок ва аксар вақт хатарнок -

алоқаманд аст. Муҳити ҳарбӣ як навъи махсуси ҳувияти касбиро дар асоси арзишҳои масъулият дар назди Ватан ва кори дастаҷамъӣ ташаккул медиҳад.

Корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳо ва қисмҳо ҳарбӣ воситаи асосии мутобиқсозӣ буда, ба ташаккули хусусиятҳои ахлоқӣ - ихтиѐрӣ, ҳавасмандӣ ба касб ва салоҳиятҳои иҷтимоӣ дар афсарони ҷавон мусоидат мекунанд. Он на танҳо интиқоли дониш, малака ва маҳорат, балки рушди самтҳои арзиширо, ки барои хизмати самаранок ва ҳамкории дастаҷамъӣ заруранд, таъмин менамояд. Тарбия ба ташаккули омодагии дохилии афсар барои иҷрои вазифаи хизматӣ, таҳкими руҳияи дастаҷамъӣ ва баланд бардоштани суботкорӣ ба ҳолатҳои фавқулода мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳлили назариявӣ - методологии раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон бисѐрҷанбагии он ва зарурати муносибати бонизомӣ ва ҳамгироиро тасдиқ мекунад.

Хусусиятҳои муҳити касбии ҳарбӣ ба усул ва мундариҷаи корҳои тарбиявӣ талаботи мушаххас мегузоранд. Тарбия ҷузъи ҷудонопазири мутобиқсозӣ буда, ташаккули хислатҳои зарурии шахсӣ ва касбӣ, аз қабили интизом, масъулият, ташаббускорӣ, ҳисси вазифа ва ватандӯстиро дар афсарони ҷавон таъмин менамояд.

Барои баланд бардоштани самаранокии мутобиқсозӣ бояд технологияҳои мукаммали тарбиявӣ, ки ба хусусиятҳои инфиродӣ ва коллективии курсантҳо нигаронида шудаанд, таҳия ва ҷорӣ карда шаванд ва инчунин муҳити мусоид фароҳам оварда шавад, ки ба рушд ва мутобиқсозии ҳамаҷонибаи онҳо мусоидат кунад. Дар маҷмуъ, муваффақияти мутобиқсозии афсарони ҷавон бевосита аз сифат ва нимзоми корҳои тарбиявӣ, инчунин аз ҳамкории омилҳои педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ, ки ташаккули ҳамоҳангии шахсияти муҳофизи ояндаи Ватанро таъмин мекунанд, вобаста аст.

# БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ МУТОБИҚСОЗИИ АФСАРОНИ ҶАВОН ДАР НИЗОМИ КОРҲОИ ТАРБИЯВИИ ВАЗОРАТИ МУДОФИАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Амсилаи педагогию иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар раванди кори тарбиявӣ

Дар шароити имрӯзаи рушди қувваҳои мусаллаҳ ва дигар сохторҳои қудратӣ масъалаи мутобиқшавии афсарони ҷавон хеле умда мебошад. Ҳолати мазкур ба он вобаста, ки вазифаҳои касбӣ ва иҷтимоии афсарон мураккабтар шуда, талабот ба масъулият, сатҳи расидан ба камолоти иҷтимоӣ ва омодагии онҳо барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ рӯз ба рӯз зиёд шуда истодаааст. Дар ин росто мутобиқ шудани афсари ҷавон ба муҳити ҳарбӣ, аз худ кардани нақшҳои касбӣ ва риояи меъёрҳои хизмати ҳарбӣ бештар аз кори тарбиявии мақсаднок ва илмӣ вобаста мебошад.

Таҳлили омӯзиши назариявӣ ва таҷрибаи фаъолияти тарбиявӣ нишон медиҳад, ки мутобиқшавии афсарони ҷавон аксар вақт хусусияти якпорчагӣ ва табиӣ дорад, яъне он бисёр вақт бенизом, қисм ба қисм ва худ аз худ сурат мегирад. Ин хусусият самаранокии онро коҳиш дода, ташаккули хусусиятҳои иҷтимоӣ ва касбии шахсияти афсарро пурра таъмин намекунад. Дар робита ба ин, зарурати объективии таҳияи амсилаи мукаммали иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон ба миён меояд, то ки сохтор, мундариҷа, механизмҳо ва натиҷаҳои ин равандро дар шароити кори тарбиявӣ инъикос кунад.

Амсилаи иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар таҳқиқоти мазкур ҳамчун таҳсилоти низомӣ, ки ҳадафҳо, мундариҷа, шаклҳо ва усули кори тарбиявӣ, инчунин шароити иҷтимоӣ-педагогии татбиқи онро муттаҳид мекунад, баррасӣ карда мешавад. Таҳия ва асосноккунии назариявии ин амсила барои идоракунии мақсадноки раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон шароит фароҳам оварда, ҳамчун

заминаи методологӣ барои минбаъд дар таҷриба санҷидани самаранокии он хизмат мекунад.

Академик Ф. Шарифзода дар асари худ қайд мекунанд, ки «Амсиласозӣ дар таҳқиқоти илмӣ маънои сохт ва истифодаи намунаҳо барои омӯзиши ягон чизи зоҳиршударо дорад. Он пайдарҳамии амалҳоро дар бар мегирад, яъне дар ин раванд аввал хусусиятҳои муҳимми объект муайян карда мешаванд, баъд амсилаи он сохта шуда, бо асл муқоиса ва ислоҳ мегардад» [183, с 101]. Ин кор ба муҳаққиқон равандҳои мураккабро, ки таҳқиқи бевоситаи онҳо душвор аст, махсусан дар соҳаҳои педагогӣ ва иҷтимоӣ ѐрӣ мерасонад. Яъне амсила ба маънои васеъ инъикоси содакардашуда, вале яклухти объект, раванд ѐ низом буда, хосиятҳои ҳақиқиро нигоҳ дошта, барои ба даст овардани маълумоти нав ѐрӣ мерасонад. Чунин тафсир ҳам барои фанҳои табииву риѐзӣ ва ҳам дар илмҳои иҷтимоӣ аҳамияти худро нигоҳ медорад.

Дар психология амсила одатан барои сохтани намуна ѐ тасвири равандҳо ѐ падидаҳои иҷтимоию психологӣ истифода шуда, барои таҳлил ва мушаххас кардани механизмҳои дохилии фаъолияти равонӣ ѐрӣ мерасонад. Пас аз омӯзиши чунин амсила муҳаққиқон имкон пайдо мекунанд, ки бо хусусиятҳо, тарзи рафтор ва сохтори психикии инсон маълумот ба даст оранд.

Дар педагогика амсила ҳамчун намунаи раванди таълим барои омӯзиш, банақшагирӣ ва такмили падидаҳои таълимӣ истифода мегардад. Амсилаи педагогӣ раванди тарбия ѐ ҷузъи онро инъикос намуда, ба фаҳмидан, пешбинӣ кардан ва идора намудани фаъолияти тарбиявӣ кумак мерасонад.

Қобил ба зикр аст, ки дар педагогикаи муосир усули амсиласозӣ васеъ паҳн шудааст. Он ҳам дар ҳалли мушкилоти назариявӣ ва ҳам дар раванди таҳлил ва банақшагирии фаъолияти амалии таълимӣ истифода мешавад. Дар назарияи худ муҳаққиқ Е.А. Лодатко ба хусусиятҳои фарқкунандаи амсилаҳо, аз ҷумла ба самти низом таълимӣ (дохилӣ ѐ беруна) ва арзишҳои ҷамъиятии он - авторитарӣ ѐ демократӣ, таваҷҷуҳ намудааст. Дар асоси ин

хусусиятҳо Е.А. Лодатко намудҳои гуногуни низомҳои таълимиро ҷудо мекунад, ки ба онҳо типҳои амсилаи тоталитарӣ, прагматикӣ, ратсионалӣ ва кушод дохил мешаванд

Тавре муҳаққиқ Е.А. Солодова қайд мекунад, ки: «ҳоло қариб ҳар як муҳаққиқ ба амсиласозӣ машғул аст, ки ин аз паҳншавии васеи ин усул дар дониши илмӣ шаҳодат медиҳад» [169, с.52]. Ин муқаррарот бо он тасдиқ карда мешавад, ки имрӯзҳо ҳам дар забони илмӣ ва ҳам дар нутқи ҳаррӯза мафҳумҳои ба монанди «амсилаи ҷомеа», «амсилаи рушд», «амсилаи давлат», «амсилаи фаъолияти ҳаётӣ», «амсилаи фаъолияти касбӣ» фаъолона истифода мешаванд. Амсилаҳо дар илм ва таваҷҷуҳ ба онҳо муҳиманд, барои ин, ки онҳо ба мо гузаштаро фаҳмидан, ояндаро пешбинӣ кардан ва ҳатто ба равандҳои воқеӣ таъсир расонидан кумак мекунанд.

Хусусияти асосии амсиласозӣ дар он аст, ки мо объектро мустақим не, балки тавассути намунаи он меомӯзем. Яъне, як амсилаи содакардашуда месозем, ки он хусусиятҳои муҳимми чизро нишон медиҳад ва аз рӯйи он маълумоти нав мегирем. Истифодаи амсиласозӣ дар илм ба қобилияти инсон вобаста аст, ки метавонад чизҳои мураккабро содда кунад, байни онҳо монандӣ пайдо намояд ва воқеиятро дар шакли схема ѐ намунаи фаҳмо тасвир созад.

В. П. Беспалько амсиласозиро ҳамчун усули ғайримустақими омӯзиш баррасӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, дар ин усул «амсилаҳои табиӣ ѐ махсус сохташуда истифода мешаванд, ки ин амсилаҳо метавонанд баъзе хусусиятҳои объекти асосиро иваз намуда, барои гирифтани донишҳои нав дар бораи он хизмат кунанд» [47, с. 276].

Муҳаққиқ Т.Новатский бо В.П. Беспалко ҳамақида буда, ӯ низ амсиласозиро усули омӯзиши ғайримустақим мешуморад. Ба назари ӯ, дониш на аз роҳи омӯзиши бевоситаи объект, балки тавассути сохтори ѐррирасон, яъне амсилаи махсус ѐ сунъии ба он монанди ба истилоҳ *квазиобъект (объекти шартӣ)* ба даст оварда мешавад. Ин амсила дар

баъзе марҳилаҳо объекти аслиро иваз карда, барои гирифтани маълумот кумак расонида метавонад.

Мафҳумҳои амсила ва амсиласозӣ дар асарҳои М.К. Мамардашвили, К. Ингенкамп ва Э. Г. Юдин низ ба ҳамин тарз шарҳ дода шудаанд. Онҳо амсиласозиро ҳамчун усули умумии таҳқиқоти илмӣ мешуморанд, ки барои омӯзиши падидаҳои мураккаби иҷтимоӣ ва педагогӣ истифода мешавад.

Ба андешаи мо асоси раванди амсиласозиро сохтан ва истифода бурдани он ташкил медиҳад. Амсила ҳамчун низоми аз ҷиҳати зеҳнӣ сохташуда è моддӣ таҷассумѐфта фаҳмида мешавад. Яъне, он намунаи фикрӣ è моддии объект буда, хусусиятҳои асосии онро инъикос мекунад. Амсила муваққатан ҷойи объекти аслиро гирифта, ба омӯзиши он ва гирифтани маълумоти нав дар бораи объект кумак мерасонад.

Ю.К. Бабанский бар он ақида аст, ки, «амсиласозӣ яке аз усули назариявии таҳқиқоти педагогӣ буда, ба таркиббандӣ ва ба низом даровардани дониш дар бораи падидаҳо ва равандҳои омӯхташуда мусоидат мекунад» [40].

Илова бар ин, дар раванди тадқиқоти илмӣ амсила метавонад ҷойи объекти омӯхташавандаро гирад, ба шарте ки маълумоти дуруст дар бораи он нигоҳ дошта шавад. Амсиласозӣ кай натиҷадиҳанда аст? Вақте ки дар хулосаи таҳлили он дар бораи объекти аслӣ маълумот гиред. Ин тавассути татбиқи принсипи бурунѐбӣ (экстраполятсия) таъмин карда мешавад.

Дар илми муосир тафсирҳои зиѐди мафҳуми «амсила» вомехӯрад. Дар як қатор таҳқиқот амсила ҳамчун объекти махсус, ки барои таҳқиқ сохта шуда, ба объекти аслӣ монанд аст, шарҳ дода мешавад. Он бояд ба ҳадафи омӯзиш мувофиқат намуда, барои ҳал кардани вазифаҳои таҳқиқотӣ хизмат кунад. Дар ин фаҳмиш ба шарти вазифавии амсила ва мувофиқати он ба вазифаҳои таҳлили илмӣ таъкид карда, бештар ба он аҳамият дода мешавад, ки амсила барои чӣ истифода мегардад ва то чӣ андоза ба мақсади илмӣ мувофиқ аст.

Дар дигар сарчашмаҳои илмӣ амсила васеътар тафсир карда шуда, ҳамчун меъѐр, дастгоҳи моддӣ ѐ фикрӣ, ки сохтор ва принсипҳои фаъолияти объекти воқеиро такрор мекунад, нишон дода мешавад. Амсила инчунин метавонад бо рамзҳо ва аломатҳо ифода шавад. Дар ин ҳолат амсила ҳамчун нусха - ҳамшабеҳи объект хизмат карда, барои омӯзиши он объект бо истифода аз забонҳои махсус ва аломатҳои рамзӣ кумак мерасонад.

Дар адабиѐти илмӣ амсиларо ба ҳар гуна шарҳ медиҳанд. Баъзан он ҳамчун намуна ѐ муодили иттилоотии объект, яъне ҳамчун аломати аслии объект ҳисобида шуда, барои омӯзиш ва таҳлили ҳамон объект истифода мешавад. Баъзан амсиларо ҳамчун шабоҳати вазифавии объект мешуморанд, ки барои идора кардан ва фаҳмидани қоидаҳои мураккаб кумак мекунад.

Аз нуктаи назари В.А. Штофф амсила ҳамчун сохтори фикрӣ ѐ моддие, ки хусусиятҳои асосии объектро инъикос ѐ такрор мекунад ва муваққатан ҷойи онро мегирад, фаҳмида мешавад. Ӯ қайд менамояд, ки «Таҳлили амсила ба гирифтани маълумоти нав дар бораи объекти аслӣ имкон медиҳад» [184, с.152]. Ба маънои умумӣ, амсила метавонад бо роҳҳои гуногун: шифоҳӣ-бо сухан, рамзу формулаҳои математикӣ, расмҳо ѐ дигар аломатҳои графикӣ ифода шавад.

Муҳаққиқ В.А. Ясвин қайд мекунад, ки «зери мафҳуми амсила объектҳои гуногун вобаста ба муҳити истифодаи онҳо фаҳмида мешаванд» [190, с.34]. Ҳамин тавр, амсила ин нусха, андоза, намуна, меъѐр ѐ шабоҳати ягон чиз аст. Он дар соҳаҳои гуногун маъноҳои гуногун дорад. Дар санъат амсила аксар вақт табиатгаро ҳисобида мешавад, яъне он расм ѐ ҳайкалест, ки аз рӯйи табиати зиндааш сохта мешавад. Дар математика амсила қоидаҳои аломатҳое мебошад, ки ягон ҳодисаро тасвир мекунад. Дар тиб амсила тасвири бемории инсон аст, ки бо ѐрии ҳайвони таҷрибавӣ омӯхта мешавад.

Дар шароити таҳсилоти муосир амсиласозӣ хусусияти амалӣ низ дорад. Он барои тарҳрезии таҷрибаҳои таълимӣ, таҳияи технологияҳои нави педагогӣ, усулҳои нави таълим, ташаккули малакаҳои касбии курсантон ва беҳтар кардани муҳити таълимӣ истифода мешавад. Ин равиш хусусияти байнисоҳавии амсиларо нишон медиҳад, ки донишҳои назариявӣ ва амалиро дар соҳаи маориф ҳамгиро мекунад.

Педагогҳои маъруфи тоҷик М. Лутфуллоев ва Қ.Б. Қодиров дар асари илмии худашон оид ба таҳқиқоти педагогӣ менависанд, ки «Амсиласозӣ дар таҳқиқоти педагогӣ хеле фаъолона истифода мешавад. Истифодаи он махсусан дар корҳои диссертатсионӣ маъмул буда, дар он довталабони дараҷаи илмӣ амсилаҳои муаллифро таҳия мекунанд, ки барои инъикоси ғояҳо ѐ қарорҳои нави педагогӣ пешбинӣ мешаванд» [112, с 58].

Аз нуктаи назари мо дар педагогика ду намуди асосии амсилаҳоро ҷудо кардан мумкин аст - **амсилаҳои объект** ва **амсилаҳои раванд,** ки мутаносибан вазифаҳои амалӣ ѐ сохториро иҷро мекунанд.

Умуман, амсила ва амсиласозӣ механизмҳои аз ҷиҳати илмӣ асосѐфтаи пешгӯйӣ, лоиҳасозӣ ва татбиқи амалии онҳоро фароҳам меоранд. Истифодаи амсила ва амсиласозӣ ба ташаккули дониши мукаммали илмӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти педагогӣ мусоидат мекунад.

Дар шароити муосири рушди Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, чуноне, ки дар боло қайд намудем, вақте талабот ба ҳайати шахсии афсарон хеле мураккаб гардид, усули амсиласозӣ дар низоми корҳои тарбиявӣ воситаи махсусан муҳим мегардад. Амсилакунонӣ дар ин ҷо ҳамчун усули илмӣ ва методӣ истифода мешавад, ки барои тарҳрезӣ ва таҳлили равандҳои таълиму тарбия хизмат мекунад. Он имкон медиҳад, ки вазъиятҳои таълимии идорашаванда ва назоратшавандае ташкил карда шаванд, ки, ба шароити воқеии хизмат наздик бошанд.

Нақши амсиласозӣ дар мутобиқшавии афсарони ҷавон бисѐр муҳим аст. Аввалан, он раванди корҳои тарбиявиро ба қисмҳои асосӣ: ташаккули

устувории ахлоқию маънавӣ, рушди хислатҳои роҳбарӣ, азхудкунии меъѐрҳои ахлоқи ҳарбӣ ва мутобиқшавӣ ба коллектив ҷудо мекунанд. Дуюм, амсиласозӣ барои пешгӯии мушкилоти эҳтимолӣ дар ташаккули касбии афсарон кумак мекунад ва имконият медиҳад, ки барномаҳои таълимӣ сари вақт такмил диҳанд. Дар ин раванд истифодаи амсилаҳои мураккаби педагогӣ аҳамияти калон дорад. Амсилаҳои амалӣ ба рушди малака ва салоҳиятҳои мушаххас, мисли қабули қарор дар ҳолатҳои душвор è ҳамкорӣ дар ҳайати фармондеҳон равона мешаванд. Амсилаҳои сохторӣ бошанд, барои ташаккули арзишҳо, меъѐрҳо ва эътиқодҳои хоси касби афсарӣ хизмат мекунанд.

Корҳои тарбиявӣ бо истифодаи амсиласозӣ метавонанд бозиҳои омӯзишӣ, нақшбозӣ, таҳлили ҳолатҳо ва омӯзиши таҷрибаи таърихӣ ва муосири хизмати ҳарбиро дар бар гиранд.

Истифодаи амсиласозӣ дар раванди педагогии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин метавонад таъсири тарбиявӣ бо назардошти хусусиятҳои шахсии афсарони ҷавон фардӣ намояд. Масалан, тавассути амсиласозӣ потенсиали роҳбарӣ, қобилияти муқовимати ахлоқӣ ба ҳолатҳои фавқулода, мутобиқшавӣ ба талаботи интизомӣ ва касбӣ муайян ва инкишоф дода мешавад. Ин ҳолат раванди мутобиқшавиро самараноктар, мақсаднок ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мекунад.

Ҳамин тариқ, амсиласозӣ дар низоми корҳои тарбиявии ҚМ ҶТ якчанд вазифаҳои асосиро иҷро менамояд, аз ҷумла:

- вазифаи методологӣ, ки барои ба низом даровардан ва расмикунонии равандҳои мутобиқсозӣ имкон медиҳад;

- вазифаи пешгӯйӣ, ки пешгӯйии мушкилоти эҳтимолӣ ва ислоҳи стратегияҳои таълимиро таъмин мекунад;

- вазифаи ислоҳӣ – инкишофӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва касбӣ мусоидат мекунад;

- ба амалия нигаронидашуда, ки барои бехатар аз худ кардани нақшҳои иҷтимоӣ ва касбӣ дар шароите, ки ба хизмати воқеӣ ба қадри имкон наздик аст, шароит фароҳам меорад.

Дар маҷмуъ, истифодаи амсиласозӣ дар мутобиқсозии афсарони ҷавон самаранокии кори тарбиявиро баланд мебардорад, ташаккули хусусиятҳои шахсиятиро пешгӯйӣ намуда, ба тартиб медарорад, барои ҷалб шудани навафсарон ба коллектив ва ташаккули мутахассисони ҳарбии такмилѐфта, иҷтимоӣ ва касбӣ мусоидат менамояд.

Барои самаранок сохтани амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон, **панҷ қисми** ба ҳам алоқамандро ҷудо кардан мақсаднок аст. Ҳар яке аз ин қисмҳо вазифаи махсуси худро иҷро намуда, якҷоя раванди пурраи педагогиро таъмин мекунанд.

**1. Қисми таъиноти** мақсади самтҳо ва натиҷаҳои мутобиқшавиро муайян мекунад. Мақсади асосии қисм ташаккули хусусиятҳои касбии афсарони ҷавон, аз ҷумла устувории ахлоқӣ-психологӣ, интизом, малакаҳои роҳбарӣ, қобилияти мустақилона қабул кардани қарорҳо дар ҳолатҳои фавқулода мебошад. Дар доираи ин қисм вазифаҳои мушаххас, ба монанди азхудкунии меъѐрҳои ахлоқи ҳарбӣ, рушди малакаҳои коммуникатсионӣ ва омодагӣ ба ҳамгироии самаранок ба ҳайати шахсии афсарон муқаррар карда мешаванд.

**2. Қисми методологӣ.** Қисми методологӣ асосҳои илмӣ ва назариявии амсиларо муайян мекунад. Он принсипҳои педагогика, психология, ҷомеашиносӣ ва илми ҳарбиро дар бар гирифта, раванди мутобиқшавӣ бар он асос меѐбад. Дар ин ҷо равишҳо ба амсиласозӣ, усули таҳлил ва пешгӯии рафтори афсарони ҷавон, инчунин меъѐрҳои интихоби васоили кори тарбиявӣ таҳия карда мешаванд. Ин қисми асоснокии илмӣ ва таркибии ҳамаи чорабиниҳои вобаста ба мутобиқсозиро таъмин мекунад.

**3. Қисми мундариҷавӣ-технологӣ.** Ин қисм мазмун ва тарзу усулҳои амалисозии раванди мутобиқсозиро нишон медиҳад. Дар он ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, рушди устувории ахлоқӣ-маънавӣ ва тобоварӣ ба

душворӣ, инчунин азхудкунии малакаҳои кори дастаҷамъӣ ва роҳбарӣ пешбинӣ мешавад.

Қисми технологӣ истифодаи воситаҳои гуногуни педагогиро, аз қабили бозиҳои нақшӣ ва вазъиятӣ, машғулиятҳои амалӣ, корҳои лоиҳавӣ, инчунин таҳлили ҳолатҳои воқеӣ ва тақлидии хизмати ҳарбӣ, дар бар мегирад.

**4. Қисми ташкилию методӣ.** Қисми ташкилию методӣ сохтор ва банақшагирии раванди тарбияро таъмин мекунад. Он ташкили шаклҳо ва усули кор бо афсарони ҷавон, тақсимоти масъулият байни омӯзгорон, роҳбаладон ва ҳайати фармондеҳон, инчунин таҳияи тавсияҳо ва барномаҳои методиро дар бар мегирад. Ин қисмат ба ташкили инфрасохтори самараноки мутобиқсозӣ, ки азхудкунии пайдарпай ва таркибии нақшҳои афсаронро таъмин мекунад, равона карда шудааст.

**5. Қисми натиҷавӣ.** Ин қисм натиҷаҳои пешбинишудаи раванди мутобиқсозиро нишон медиҳад ва онҳоро тавассути нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ арзѐбӣ мекунад. Ба ин натиҷаҳо азхудкунии меъѐрҳо ва арзишҳои хизмати ҳарбӣ, ташаккули устувории ахлоқию маънавӣ, қобилияти мустақилона қабул намудани қарорҳо дар фаъолияти касбӣ, инчунин сатҳи ҳамкорӣ бо коллектив ва омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ дохил мешаванд. Ин қисм ҳамчунин барои таҳлили натиҷаҳо ва ислоҳи амсила истифода мешавад. Он имкон медиҳад, ки барномаҳои таълимӣ такмил дода шуда, ба шароити воқеии хизмат беҳтар мутобиқ гарданд.

Асосҳои методологии амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон равишҳо ва принсипҳоеро муайян мекунад, ки тамоми раванди ташаккули шахсияти хизматчии ҳарбӣ бар онҳо асос меѐбад. Ин равишҳо таркибӣ, асоснокии илмӣ ва самаранокии амалии амсиларо таъмин мекунанд. Аз ҷумла:

**1. Равиши таркибӣ.** Равиши таркибӣ барои мутобиқсозии афсарони ҷавон ҳамчун раванди яклухт ва ба ҳам алоқаманд, ки ҷузъҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва касбиро дар бар мегирад, истифода мешавад. Ин равиш, таъсири мутақобилаи унсурҳои гуногуни кори тарбиявӣ - ахлоқӣ, психологӣ, касбӣ ва ташкилиро ба назар мегирад ва мувофиқати ҳамаи таъсироти педагогиро таъмин мекунад.

**2. Равиши шахсӣ-фаъолиятӣ.** Равиши шахсӣ-фаъолиятӣ амсиларо ба иштироки фаъоли худи афсар дар раванди мутобиқсозӣ, азхудкунии огоҳонаи нақшҳои иҷтимоӣ ва касбӣ, рушди салоҳиятҳо тавассути ҳолатҳои воқеӣ è амсилаии хизмат равона мекунад. Ин равиш аҳамияти ташаккули мустақилият, ташаббус ва масъулиятро дар раванди таълим ва тарбия нишон медиҳад.

**3. Равиши иҷтимоӣ-педагогӣ.** Равиши педагогии-иҷтимоӣ мутобиқсозиро ҳамчун ҳамкории шахс бо коллектив ва ҷомеа бо назардошти меъèрҳои иҷтимоӣ, арзишҳо ва стандартҳои хизмати касбӣ ифода мекунад. Он барои воридшавии афсари ҷавон ба коллектив, ташаккули малакаҳои ҳамкорӣ, роҳбарӣ ва риояи талаботи интизомӣ, ки омили асосии рушди бомуваффақияти касбӣ мебошад, истифода мешавад.

**4. Равиши аксиологӣ (назарияи арзиш).** Асоси равиши аксиологиро самти арзишии раванди тарбия дар бар мегирад. Дар шароити Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон он ташаккули арзишҳои устувори ахлоқӣ ва касбиро дар байни афсарони ҷавон, аз қабили садоқат ба хизмат, шаъну шарафи афсарӣ, масъулият барои коллектив ва давлатро дар назар дорад. Асоси арзиш на танҳо маҳорати касбӣ, балки камолоти ахлоқӣ ва маънавии шахсро низ таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, асосҳои методологии амсила платформаи илмиро ташкил дода, дар он тамоми раванди мутобиқсозӣ, аз муайян кардани ҳадафҳо ва мундариҷаи корҳои тарбиявӣ то интихоби усул, шаклҳо ва воситаҳои татбиқи он сохта мешавад. Истифодаи ин равишҳо ҳамгирои принсипҳои назариявӣ ва амалҳои воқеиро таъмин карда, ба тарбияи афсарони ҷавон,

ки барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ мувофиқи талаботи корҳои муосири ҳарбӣ омодаанд, имкон медиҳад.

Бояд таъкид кард, ки самаранокии ҳар як амсилаи педагогӣ на танҳо аз рӯйи сохтор ва асосҳои методологии он, балки аз рӯйи принсипҳои он муайян карда мешавад. Принсипҳои амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон қонуниятҳои бунѐдии раванди ташаккули шахсияти хизматчии ҳарбиро инъикос намуда, тартибнокӣ, мақсаднокӣ ва асоснокии илмии корҳои тарбиявиро таъмин мекунанд. Чунончи:

**1. Принсипи ягонагӣ.** Ин принсип мутобиқшавиро ҳамчун як раванди ягонаи бо ҳам алоқаманд, ки дар он рушди ахлоқӣ ва маънавӣ, иҷтимоӣ ва касбии афсар муттаҳид карда мешавад, дар бар мегирад. Он қобилиятҳои ҳамкории шахсро дар ҳам ҷузъҳои кори тарбиявӣ ташаккул медиҳад.

**2. Принсипи пайдарпай.** Тибқи талаботи принсипи мазкур раванди таълиму тарбия бояд дар ҳама марҳилаҳои хизмат - аз омодагии ибтидоӣ то татбиқи касбӣ - дар асоси мантиқ ва пайдарпайӣ ба роҳ монда шавад. Он азхудкунии устувори арзишҳо, меъѐрҳо ва салоҳиятҳоро таъмин карда, барои афсарон дар тадриҷан ташаккул ѐфтани шахсияти баркамол ва соҳибкасб шароит фароҳам меорад.

**3. Принсипи субъективӣ**. Принсипи субъективӣ иштироки фаъоли афсари ҷавонро дар худтарбиякунӣ ва худтанзимкунӣ ифода мекунад. Ин мутобиқшавӣ раванди қабули қарорҳо, мустақилона таҳлил намудани ҳолатҳои гуногун, интихоби усули корро дар бар мегирад.

**4. Принсипи самти касбӣ.** Принсипи самти касбӣ аз он иборат аст, ки ҳамаи амалҳои таълимӣ ба ташаккули салоҳият ва хусусиятҳое, ки барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ заруранд, равона карда шудаанд. Он мутобиқати чорабиниҳои таълимӣ ва тарбиявиро ба талаботи воқеии хизмати ҳарбӣ таъмин намуда, ҳувияти касбӣ ва омодагии ахлоқию маънавиро барои иҷрои вазифаҳои афсарӣ ташаккул медиҳад.

**5. Принсипҳои иловагӣ.** Ғайр аз принсипҳои асосӣ дар амсила чунин принсипҳо низ ба назар гирифта мешаванд:

- илмӣ, ки тибқи он раванди тарбия дар асоси таҳқиқоти муосир дар педагогика, ки ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии афсарони ҷавон, сатҳи омодагии онҳо ва хусусиятҳои шахсии онҳоро дар бар мегирад;

- аҳамияти иҷтимошавӣ, ки ташаккули малакаҳои ҳамкорӣ дар коллектив, риояи меъѐрҳои интизом ва арзишҳои хизмати ҳарбиро фаро мегирад.

Принсипҳои мазкури амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон заминаи илмӣ, таркибӣ ва мақсадноки корҳои тарбиявиро дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намуда, риояи онҳо салоҳиятҳои касбии афсарони ҷавонро ташаккул дода, барои бомуваффақият мутобиқ шудани онҳо ба талаботи хизмат, мустақилона қабул кардани қарорҳо ва ҳамкорӣ бо коллектив мусоидат мекунад.

Амсилаи пешниҳоднамудаи мо, ки дар заминаи таҳқиқоти педагогӣ ва иҷтимоӣ таҳия гардидааст, аз **панҷ қисмат** иборат буда, ҳамчунон тартибнокӣ ва мақсаднокии мутобиқшавии объекти таҳқиқшаванда - афсарони ҷавонро инъикос намуда, барои пешгӯӣ, ташкил ва арзѐбии натиҷаҳои рушди он мусоидат менамояд. Амсила ҳамзамон вазифаҳои таҳлилӣ, пешгӯӣ ва ташкилию педагогии корҳои тарбиявиро иҷро карда, объекти таҳқиқотро дар шакли назоратшаванда ва идорашаванда инъикос мекунад.

Дар амсила унсурҳои асосии зерин ҷудо карда мешаванд:

1.Мақсадгузорӣ, ки вазифаҳои мутобиқшавӣ, ташаккули хусусиятҳои касбӣ, ахлоқӣ-маънавӣ ва мутобиқи шахсияти афсарро муайян мекунад.

2.Асосҳои методологӣ - муносибатҳои таркибӣ, шахсӣ-фаъолиятнокӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ ва аксиологиро дар бар гирифта, асоснокии илмӣ ва таркибии раванди тарбияро таъмин мекунанд.

3.Ҷузъи пурмазмун ва технологӣ мундариҷаи иҷтимоӣ ва усул, шаклҳо ва воситаҳои мушаххаси корҳои тарбиявиро, аз ҷумла бозиҳои нақшӣ ва вазъиятӣ, семинарҳо, фаъолияти лоиҳавӣ ва усули парвандаро инъикос мекунад.

4.Қисми ташкилию методӣ, ки банақшагирӣ, сохтор ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳои тарбиявиро, аз ҷумла тақсимоти масъулиятро байни омӯзгорон, роҳбаладон ва ҳайати фармондеҳон таъмин менамояд.

5.Ҷузъҳои натиҷавӣ хулосаҳои интизоршудаи мутобиқшавиро ба монанди тобоварии ахлоқӣ -психологӣ, азхудкунии меъѐрҳо ва арзишҳои хизмат, салоҳияти касбӣ, қобилияти ҳамгироӣ ба коллектив ва иҷрои вазифаҳои хизматӣ инъикос мекунад.

Амсилаи иҷтимоӣ- педагогӣ мутобиқсозии афсарони ҷавон **панҷ ҷузъи** ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо ҷанбаҳои муайяни раванди кори тарбияро инъикос ва тамомияти амсиларо таъмин мекунанд.

**1. Ҷузъи мақсаднок** ҳадаф ва самтҳои амсиларо муайян мекунад. Дар доираи он мақсади асосии мутобиқсозии афсарони ҷавон барои ҳамчун шахсият касбӣ ташаккул ѐфтан ва мутобиқшавии пурра барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ, ҳамкорӣ бо коллектив ва риояи арзишҳо, омода будан ба хизмати ҳарбӣ таҳия карда мешавад.

**2. Ҷузъи мундариҷа.** Ҷузъи мундариҷа маҷмуи дониш, арзишҳо ва дастурҳои мутобиқро, ки афсарони ҷавон азхуд мекунанд, муайян месозад. Ба унсурҳои он арзиши хизмати ҳарбӣ, нақши мутобиқи афсар, меъѐрҳо, анъанаҳо ва фарҳанги касбӣ дохил мешаванд. Ин ҷузъ ташаккули асосҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва касбиро таъмин мекунад, ки барои мутобиқсозии муваффақ асос мебошанд.

**3. Ҷузъи равандию фаъолиятӣ.** Ҷузъи равандию фаъолиятӣ амалишавии мундариҷаи мутобиқшавии афсари ҷавонро тавассути фаъолиятҳои давомдори муташаккил ва таъсири педагогӣ инъикос мекунад. Ба он шаклҳои кори тарбиявӣ, масалан, бозиҳои нақшӣ ва вазъиятӣ ва семинарҳо дохил мешаванд.

Ин ҷузъ иштироки фаъолонаи афсаронро дар раванди мутобиқсозӣ таъмин карда, салоҳиятҳои касбиро ташаккул медиҳад.

**4. Ҷузъи шароитҳои педагогӣ- иҷтимоӣ.** Шароити педагогӣ-иҷтимоӣ барои татбиқи самараноки амсилаи мутобиқшавии афсарони ҷавон замина фароҳам меорад, аз ҷумла:

- шароити ташкилӣ-банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳои тарбиявӣ, мавҷудияти заминаи меъѐрӣ;

- шароити кадрӣ тахассус ва тайѐрии касбии омӯзгорон, роҳбаладон ва ҳайати фармондеҳон;

- шароити ахлоқӣ - психологӣ дастгирии коллектив, фазои мусбат, амнияти психологӣ.

Таъмини ин шароит имкон медиҳад, ки равандҳои мутобикро дар ҳолатҳои воқеӣ ва бехатар барои афсари ҷавон амсиласозӣ кунанд.

**5. Ҷузъҳои натиҷавӣ-баҳодиҳӣ.** Ҷузъи натиҷавӣ-баҳодиҳӣ самаранокии раванди мутобиқшавиро инъикос мекунад.

Ин ҷузъ барои баѐни фикру мулоҳизаҳо, ислоҳи барномаҳои таълимӣ, дараҷаи расидан барои арзѐбӣ кардани мақсадҳои мутобиқшавӣ кумак мерасонад.

Аз нигоҳи мо, амсилаи иҷтимоӣ-педагогӣ мутобиқсозии афсарони ҷавон ба тартибнокии баланд хос буда, ҳамкории ногусастании ҳамаи ҷузъҳои онро пешбинӣ мекунад. Тағйирот ѐ ислоҳ дар як ҷузъ ба таври худкор ба дигар ҷузъҳо инъикос карда мешаванд. Масалан, муайян кардани ҳадафҳои иҷтимоӣ дар ҷузъи мақсаднок коркарди мувофиқи мундариҷаи корҳои тарбиявӣ ва усули татбиқи он, инчунин ислоҳи меъѐрҳои арзѐбии натиҷаҳоро талаб мекунад. Ба ҳамин монанд, такмили шароити ташкилию кадрӣ (ҷузъи иҷтимоӣ-педагогӣ) бевосита ба самаранокии усул ва шаклҳои фаъолияти истифодашаванда, инчунин ба даст овардани натиҷаҳои ба нақша гирифташуда таъсир мерасонад.

Яке аз афзалиятҳои амсилаи мутобиқсозии афсарон дар хусусияти даврӣ ва тағйирѐбӣ доштани он аст. Хусусияти даврии раванд ташаккулѐбии тадриҷию мунтазами шахсияти касбӣ (афсарони ҷавон) ва мутобиқшавиро нишон медиҳад. Яке аз хосиятҳои асосии амсила идоракунии раванд мебошад. Идоракунӣ на танҳо мақсадҳои ба

нақшагирифташударо амалӣ мегардонад, балки самаранокии тамоми тартиби мутобиқшавиро баланд мебардорад.

Ҳамин тариқ, ҷузъҳои амсила ба ҳам алоқаманд буда, барои собитқадамӣ, тағйироти функсионалӣ ва татбиқи амалии вазифаҳо шароит фароҳам меоранд. Ин имкон медиҳад, ки низом устувор бошад ва ба ниѐзҳо ва вазифаҳои мутобиқшавии афсарони ҷавон ҷавоб дода тавонад, то ки онҳо ба шахсони аз ҷиҳати касбӣ такмилѐфта ва аз лиҳози иҷтимоӣ мутобиқшуда табдил ѐбанд ва барои иҷрои вазифаҳои расмии худ омода бошанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон зикр намуд, ки самаранокии амсилаи иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита аз фароҳам овардани шароити махсуси педагогие вобаста аст, ки бомуваффақият аз худ кардани меъѐрҳои касбӣ, иҷтимоӣ ва маърифатӣ-ахлоқии хизмати афсариро таъмин менамояд. Шароити педагогӣ муҳити ташкилӣ, психологӣ ва методиро ташкил дода, дар он татбиқи амсила таркибӣ, идорашаванда ва мақсаднок мегардад. Чунончи:

**1. Шароити ташкилӣ** банақшагирии дақиқи раванди тарбия ва ҳамгироии он бо фаъолияти тарбиявӣ ва хизматӣ, татбиқи пайдарпайи ҳамаи ҷузъҳои амсиларо пешбинӣ менамояд. Маҳз ҳамин шароит системанокӣ ва ҳамоҳангии тамоми фаъолиятҳои мутобиқсозии афсарони ҷавонро таъмин мекунанд.

**2. Шароити кадрӣ** сатҳи баланди касбӣ ва салоҳияти педагогии роҳбаладон ва омӯзгорон, доштани таҷрибаи кор бо афсарони ҷавон ва донистани хусусиятҳои психологии ташаккули шахсият дар муҳити ҳарбӣ, қобилияти омӯзгорӣ барои ташкили таълим ва тарбия бо назардошти хусусиятҳои инфиродии ҳар як афсарро пешбинӣ менамояд. Шароити кадрӣ ҳамкории самараноки байни субъекти тарбия ва коллективи педагогиро ба вуҷуд меорад, ки он ба ҷалби фаъолонаи афсарон ба раванди мутобиқсозӣ мусоидат мекунад.

**3. Шароити ахлоқӣ-психологӣ** муҳити аз ҷиҳати руҳӣ бехатар ва дастгирикунанда, аз ҷумла, дастгирии ҳайати фармондеҳон ва роҳбаладон, рушди муносибатҳои боэътимод дар коллектив, ташаккули ҳавасмандӣ барои риояи меъѐрҳои интизом, азхудкунии арзишҳои хизмати ҳарбӣ ва рушди шахсиро ташкил медиҳад. Яъне ин шароит ба фароҳам овардани муҳите мусоидат мекунад, ки дар он афсар худро бехатар ва омода барои фаъолона иштирок кардан дар фаъолияти тарбиявӣ ва касбӣ ҳис мекунад.

**4. Шароити методӣ** таҳия ва ҷорӣ намудани технологияҳои педагогӣ, ки ба иштироки фаъолонаи афсарон нигаронида шудаанд, истифодаи шаклҳои гуногуни кор, бозиҳои нақшӣ ва вазъиятӣ, семинарҳо, фаъолияти лоиҳавӣ, арзѐбии мунтазами натиҷаҳои мутобиқсозӣ бо мақсади ислоҳи чорабиниҳои тарбиявиро пешбинӣ менамояд. Он истифодаи илмӣ ва мақсадноки таъсири тарбиявиро таъмин намуда, самаранокӣ ва аҳамияти амалии онҳоро баланд мебардорад.

Шароитҳои педагогии дар боло зикргардида дар маҷмуъ барои татбиқи амсилаи педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон муҳити беҳтаринро фароҳам меорад. Онҳо тартибнокӣ, идоракунӣ ва тағйирѐбии равандро таъмин намуда, ба ташаккули шахсияти аз ҷиҳати касбӣ такмилѐфта, аз ҷиҳати ахлоқӣ устувор ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ мутобиқшуда, ки барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим дар коллективи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, мусоидат мекунанд.

Амсилаи мутобиқсозии педагогию иҷтимоии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷалвали 10 оварда шудааст:

| | |
|---|---|
| Қисми мақсаднок | **Мақсад:** ташаккули шахсияти аз ҷиҳати касбӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ омодаи афсари ҷавон, ки барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ҳамгирой ба ҳайати хизмати ҳарбӣ омода аст. |
| | |
| Қисми методологӣ | **Равишҳои методологӣ:** Равиши ботартиб, равиши шахсӣ- фаъолиятӣ; иҷтимоӣ –педагогӣ; аксиологӣ; |
| | **Принсипҳо: принсипи** якпорчагӣ ва ботартиб; принсипи пайвастагӣ; принсипи субъективӣ (иштироки фаъоли корманд);<br>-принсипи таваҷҷӯҳи касбӣ;<br>-принсипи таваҷҷӯҳи илмӣ ва рушд;<br>-принсипи мутобиқшавӣ ва ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ;<br>-принсипи аҳамияти иҷтимоӣ. |
| | **Ҷузъҳо:** ҷузъи системавӣ; ҷузъи фаъолияти шахсӣ; ҷузъи иҷтимоӣ-педагогӣ. |
| | |
| Қисми мундариҷа ва технологӣ | **Шаклҳои асосӣ:** дастаҷамъи; инфиродӣ; гурӯҳӣ; коллективӣ; бозӣ<br>**Тасниф аз рӯи шакл:**<br>**шифоҳӣ:** лексияҳо, вохӯриҳо, мубоҳисаҳо, гузоришҳо, муҳокимаҳо, вохӯриҳо бо собиқадорон;<br>**амалӣ:** нақшбозӣ, машқҳои низомӣ, сафарҳо ба иншооти низомӣ, чорабиниҳои варзишӣ;<br>**визуалӣ:** намоишгоҳҳои мавзӯӣ, рӯзномаҳои деворӣ, амсилаҳои таълимӣ, презентатсияҳои мултимедиявӣ. |
| | **Усулҳои асосӣ:**<br>**фаъол:** нақшбозӣ ва вазъиятӣ, омӯзиш бо тавассути хизмат, роҳнамой, бозиҳои корӣ, фикрронӣ, муҳокимаҳо, усулҳои лоиҳавӣ;<br>**интерактивӣ:** усули омӯзиши парвандаҳо, мизҳои мудаввар, таҳлили вазъиятҳои мушаххаси низомӣ, лоиҳаҳои эҷодӣ, дарсҳои маҳорат;<br>**анъанавӣ:** шарҳдиҳӣ-тасвирӣ, қисман ҷустуҷӯӣ, тадқиқотӣ. |
| | **Захираҳо: визуалӣ:** моделҳо, харитаҳо, презентатсияҳои ТИК, лавҳаҳо;<br>**шунавой:** радио, сабтҳои аудиоии лексияҳои ҳарбӣ;<br>**аудиовизуалӣ:** дарсҳои видеой, филмҳо, воситаҳои мултимедиявӣ;<br>**рақамӣ:** захираҳои электронии таълимӣ, шабакаҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ, сомонаҳои интернетӣ;<br>**чопӣ:** китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, китобҳои истинодӣ. |
| | |
| Қисми ташкилӣ ва | **Марҳилаҳо:** Ташхисӣ-омодагӣ, шиносой ва воридшавӣ ба муҳити ҳарбӣ, мутобиқшавии ибтидой, мутобиқшавии иҷтимоӣ-касбӣ ва назорати-таҳлилӣ. |
| | **Шароити педагогӣ:** 1. Шароити ташкилӣ.2. Шароити кадрӣ. 3. Шароити ахлоқӣ ва маънавӣ. 4. Шароити методӣ. |
| | |
| Қисми натиҷавӣ | **Меъёрҳо. Педагогӣ:** аз худ кардани меъёрҳо, арзишҳо ва қоидаҳои хизмати ҳарбӣ. **Равонӣ:** камолоти ахлоқӣ ва шахсӣ, ҳамкорӣ дар даста, ба даст овардани тобоварӣ. **Иҷтимоӣ:** омодагӣ барои нақшҳои иҷтимоии афсар; |
| | **Сатҳҳо:** баланд; миёна; паст. |
| | **Натиҷа:** ташаккули шахсияти афсари ҷавони аз ҷиҳати касбӣ омода, аз ҷиҳати иҷтимоӣ мутобиқшуда ва аз ҷиҳати ахлоқӣ тобовар, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ҳамгирой ба ҳайати шахсии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон қодир бошанд. |

**Ҷадвали 10.** Амсилаи мутобиқсозии педагогию иҷтимоӣ афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 2.2. Шароити ташкилию педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараѐни корҳои тарбиявӣ

Мутобиқсозии афсарони ҷавон яке аз ҷанбаҳои асосии ташаккули касбии онҳо ва ҳамгироии бомуваффақияти онҳо ба ҳайати шахсии қуввахои мусаллаҳ мебошад. Он раванди мураккаби азхудкунии меъѐрҳои ҳарбии касбӣ, арзишҳо, қоидаҳои рафтор ва стандартҳои касбии хизмати ҳарбиро ифода мекунад. ки на танҳо тавассути иҷрои бевоситаи вазифаҳои хизматӣ, балки дар доираи корҳои мунтазами тарбиявӣ низ сурат мегиранд. Самаранокии ин раванд асосан аз шароити ташкилию педагогии дуруст фароҳамовардашуда, ки барои ташаккули хусусиятҳои шахсӣ, салоҳияти касбӣ ва мутобиқсозии афсарони ҷавон замина мегузорад, вобаста аст.

Шароити ташкилию педагогӣ маҷмуи тадбирҳо ва воситаҳоеро дар назар дорад, ки ба шахсияти афсар тавассути банақшагирӣ ва татбиқи фаъолияти тарбиявӣ, муҳайѐ кардани муҳити мусоиди таълимӣ, инчунин ташкили фазои ҳавасмандкунанда ва дастгирикунанда дар коллектив таъсир мерасонад. Он ташкили роҳбаладӣ, тартиби чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ, дастгирии психологӣ- иҷтимоӣ, истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва усули ҷалби фаъолона ба хизмати ҳарбиро дар бар мегирад. Омӯзиши мунтазами шароити ташкилию педагогӣ имкон медиҳад, ки равишҳои самараноки мутобиқсозии афсарони ҷавон, ки на танҳо ба рушди касбии онҳо, балки ба ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, интизоми баланд, масъулият ва устувории ахлоқӣ ва маънавӣ мусоидат мекунанд, ошкор карда шаванд. Мо низ кӯшиш ба харҷ додем, ки ҷалбшавии бомуваффақияти афсарони ҷавонро ба коллективи ҳарбӣ ва муҳити хизматӣ баррасӣ намоем.

Дар илми педагогӣ ва психологӣ истилоҳи «шароити ташкилию педагогӣ» дар тавсифи омилҳое, ки равандҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва мутобиқсозиро самаранок менамоянд, ҷойгоҳи муҳим дорад. Шароити ташкилӣ ва педагогӣ маҷмуи омилҳои берунаест, ки вазифаҳои

идоракуниро амалӣ намуда, хусусиятҳои дохилии раванди тарбияро таъмин карда, якпорчагӣ, пуррагӣ, мақсаднокӣ ва самаранокии фаъолияти тарбияро таъмин мекунанд. Ин мафҳум на танҳо ҳолатҳои берунаро, ки дар онҳо таълим ва тарбия амалӣ карда мешавад, балки механизмҳои дохилиро, ки ба татбиқи ҳадафҳои педагогӣ мусоидат мекунанд, инъикос менамояд. Муҳаққиқони муосир Л.Н.Макарова, И.А.Шаршов, Т.К. Голушко, И.Н. Немкова оид ба назария ва технологияҳо чунин қайд кардаанд: «мафҳуми ин шароит дар илми педагогӣ тафсирҳои зиѐде дорад» [115, с.8].

Муҳаққиқ О.В. Галкина таъкид кардааст, ки: «шароити дурусти ташкилию педагогӣ барои самаранокии таҷрибаи таълимӣ замина фароҳам оварда, барои доираи васеи вазифаҳои илмӣ-педагогиро ҳал кардан имкон медиҳад» [58, с.232]. Илова бар ин, шароити ташкилию педагогӣ ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои ба ҳам алоқаманд баррасӣ гардида, идоракунии мақсадноки раванди тарбияро таъмин мекунанд.

Мувофиқи принсипи тағйирпазирӣ чунин низом ба рушди муҳити тарбиявӣ нигаронида шуда, ҷузъҳои банақшагирӣ, ташкил, муошират, танзим, назорат ва такмили равандҳои ташаккули шахсияти курсантонро дар бар мегирад.

Дар педагогика чунин шароит ҳамчун муҳити фаъолият, ки дар он барномаҳои таълимӣ, усули таълим ва тарбия, равишҳои инноватсионӣ, шаклҳои ҳамкории иштирокчиѐни раванди таълим (омӯзгорон, курсантон, волидон), инчунин заминаи моддию техникӣ амалӣ мегарданд, баррасӣ карда мешавад. Онҳо барои таъмини раванди рушди шахсияти курсант, эҷоди ҳавасмандӣ ба омӯзиш ва рушди касбӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар психология шароити ташкилию педагогӣ ба фароҳам овардани шароит барои дастгирии психологӣ - педагогии шахсият алоқаманд аст. Дар ин росто вазифаи онҳо ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии курсантон, рушди мустақилияти онҳо, қобилиятҳои худсанҷӣ ва муносибатҳои ҳавасмандгардонии устувор мебошад. Яъне, дар ҷанбаи

психологӣ шароит ҳамчун омилҳое баррасӣ карда мешавад, ки ба ташаккули субъективӣ ва мутобиқшавии шахс, дар мавриди мо афсари ҷавон, дар муҳити тарбиявӣ таъсир мерасонанд.

Дар адабиѐти илмӣ таърифи ягонаи шароити ташкилию педагогӣ вуҷуд надорад, чунки он вобаста бо мазмуни таҳқиқот фарқ мекунад. Бо вуҷуди он, якчанд равишҳои умумиро ҷудо кардан мумкин аст, чунончи:

1.Маҷмуи тадбирҳо ва омилҳое, ки ба идоракунии мақсадноки раванди тарбия мусоидат карда, ташкил, сохторбандӣ ва самаранокии онро таъмин мекунанд. Ин таъриф нақши унсурҳои идоракунӣ ва ташкилиро дар фаъолияти педагогӣ муайян мекунад.

2. Маҷмуи шароитҳое, ки муҳити мусоиди таълимиро фароҳам меоранд, аз ҷумла усули педагогӣ, технологияҳо, шаклҳои ҳамкорӣ ва воситаҳои таълим, ки ба рушди шахсияти курсант равона карда шудаанд. Ин мавқеъ дар таҳқиқоти рақамисозӣ ва навоварӣ дар соҳаи маориф афзалият дорад.

Шароити ташкилию педагогӣ ҳамчун воситаи методологии ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва омодагии курсантон дар соҳаҳои касбӣ (масалан, психология ѐ педагогика) таъриф талаб намуда, таваҷҷуҳи асосӣ на ба назария, балки ба натиҷаи амалия, яъне ташаккул ѐфтани салоҳиятҳо дар раванди фаъолиятҳо, равона карда шавад.

Аз ин бармеояд, ки барои ташкили самаранокии раванди таълим ва рушди шахсият танҳо муҳити таълимӣ кифоя нест, барои ин маҷмуи шароитҳои илман асосноке лозим аст, ки дар атрофи як мақсади умумӣ муттаҳид шаванд. Инак, дар идома шароитҳои мазкурро аз мавқеи педагогиву психологӣ ва иҷтимоӣ дар алоҳидагӣ шарҳ хоҳем дод.

Дар шароити такмили низоми таълим ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва талабот ба омодасозии мутахассисони босалоҳият ҳамчун шарти ташкилию педагогӣ махсусан муҳим мебошад. Онҳо на танҳо раванди таълимро мурратаб месозанду дар пояи мантиқ ба роҳ мемонанд, балки онро ба ниѐзҳои шахс, ҷомеа ва бозори меҳнат мутобиқ месозанд.

**Шароити ташкилии** мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараѐни корҳои тарбиявӣ яке аз самтҳои асосии шароитҳои педагогӣ ба шумор рафта, марҳилаи муҳимми ташаккули касбӣ ва шахсии онҳо мебошад. Самаранокии мутобиқсозӣ асосан аз шароити ташкилии дар ҷараѐни корҳои тарбиявӣ ба вуҷуд омада муайян карда мешавад. Шароити ташкилӣ омилҳои берунии мунтазам ташкилшуда ва дохилиро дар бар гирифта ташаккули мақсадноки хусусиятҳои шахсӣ, касбӣ ва ахлоқӣ-маънавии афсаронро таъмин мекунанд.

Шароити ташкилию педагогӣ вазифаҳои асосии зеринро иҷро мекунад:

1. Идоракунии дастурамалҳои банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва арзѐбии фаъолияти таълимиро муайян мекунанд.

2. Омӯзгорӣ - интихоби усул ва шаклҳои таълимро, ки ба ҳадафҳо ва хусусиятҳои иштирокчиѐн мутобиқанд, таъмин менамояд.

3. Ҳавасмандгардонӣ, ки барои ташаккули ҳавасмандии устувори таълимӣ ва худмуайянкунии касбии курсантон замина фароҳам меорад.

Дар Оинномаи интизоми ҳарбӣ низ оиди «Ҳавасмандгардонӣ» чунин навишта шудааст: «Ҳавасмандгардонӣ яке аз воситаҳои муҳими тарбияи хизматчиѐни ҳарбӣ ва таҳкими интизоми ҳарбӣ мебошад. Ҳар як командир (сардор) дар доираи ҳуқуқҳое, ки ҳамин Оиннома барояш пешбинӣ намудааст ӯҳдадор аст, ки хизматчиѐни ҳарбии тобеашро барои корнамоӣ, ташаббуси оқилона, ҷидду ҷаҳд ва корномаи хизматӣ ҳавасманд намояд.

Дар сурате, ки агар командир (сардор) ҳуқуқҳои барояш додашударо нокифоя шуморад, ӯ метавонад барои бо ҳуқуқи командири калон (сардор) ҳавасманд намудани хизматчиѐни ҳарбие, ки хизмати шоѐн намудаанд, дархост пешниҳод кунад» [14, с.3].

4. Рушд ва дастгирӣ, ки фароҳам овардани муҳити мусоидат ба худтанзимкунӣ, ташаккули худ ва инъикосро таъмин мекунад.

Ин вазифаҳо бо ҳам алоқаманд буда, ҷузъу томҳои ягона - низоми педагогиро ташкил медиҳанд, ки барои ба даст овардани мақсадҳои таълимиву тарбиявӣ нигаронида шудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар шароити муосир талабот ба афсарони ҷавон хеле афзудааст. Ба ғайр аз салоҳияти касбӣ инчунин интизоми қатъӣ, қобилияти кори дастаҷамъӣ, омодагӣ ба зуд қабул кардани қарорҳо ва муқовимат ба ҳолатҳои фавқулода эҳтимол дорад. Маҳз шароити ташкилӣ барои ташаккули ин хусусиятҳои афсарони ҷавон дар коллективи ҳарбӣ замина фароҳам меорад.

Шароити ташкилии иҷтимоӣ як қатор хусусиятҳои асосиро дорост, аз ҷумла:

- хусусияти пайдарпай, он шароити ташкилро ҳамчун маҷмуи чораҳои ба ҳам алоқаманд, ки ҷанбаҳои гуногуни корҳои тарбиявиро дар бар мегирад;

- қоидаҳои ба таври расмӣ муқарраршударо, ки устувории раванди таълимро таъмин мекунанд, дар бар мегиранд;

- хусусияти мутобиққунӣ қобилияти мутобиқ кардани шароитро вобаста ба таҷриба ва хусусиятҳои психологии афсарони ҷавон ифода мекунад;

- хусусияти ҳамгироӣ ҷузъҳои гуногуни кори тарбиявӣ (таълимӣ, фарҳангӣ, психологӣ, варзишӣ)-ро барои ба ҳадафҳои ягонаи мутобиқсозӣ расидан ифода мекунад.

Моҳияти шароити ташкилӣ дар мутобиқсозии афсарон дар он ифода меёбад, ки муҳити сохториро фароҳам оварда, ба ташаккули ҳувияти касбӣ ва устувории ахлоқӣ ва маънавии афсарон мусоидат мекунанд. Ин шартҳо фаъолияти ҳамоҳангшудаи ҳамаи унсурҳои корҳои таълимиро, аз банақшагирии чорабиниҳои таълимӣ ва тарбиявӣ то назорат ва таҳлили натиҷаҳои иҷтимоӣ, таъмин мекунанд.

Шароити ташкилӣ ҳамчунон талаботи расмии хизмати ҳарбӣ ва ҳавасмандии дохилии афсаронро алоқаманд карда, ба онҳо барои иҷрои вазифаҳои худинкишофдиҳӣ, мутобиқшавӣ ва иҷрои босамари фаъолиятҳо имконят фароҳам меорад.

Шароитҳои ташкилӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегиранд:

- банақшагирии корҳои тарбиявӣ, таҳияи барномаҳо, нақшаҳои чорабиниҳо, муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои иҷтимоӣ;

- ташкил ва сохтори фаъолияти тарбиявӣ-ташкилии шаклҳои фармондеҳӣ, таҳлили дастовардҳо, фикру мулоҳизаҳо ва тасҳеҳи нақшаҳо;

- таъсиси муҳити психологии созгор барои дастгирии роҳбаладон, имконияти изҳори нуктаи назари худ, ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ.

Намунаҳои зерини шароити ташкилӣ дар амалия ҷудо карда мешаванд:

1) Роҳнамоӣ - вобаста намудани афсари ҷавон ба роҳбари ботаҷриба барои омӯзонидани таҷрибаи касбӣ ва ташаккули арзишҳои дуруст.

2) Машқҳо ва омӯзиши дастаҷамъона - фаъолиятҳои муштарак, ки руҳияи дастаҷамъӣ ва малакаҳои муоширатро инкишоф медиҳанд.

3) Чорабиниҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ - иштирок дар чорабиниҳои тантанавӣ, озмунҳо, мусобиқаҳои варзишӣ, ки ба ташаккули хислатҳои ахлоқӣ ва маърифатӣ мусоидат мекунанд.

4) Дастгирии касбӣ – суҳбатҳои мунтазам бо мутахассисон, рушди малакаҳои касбӣ, худтанзимкунӣ.

Бояд таъкид, ки шароити ташкилӣ асоси мутобиқсозии бомуваффақияти афсарони ҷавон мебошад. Онҳо якпорчагии раванди тарбияро таъмин намуда, ба ташаккули ҳувияти касбӣ, хислатҳои ахлоқӣ ва шахсӣ, ки барои хизмати самаранок заруранд, мусоидат мекунанд. Татбиқи шароити бонизом, мақсаднок ва мутобиқгаштаи ташкилӣ на танҳо самаранокии корҳои тарбиявиро баланд мебардорад, балки муҳите фароҳам меоварад, дар он афсари ҷавон иқтидори худро амалӣ карда, ба коллектив ҳамроҳ шавад ва вазифаҳои хизматии худро бомуваффақият иҷро намудан имкон медиҳад.

Дар мутобиқсозии афсарони ҷавон **шароити кадрӣ** ҷузъи муҳими ҷараѐни корҳои тарбиявӣ маҳсуб ѐфта, ташаккули касбӣ ва ҷалби бомуваффақияти онҳоро ба коллективи қувваҳои мусаллаҳ таъмин менамояд. «Шароити кадрӣ аз худ кардани меъѐрҳо, арзишҳо, қоидаҳои

ҳамкорӣ ва стандартҳои касбии хизматро дар бар мегирад. Он омили асосии муайянкунандаи самаранокии мутобиқсозӣ, яъне сифат, касбият ва омодагии ташкили фаъолияти кормандони дар корҳои тарбиявӣ иштироккунанда мебошад» [66].

Шароити кадрӣ ташкили роҳбаладӣ, ташаккули хусусиятҳои касбӣ ва маърифатӣ-ахлоқӣ, инчунин фароҳам овардани муҳити аз ҷиҳати ахлоқӣ-маънавӣ бехатарро таъмин карда, ба мутобиқсозии самараноки афсарони ҷавон мусоидат мекунад. Хусусиятҳои асосии шароити кадрӣ дар ҷанбаъҳои зерин зоҳир меёбанд:

- дар салоҳияти касбии кормандон, яъне қобилияти роҳбаладон ва фармондеҳон барои интиқоли дониш, таҷриба ва арзишҳои зарурӣ барои ташаккули ҳувияти касбии афсарони ҷавон;

- дар мақом ва намунаи шахсӣ. Афсароне, ки дар корҳои тарбиявӣ иштирок мекунанд, бояд интизоми намунавӣ дошта бошад;

- дар рушди доимии навсозии дониш, усули тарбия, истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва психологӣ.

Аҳамияти шароити кадрӣ аз таъмини кормандони ботаҷриба, ҳавасманд ва аз ҷиҳати ахлоқӣ устуворе иборат аст, ки, раванди мутобиқсозии афсарони ҷавонро ташкил ва дастгирӣ карда метавонанд.

Шароити кадрӣ ҳам вазифаҳои расмӣ - ташкили раҳбаладӣ, назорат, арзёбӣ, ҳам ҷанбаҳои психологии дастгирӣ, ҳавасмандкунӣ, намунаи шахсиро низ дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, шароити кадрӣ захираи хусусиятҳои инсонӣ мебошад, ки самаранокии кори тарбияро муайян, интиқоли меъёрҳо ва арзишҳои касбиро таъмин карда, хусусиятҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии афсаронро ташаккул медиҳад.

Шароити кадрӣ якчанд ҷузъҳои асосиро дар бар мегирад, аз ҷумла:

1) Интихоб ва тайёр кардани тарбиядиҳандагон- интихоби роҳбаладон ва фармондеҳони дорои сатҳи баланди касбӣ ва касбии педагогӣ.

2) Ташкили роҳбаладӣ ва роҳбарӣ, яъне ба афсарони ҷавон таъин кардани роҳбаладони ботаҷрибае, ки онҳоро дар раванди хизмат ва омӯзиш ҳамроҳӣ кунанд.

3) Таъмини методӣ, яъне мавҷудияти тавсияҳо, дастурҳо, нақшаҳои корҳои тарбиявӣ, ки ба кадрҳо дар татбиқи самараноки вазифаҳои онҳо кумак мерасонанд.

А.А. Беляев оид ба омодагии равонии хизматчиѐни ҳарбӣ андешарони намуда, чунин баѐн намудааст: «Арзѐбии самаранокии шароити кадрӣ ин назорати салоҳияти касбии роҳбаладон, таҳлили натиҷаҳои иҷтимоикунонии афсарони ҷавон, ба танзим даровардани фаъолияти онҳо мебошад» [45, с.50].

Муҳаққиқ И.Н. Сафонова ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии иҷтимоикунони афсарони ҷавонро таҳлил намуда, таъкид мекунад, ки шароити кадрӣ доираи амалҳои зеринро дар бар мегирад:

- «роҳнамоӣ дар солҳои аввали хизмат, вобаста кардани афсарони ҷавон ба ҳамкорони ботаҷриба, иштирок дар фаъолияти ҷангӣ ва омӯзишӣ дар якҷоягӣ бо роҳбаладӣ;

- дастгирии касбӣ аз тарафи фармондеҳон - машваратҳои мунтазам ва машғулиятҳо дар самти мутобиқшавӣ ба вазъияти тангии асаб ва ҳолатҳои фавқулодаи хизмат;

- вазифа ивазкунии кадрӣ бо мақсади рушди касбӣ - фароҳам овардани имконият барои афсарони хурд, барои омӯхтани касб аз устодон ва фармондеҳони гуногун, васеъ кардани таҷрибаи онҳо;

- дастрасӣ ба дастурҳои методӣ ва таълимӣ - барои кадрҳо таҳия намудани дастурҳо, барномаҳои машғулиятҳо ва чорабиниҳо оид ба корҳои тарбиявӣ» [159, с.74].

**3. Шароити ахлоқӣ-психологии** мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараѐни корҳои тарбиявӣ яке аз шартҳои муҳими раванди мазкур мебошад. Мутобиқсозии афсарони ҷавон ин маҷмуи раванди ташаккули ҳувияти касбӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ буда, дар он шароити ахлоқӣ-психологӣ аҳамияти

калон дорад. Ин шароитҳо фазои педагогии ва психологии коллективро муайян карда, арзишҳои ахлоқиро дастгирӣ намуда, ба ҳолатҳои фавқулодаи хизмат муқовимат мекунанд.

Шароити ахлоқӣ ва маънавӣ муҳите фароҳам меорад, ки дар он афсарон, меъѐрҳои касбиро бошуурона аз худ кунанд, хислатҳои шахсиро инкишоф дода, малакаи мутобиқсозиро ҳосил намоянд ва руҳияи дастаҷамъиро тақвият бахшанд. Инҳо тадбирҳои эътимод, ҳавасмандӣ, суботи ахлоқӣ ва некӯаҳволии афсаронро дар бар гирифта тақвият мебахшанд ва онҳоро ба қисми ҷудонашавандаи раванди таълим табдил медиҳанд.

Хусусиятҳои асосии шароити ахлоқи-маънавиро инҳо ташкил медиҳанд:

- дастгирии педагогӣ, эҷоди муносибатҳои боэътимод байни фармондеҳон, роҳбаладон ва афсарони ҷавон;

- намунаи ахлоқи шахсияти афсаре, ки дар корҳои тарбиявӣ иштирок мекунанд ва намунаи интизом, ростқавлӣ ва ахлоқи касбӣ мебошад;

- таҳаммулпазирӣ ва омодагии ҳарбӣ, яъне ташаккули қобилияти ҷавоби мувофиқ интихоб намудан ба ҳолатҳои душвор ва фавқулода;

- ҳавасмандӣ ба хизмат ва такмилѐбӣ. Ин хоҳиши хизмат кардан, рушди касбӣ ва шахсиро ифода мекунад;

- ҳамбастагӣ ба коллектив, рушди малакаҳои кори дастаҷамона ва дастгирии мутақобила, таҳкими руҳияи ахлоқӣ.

Сотсиологҳои англис П. Бергер ва Т.Лукман дар бораи ҷомеашиносии дониш чунин андеша доранд: «Моҳияти шароити ахлоқӣ-психологӣ дар таъмини амнияти психологӣ, суботи эҳсосӣ ва тарбияи ахлоқии афсарони ҷавон зоҳир меѐбад» [46, с.46].

Онҳо барои ташаккули ҳавасмандии дохилӣ, садоқат ба хизмати ҳарбӣ, интизом ва масъулияти баланд замина фароҳам меоранд. Ин шароит бо чорабиниҳои алоҳида маҳдуд намешавад, он муҳити устувор ва мусоиди

психологиеро ташкил медиҳад, ки дар он мутобиқсозии афсарон самаранок ва ҳамоҳанг сурат мегирад.

Мазмуни шароити ахлоқӣ-психологӣ дар ташкили тадбирҳои зерин бархӯрдор мегарданд:

- эҷоди муҳити аз ҷиҳати ахлоқӣ бехатар - таъмини эътимод, ошкорбаènӣ ва дастгирии роҳбаладон ва фармондеҳон;

- ташаккули меъèрҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, ки тарбияи арзишҳои ростқавлиро дар бар мегиранд;

Муҳаққиқ О.В. Галкин оид ба шароити ахлоқӣ-маънавӣ чунин таъкид мекунад:

- «арзèбӣ ва дастгирии равонӣ - афсарони ботаҷриба ба ҷавонон барои мутобиқ шудан, мубодилаи таҷриба ва дастгирии ахлоқию маънавӣ кумак мекунанд.

- омузиш ва машқҳои даставӣ. Фаъолиятҳои муштарак ба рушди эътимод, ҳамбастагӣ ва устувории душворииҳ касбӣ мусоидат мекунад.

- машғулиятҳои психологӣ - машқҳо оид ба худдорӣ, идоракунии эҳсос ва душворииҳ касбӣ.

- чорабиниҳои фарҳангӣ - тарбиявӣ иштирок дар маросимҳои тантанавӣ, озмунҳо, мусобиқаҳои варзишӣ, ки ба ташаккули арзишҳои ахлоқиву маърифатӣ равона шудаанд» [58, с.233].

Муҳаққиқ Е.А. Климов масъалаи омодасозии псхологии ҳарбиènро баррасӣ намуда, қайд кардааст, ки: «шароити ахлоқӣ-психологӣ асоси фундаменталии мутобиқсозии бомуваффақияти афсарони ҷавон мебошад. Шароити мазкур ташаккули ҳавасмандии дохилӣ, устуворииҳ ахлоқӣ, омодагии равонӣ ба хизмат ва қобилияти кори дастаҷамъиро таъмин мекунанд» [93, с.113]. Фароҳам овардани чунин шароит дар раванди тарбия ба афсарони ҷавон имкон медиҳад, ки ба гурӯҳ ҳамроҳ шаванд, самаранокии фаъолияти худро баланд бардоранд ва руҳияи қисмҳои низомиро тақвият диҳанд.

Ба андешаи мо, рушду такмили шароити ахлоқӣ-психологӣ барои командирон ва роҳбаладон вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад, зеро муваффақияти мутобиқсозӣ, омодагии касбӣ ва рушди шахсии афсарони ҷавон бевосита аз ин вобаста аст.

**Шароити методии** мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараѐни корҳои тарбиявӣ раванди ҳамаҷонибаи ташаккули ҳувияти касбӣ, шахсӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Яке аз омилҳои асосии мутобиқсозии муваффақ шароити методӣ мебошад.

Е. А. Климов таъкид мекунад, ки: «Шароитҳои методӣ таҳияи нақшаҳои корҳои тарбиявӣ, истифодаи воситаҳои муосири педагогӣ ва психологӣ, ташаккули дастурамалҳо барои командирон ва роҳбаладон, инчунин ташкили бозхондани фикру мулоҳизаҳо ва арзѐбии натиҷаҳоро дар бар мегиранд» [93, с.114]. Маҳз шароити методӣ имкон медиҳад, ки раванди мутобиқшавӣ сохторӣ, мақсаднок ва самаранок бошад ва ташаккули яклухти салоҳиятҳои афсарони ҷавонро таъмин кунад.

Шароити методӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- мураттабӣ - тартиби истифодаи барномаҳо ва маҷмуаҳои методӣ, ки тамоми ҷанбаҳои кори тарбиявиро фаро мегиранд;

- мақсаднокӣ – истифодаи усул ва технологияҳое, ки ба ҳадафҳои мушаххаси иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, ташаккули интизом, хусусиятҳои ахлоқӣ;

- назорат ва арзѐбӣ - мавҷудияти механизмҳои баҳодиҳии самаранокии усул ва тасҳеҳи чорабиниҳои таълимӣ.

Моҳияти шароити методӣ аз ташкили муҳити таркибӣ- илмии асоснок, сохторӣ ва идорашавандаи корҳои тарбиявӣ иборат буда, ташаккули хусусиятҳои шахсӣ ва касбии афсаронро таъмин мекунад.

Муҳаққиқи ватанӣ С.О. Сатторов дар рисолаи илмии худ «Ташаккули самти ахлоқӣ ва касбӣ байни курсантони донишкадаҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таълим» чунин қайд кардааст: «Шароити методӣ ҷанбаъҳои зеринро таъмин менамояд:

- стандартикунонии равишҳо ба корҳои тарбиявӣ;

- идомаи интиқоли дониш ва таҷриба;

- баҳисобгирии хусусиятҳои инфиродии афсарони ҷавон;

- истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва психологӣ;

- арзѐбӣ ва таҳлили натиҷаҳои мутобиқсозӣ» [158, с.68].

Ҳамин тариқ, шароити методӣ воситаи ташкили раванди мутобиқшавӣ буда, самаранокии баланди корҳои тарбиявиро имконпазир мегардонад.

Ҷузъҳои асосии шароитҳои методӣ аз:

1) банақшагирии корҳои тарбиявӣ - таҳияи нақшаҳои солона ва моҳона; нақша ва барномаҳои чорабиниҳо ва ҷадвалҳои тақвимӣ;

2) таҳияи тавсияҳо ва дастурҳои методӣ барои роҳбаладон ва фармондеҳон, иборатанд.

Муҳаққиқиони муосир Л.Н.Макарова, И.А.Шаршов, Т.К. Голушко ва И.Н. Немкова оид ба шароитҳои методӣ чунин ақида меронанд: «Намунаҳои шароитҳои методӣ дар амалия омӯзиши мунтазам ва таҷрибаандӯзиро, ки барои ташаккули хислатҳои роҳбарӣ, малакаҳои кори дастаҷамъона ва тобовари ба хизмати ҳарбӣ нигаронида шудааст; роҳнамоӣ бо истифода аз тавсияҳои методологӣ, ки тибқи он кормандони ботаҷриба бо кормандони ҷавон бо истифода аз маводи методологии таҳияшуда дарсҳои мунтазам мегузаронанд; бозиҳои амалӣ ва нақшбозӣ, амсиласозии ҳолатҳои воқеии хизмат барои омӯзиши малакаҳои қабули қарорҳо ва ҳамкорӣ дар коллектив; арзѐбии мутобиқшавӣ ва дастовардҳо - истифодаи саволномаҳо, пурсишҳо ва мушоҳидаҳо барои арзѐбии самаранокии усули истифодашуда; таҳияи маҷмуаҳои методӣ, дастурҳо барои роҳбаладон бо тавсифи беҳтарин таҷрибаҳои кори тарбиявиро дар бар мегиранд» [115, с.8].

Шароити методӣ унсури калидии мутобиқсозии бомуваффақияти афсарони ҷавон мебошанд. Онҳо сохторӣ, пайдарпай ва мақсаднокии корҳои тарбиявиро таъмин карда, ба ташаккули хусусиятҳои касбӣ, ахлоқӣ ва шахсии барои хизмат зарурӣ мусоидат мекунад. Афсарони калон ва

роҳбаладон воситаҳои пешрафтаи педагогӣ ва психологиро истифода бурда, самаранокии мутобиқсозӣ ва омодагии касбии афсарони ҷавонро баланд мебардоранд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши бонизоми шароити ташкилию педагогӣ равишҳои самараноки мутобиқсозии афсарони ҷавон, ки на танҳо ба рушди касбии онҳо, балки ба ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, интизоми баланд, масъулият ва устувории ахлоқӣ ва маънавӣ мусоидат намуда онҳоро ошкор кардан имкон медиҳад.

## 2.3. Шаклҳои асосии корҳои тарбиявӣ дар раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон

Раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон тавассути корҳои махсус ташкилшудаи тарбиявӣ низ амалӣ карда мешавад. Дар ин замина шаклҳо, усул ва воситаҳои таъсири тарбиявӣ, ки воситаи амалии татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои мутобиқсозӣ дар коллективи ҳарбӣ ба шумор мераванд, аҳамияти махсус пайдо мекунанд.

Шакл, усул ва воситаҳои корҳои тарбиявӣ интиқоли муқаррароти назариявии тарбияро ба амалияи воқеии педагогӣ таъмин намуда, ба азхудкунии меъѐрҳо, арзишҳо, намунаҳои рафтор ва нақшҳои иҷтимоӣ аз ҷониби афсарони ҷавон мусоидат мекунанд.

Амалияи муосири таълимӣ омӯзиши васеи шаклҳои анъанавӣ ва инноватсионии кор, истифодаи фаъолонаи усули ба рушди масъулият, интизом, хусусиятҳои роҳбарӣ ва қобилияти ҳамкории дастаҷамъӣ нигаронидашударо талаб мекунад. Воситаҳои корҳои тарбиявӣ дар ин ҳолат захираи муҳимми ташаккули муқаррароти устувор, ҳувияти касбӣ ва омодагии афсарони ҷавон барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар шароити гуногун мебошанд.

С.В. Николаев доир ба мутобиқшавии афсарони ҷавон чунин қайд менамояд: «Мутобиқшавии афсарони ҷавон дар доираи корҳои мақсадноки

тарбиявӣ, ки тавассути шаклҳои гуногуни ҳамкории педагогӣ амалӣ мегардад, анҷом дода мешавад. Ин шаклҳои кори тарбиявӣ усули сохторбандии фаъолиятҳои табиявиро инъикос карда, хусусияти ҳамкории байни субъектҳои тарбивиро муайян ва водиршавии афсарони ҷавонро ба низоми муносибатҳои касбӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии коллективи ҳарбӣ таъмин мекунанд» [133, с.54].

Интихоб ва омӯзиши шаклҳои кори тарбиявӣ бо хусусияти хизмати ҳарбӣ, сатҳи омодагии касбии афсарони ҷавон, хусусиятҳои фаъолияти хизматӣ ва вазифаҳои раванди тарбия вобаста аст. Истифодаи оқилонаи шаклҳои гуногун метавонанд пайдарпайи, муттасилӣ ва самаранокии мутобиқсозии афсаронро таъмин карда, ба ташаккули ҳувияти касбӣ, интизом, масъулият ва омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои хизматии онҳо мусоидат кунад.

Инак, шаклҳои асосии корҳои тарбиявии раванди мутобиқсозии афсарони ҷавонро дар алоҳидагӣ баррасӣ мекунем.

**1. Шаклҳои кори инфиродии мутобиқсозии афсарони ҷавон.** Мутобиқсозии афсарони ҷавон дар тартиби хизмати ҳарбӣ раванди мураккаб ва бисѐрҷанба буда, дар он шаклҳои инфиродии корҳои тарбиявӣ нақши муҳим доранд. Баръакси шаклҳои кори гурӯҳӣ ва коллективӣ, онҳо ба баҳисобгирии хусусиятҳои шахсӣ, касбӣ ва психологии ҳар як афсар равона карда шуда, барои баланд бардоштани самаранокии раванди мутобиқсозӣ ва ташаккули касбӣ дар марҳилаҳои аввали хизмат мусоидат менамоянд.

Муҳаққиқон И.А. Алѐхин (ва дигарон) дар дастури таълимии «Назария ва амалияи таълими хизматчиѐнӣ» «Шаклҳои кори инфиродии мутобиқсозӣ таъсири мақсадноки педагогиро барои ҳар як афсар дар алоҳидагӣ таъмин карда, ба ташаккули ҳавасмандии устувор ба хизмат, рушди ҳувияти касбӣ ва масъулият мусоидат мекунанд. Истифодаи онҳо махсусан, дар давраи аввали мутобиқшавии афсарони ҷавон ба муҳити

хизмати ҳарбӣ, талаботи фаъолияти оинномавӣ ва хусусияти коллективи ҳарбӣ, муҳим аст» [35, с.25].

Шаклҳои кори инфиродии мутобиқсозии афсарони ҷавон бо хусусиятҳои зерин тавсиф карда мешаванд:

- фардикунонии таъсири тарбиявӣ, ки ба хусусиятҳои инфиродии шахс асос ѐфтааст;

- мутобиқшавӣ ва тағйирпазирӣ барои мутобиқ кардани мундариҷа ва усули кори тарбиявӣ;

- ҳамкории бевоситаи байни субъектҳои тарбия (командир, роҳбалад, психолог ва афсари ҷавон);

- самти ташхисӣ, ки таҳлили доимии сатҳи мутобиқшавӣ ва иҷтимоишавиро дар бар мегирад;

- хусусияти дарозмуддатӣ, ки ҳамроҳшавии афсарро дар марҳилаҳои асосии ташаккули касбӣ таъмин мекунад.

Моҳияти шаклҳои кори инфиродии мутобиқшавӣ дар фароҳам овардани шароит барои аз тарафи афсари ҷавон дарк кардани меъѐрҳои касбӣ ва мутобиқшавӣ ба хизмати ҳарбӣ тавассути ҳамкории шахсӣ бо фармондеҳон ва роҳбаладон зоҳир меѐбад. Ин шаклҳои кор барои таҳкими интизом, ҳисси масъулият, устувории ахлоқ ва омодагӣ ба қабули қарорҳо ба навафсарон кумак карда, барои ҳалли мушкилоти мутобиқшавӣ, танзими муносибатҳои рафтор, рушди хусусиятҳои касбӣ ва эътимоднокӣ имконият фароҳам меоранд.

Корҳои инфиродӣ механизми муҳимми пайваст кардани талаботи берунии хизмат бо самтҳои арзишҳои дохилии шахсияти афсар буда, воридшавии ҳамоҳангро ба муҳити касбӣ таъмин менамоянд.

Муҳаққиқ С. В. Бородин оид ба шаклҳои корҳои инфиродӣ дар мутобиқсозӣ чунин қайд менамояд: «Ба шаклҳои асосии кори инфиродии мутобиқсозии афсарони ҷавон инҳо дохил мешаванд:

- суҳбатҳои инфиродии тарбиявӣ, ки ба шарҳи талаботи хизматӣ, ташаккули самтҳои арзиш ва ҳавасмандӣ равона карда шудаанд;

- роҳнамоӣ ва роҳбарӣ барои расонидани таҷрибаи касбӣ ва дастгирӣ дар раванди мутобиқшавӣ;

- машваратҳои инфиродии педагогӣ ва психологӣ, ки ба ҳалли мушкилоти шахсӣ ва касбӣ мусоидат мекунанд;

- намунаи шахсияти фармондеҳ аст, ки дар афсари ҷавон меъѐри рафтори хизматӣ ва фарҳанги касбиро ташкил медиҳад;

- роҳнамоии инфиродӣ дар давраи мутобиқшавӣ, аз ҷумла назорат, дастгирӣ ва ислоҳи рафтор;

- хударзѐбии натиҷаҳои мутобиқсозӣ, ки ба таҳлили тағйирпазири рушди шахсият ва хусусиятҳои касбӣ асос ѐфтааст» [51, с.29].

Ин ҷанбаҳои шаклҳои кори инфиродии мутобиқшавӣ ба хусусиятҳои шахсӣ ва касбии афсари ҷавонро таъсири бевосита мегузоранд.

1**. Шаклҳои кори инфиродии мутобиқсозӣ дар амалия** ба тариқи зайл анҷом дода мешаванд:

1. **Роҳбаладӣ**. Вобаста кардани афсари ҷавон ба фармондеҳ ѐ афсари калони ботаҷриба, ки ӯро дар моҳҳои аввали хизмат роҳнамоӣ мекунад, оид ба масъалаҳои хизматӣ ва ахлоқӣ машварат медиҳад.

2. **Машварат** бо муовини командиро рота оид ба корҳои сиѐсӣ тарбиявӣ, ки ба рушди устувории алоқӣ-маънавӣ ва худтанзимкунӣ равона шудааст.

3. **Арзѐбии шахсӣ** таҳлили дастовардҳои афсари ҷавон бо назардошти сатҳи ибтидоии ӯ ва рушди тағйирпазирии инфиродӣ.

Шаклҳои инфиродии мутобиқсозӣ ҷузъи муҳимми корҳои тарбиявӣ бо афсарони ҷавон мебошанд. Онҳо муносибати шахсиро таъмин намуда, ба мутобиқсозии самаранок ба шароити хизмат, ташаккули ҳувияти касбӣ ва муқаррароти устувори ахлоқӣ мусоидат мекунанд.

Истифодаи шаклҳои инфиродӣ самаранокии муоширатро беҳтар карда, интизомро мустаҳкам мекунад, мушкилоти мутобиқшавиро кам ва барои рушди касбӣ ва шахсии афсарони ҷавон шароит фароҳам меорад.

Истифодаи мунтазами онҳо барои беҳтар кардани корҳои тарбиявӣ дар қисмҳои ҳарбӣ муҳим аст.

2. **Шаклҳои гурӯҳии кори тарбиявӣ**. Мутобиқсозии афсарони ҷавон дар шароити хизмати ҳарбӣ на танҳо тавассути таъсири инфиродии тарбиявӣ, балки тавассути дохилшавии фаъол ба ҳамкории гурӯҳӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин раванд шаклҳои гурӯҳии корҳои тарбиявӣ, ки ба рушди малакаҳои муошират, ҳамкорӣ ва қабули арзишҳои ҳайатии коллективи ҳарбӣ равона шудаанд, нақши махсус доранд.

Афсарони ҷавон шаклҳои кори гурӯҳӣ, нақшҳои иҷтимоисозӣ ва касбиро аз худ мекунанд. Ҳисси мансубият ба ҷузъу томҳоро ташаккул дода, тафаккури гурӯҳӣ ва масъулиятро барои натиҷаҳои муштараки фаъолият инкишоф медиҳанд. Муҳаққиқон В.И. Вдовюк ва С.М. Фильков доир ба ҷараёни корҳои тарбиявӣ таъкид менамоянд: «Дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ онҳо воситаи муҳимми ташаккули фазои ахлоқӣ-психологӣ ва меъёрҳои устувори рафтори хизматӣ мебошанд» [54, с.9].

Моҳияти шаклҳои гурӯҳии мутобиқсозӣ дар фароҳам овардани шароит барои афсарони ҷавон бо мақсади дарки меъёрҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои хизмати ҳарбӣ тавассути ҳамкории дастаҷамъӣ зоҳир меёбад. Бояд таъкид кард, ки дар гурӯҳ таҷрибаи иҷтимоӣ ташаккул меёбад, ки онро дар фаъолияти инфиродӣ ба даст овардан ғайриимкон аст.

Муҳаққиқ В. В. Колпачев оид ба корҳои гурӯҳи чунин ақида дорад: «Шаклҳои кори гурӯҳӣ имкон медиҳанд, ки роҳбарии педагогиро бо равандҳои табии таъсири гурӯҳӣ якҷоя карда, ба ташаккули интизом, масъулият, эҳтиром ба ҳамсабақон ва омодагӣ, ба амал ва манфиати коллектив мусоидат карда шавад. Тавассути муҳокимаи гурӯҳӣ ва фаъолияти муштарак ҳамоҳангсозии ҳадафҳои шахсӣ ва дастаҷамъӣ сурат мегирад» [96, с.51].

А.С. Бароненко шаклҳои асосии корҳои гурӯҳии тарбиявиро чунин тақсимбандӣ кардааст:

«- суҳбатҳо ва муҳокимаҳои гурӯҳӣ, ки ба фаҳмидани вазифаҳои хизматӣ, меъѐрҳои рафтор ва арзишҳои ахлоқӣ равона карда шудаанд;

- дарсҳои таълимӣ-тарбиявӣ, ки омӯзиш ва таъсири тарбиявиро дар бар мегиранд;

- омӯзиши рушди шахсӣ ва касбӣ, ташаккули малакаҳои муошират, устувории душвории касбӣ ва ҳамкорӣ бо коллектив;

- таҳлили ҳолатҳои хизматӣ ва ахлоқию маънавӣ, ки ба рушди инъикос ва интихоби рафтор мусоидат мекунад;

- мизҳои мудаввар ва мубоҳисаҳо барои таҳияи афкори дастаҷамӣ ва фарҳанги муколамаи касбӣ;

- нақшбозӣ, ки шароити воқеии фаъолияти хизматро тақлид мекунанд ва ба рушди малакаҳои қабули қарор мусоидат менамояд» [44, с.54].

Шаклҳои кори гурӯҳи дар амалия дар намудҳои зер татбиқ карда мешаванд:

1. Суҳбатҳои гурӯҳии тарбиявӣ бо афсарони ҷавон оид ба масъалаҳои этикаи хизматӣ, интизом ва анъанаҳои ҷузъу том.

2. Машғулиятҳои гурӯҳсозӣ, ки ба рушди эътимод, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамбастагии ҳайати шахсӣ равона мешаванд.

3. Таҳлили ҳолатҳои хизматӣ, ки бо таҳлили дастаҷамъонаи хатоҳо ва қарорҳои муваффақ дар ҷараѐни машқҳо ѐ хизмат ба вуҷуд меоянд.

4. Бозиҳои корӣ, ки тақсимоти нақшҳо ва инъикоси минбаъдаи вазифаҳои идоракунӣ ва тактикиро тақлид мекунанд.

5. Ташкили майдончаҳо барои баҳсу мунозира дар атрофи масъалаҳои иҷрои масъулияти ҳарбӣ ва роҳбарӣ.

Бояд таъкид кард, ки шаклҳои гурӯҳии кори мутобиқсозӣ унсури муҳимми кори тарбиявӣ буда, ташаккули арзишҳои коллективӣ, рушди малакаҳои ҳамкорӣ ва азхудкунии меъѐрҳои фарҳанги ҳарбиро таъмин мекунанд. Истифодаи онҳо ба таҳкими фазои ахлоқӣ-психологӣ дар ҷузъу томҳо, баланд бардоштани ҳамбастагӣ ва самаранокии фаъолияти хизматӣ

мусоидат менамояд. Ҳамчунон истифода аз усулҳои зерини кори гурӯҳӣ аз қабили:

- суҳбатҳо ва муҳокимаҳои гурӯҳӣ;
- дарсҳои таълимӣ-тарбиявӣ;
- омӯзиши рушди шахсӣ ва касбӣ;
- таҳлили ҳолатҳои хизматӣ ва ахлоқию маънавӣ;
- мизҳои мудаввар ва мубоҳисаҳо;
- бозиҳои корӣ ва тақлидӣ барои рушди ҳамкорӣ ва ташаккули арзишҳои коллективӣ хеле ба мақсад мувофиқ мебошанд.

Истифодаи мунтазам ва методии шаклҳои гурӯҳӣ имкон медиҳад, ки барои омӯзиши ҳамоҳангии манфиатҳои инфиродӣ ва коллективӣ шароит фароҳам оваранд, зеро ин шарти муҳими мутобиқсозии бомуваффақияти афсарони ҷавон дар коллективи ҳарбӣ мебошад.

**3**. **Шаклҳои кори коллективии мутобиқсозӣ**. Мутобиқсозии афсарони ҷавон дар шароити хизмати ҳарбӣ воридшавии марҳила ба марҳила ба гурӯҳи мутахассисон, азхудкунии меъѐрҳои фаъолияти дастаҷамъона ва қабули арзишҳои коллективи ҳарбиро дар назар дорад. Дар ин раванд шаклҳои коллективии корҳои тарбиявӣ ки иштироки фаъолонаи афсарони ҷавонро дар фаъолияти муштараки хизматӣ, таълимӣ ва ҷамъиятӣ таъмин месозанд, аҳамияти махсус пайдо мекунанд.

Муҳаққиқ И. А. Голицина доир ба шаклҳои коллективонаи мутобиқсозии афсарон чунин қайд менамояд: «Шаклҳои коллективии мутобиқсозӣ ба ташаккули ҳисси мансубият ба ҷузъу томҳо, рушди масъулият барои кори умумӣ ва азхудкунии анъанаҳои хизмати ҳарбӣ мусоидат мекунанд. Тавассути ҳамкории дастаҷамъӣ афсарони ҷавон таҷрибаи мутобиқро ба даст меоранд, ки онҳо барои самаранок иҷро кардани вазифаҳои хизматӣ ва эҷоди муносибатҳои касбӣ дар коллективи ҳарбӣ заруранд» [59, с.9].

Шаклҳои коллективонаи корҳои тарбиявӣ дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошанд, аз ҷумла:

- хусусияти оммавии иштирок, ки қисми зиѐди ѐ тамоми ҳайати шахсии ҷузъу томро фаро мегирад;

- самти иҷтимоӣ-меъѐрӣ, ки азхудкунии талабот ва меъѐрҳои оинномавии рафторро таъмин мекунад.

Моҳияти шаклҳои кори коллективии мутобиқсозӣ дар фароҳам овардани шароит барои дохил кардани афсари ҷавон ба низоми робитаҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои коллективи ҳарбӣ зоҳир мегардад. Тавассути иштирок дар чорабиниҳои муштарак дар навафсарон дарки масъулияти шахсӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои фаъолияти дастаҷамъона, ташаккул ва ҳисси рафоқат, кумаки мутақобила инкишоф меѐбад.

Шаклҳои коллективии корҳои тарбиявӣ механизми мувофиқати манфиатҳои инфиродӣ ва вазифаҳои ҷузъу томҳо буда, ба ташаккули ҳувияти касбӣ ва амсилаҳои устувори рафтори хизматӣ, ки ба анъанаҳо ва арзишҳои ҳарбӣ асос ѐфтаанд, мусоидат мекунанд.

Д. Л. Агранат ақидаҳои худро оид ба шаклҳои асосии корҳои коллективии тарбиявиро чунин баѐн мекунад:

- «ҷамъомадҳои умумии ҳайати шахсӣ, ки ба иттилоъ додан, муҳокимаи вазифаҳои хизматӣ ва тарбияи масъулият равона шудаанд;

- чорабиниҳои тантанавӣ ва маросимӣ (савганд ѐд кардан, супоридани ҷоизаҳо, санаҳои хотиравӣ), ки ҳисси ифтихорро аз хизмат дар қувваҳои мусаллаҳ ташаккул медиҳанд;

- иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ватандӯстӣ, ки ба таҳкими арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ мусоидат мекунанд;

- мусобиқаҳои варзишӣ ва бозиҳои ҳарбӣ-амалӣ, ки руҳияи даставӣ, тобоварӣ ва ѐрии мутақобиларо инкишоф медиҳанд;

- чорабиниҳои коллективии таълимӣ ва хизматӣ, ки азхудкунии амалии меъѐрҳои ҳамкорӣ ва тақсимоти нақшҳоро дар коллектив таъмин мекунанд» [31, с.58].

Шаклҳои кори коллективии мутобиқсозӣ дар амалия дар намудҳои зерин татбиқ карда мешаванд:

1. Маҷлисҳои умумии ҷузъу томҳо, ки дар онҳо натиҷаҳои фаъолияти хизматӣ ҷамъбаст карда шуда, дурнамои рушд муҳокима карда мешаванд.

2. Маросимҳои тантанавӣ бахшида ба ҷашнҳои давлатӣ ва ҳарбӣ бо иштироки тамоми ҳайати шахсӣ.

3. Чорабиниҳои барои муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба таърих ва парвариши ҳисси миллатдӯстӣ, ки ба ҳифзи хотираи таърихӣ ва анъанаҳои ҳарбӣ равона шудаанд.

4. Мусобиқаҳои варзишӣ байни ҷузъу томҳо, ки руҳияи рақобат ва ҳамкории дастаро ташкил медиҳанд.

5. Машқҳои муштарак ва машғулиятҳо, ки дар онҳо афсарони ҷавон таҷрибаи қабули қарорҳои дастаҷамъонаро аз худ мекунанд.

Шаклҳои коллективии мутобиқсозӣ унсури муҳимми кори тарбиявӣ бо афсарони ҷавон буда, онҳо ташаккули арзишҳои коллективӣ, рушди ҳисси масъулият ва ҳамгироии шахсро ба коллективи ҳарбӣ таъмин менамоянд. Истифодаи арзишҳои ба таҳкими интизом, устувории ахлоқию маънавӣ ва омодагӣ ба хизмати ҳарбии онҳо ба фаъолияти муштараки касбӣ мусоидат мекунад.

Истифодаи мунтазам ва мақсадноки шаклҳои коллективии корҳои тарбиявӣ, ки муҳити тобоварии иҷтимоӣ-педагогӣ фароҳам оварда шуда, мутобиқсозии бомуваффақияти афсарони ҷавон ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҷузъу томҳои ҳарбӣ таъмин намудан имкон медиҳад.

**4. Шаклҳои кори ташкилию хизматӣ.** Мутобиқашии афсарон дар шароити хизмати ҳарбӣ на танҳо тавассути чорабиниҳои мақсадноки тарбиявӣ, балки бо роҳи фаъолона ҷалб намудани онҳо ба иҷрои вазифаи ҳаррӯзаи хизмати ҳарбӣ амалӣ мегардад. Дар ин замина, шаклҳои ташкилию хизматии корҳои тарбиявӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, ки азхудкунии амалии нақшҳо, меъѐрҳо ва талаботи хизмати ҳарбиро таъмин менамоянд.

Шаклҳои кори ташкилию хизматии мутобиқсозӣ барои ташаккули масъулияти касбӣ, интизом ва омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ шароит фароҳам меоранд. Онҳо ба афсарони ҷавон хусусиятҳои фаъолияти ҳарбиро дар амал аз худ кардан, бо ҳайати шахсӣ ҳамкорӣ намудан ва дар шароити ба хизмати воқеӣ наздик қарор қабул кардан имкон медиҳанд.

Н.П. Бирюков оид ба шаклҳои ташкилию хизматии мутобиқсозии афсарони ҷавон хусусиятҳои зеринро пешниҳод мекунад:

- «алоқаи бевосита бо фаъолияти амалии хизматӣ;

- самти амалишуда, ки ба таҳкими дониш ва малакаҳо мусоидат менамояд;

- дараҷаи баланди масъулият барои натиҷаҳои супоришҳои иҷрошаванда;

- танзим ва шартбандии меъѐрӣ, мутобиқат ба талаботи оинномавӣ;

- ташаккули таҷрибаи касбӣ тавассути иштирок дар ҳолатҳои хизматӣ;

- ҳамгироии вазифаҳои тарбиявӣ ва хизмати харбӣ дар як раванд [16].

Моҳияти шаклҳои ташкилию хизматӣ аз дохил шудани афсари ҷавон ба хизмати ҳарбӣ, муносибатҳои касбӣ ва мутобиқшавӣ ба коллективи ҳарбӣ иборат аст. Дар рафти адои хизмати ҳарбӣ, шаклҳои устувори рафтор, ки бар асоси интизом, масъулият ва вазифа ҳосил мешаванд, ташаккул меѐбанд. Тавассути иштирок дар шаклҳои ташкилию хизматии мутобиқсозӣ афсарони ҷавон вазифаҳои касбиро аз худ намуда, таҷрибаи идоракунии тобеъон, малакаҳои қабули қарорҳо ва масъулиятро ба даст меоранд. Ин шаклҳо ба афсарони ҷавон барои аз назария ба амалия гузаштан мусоидат мекунад.

Ба шумораи шаклҳои асосии ташкилию хизматии корҳои тарбиявӣ иштирок дар омодагии ҷангӣ ва хизматӣ дохил мешаванд, ки ба азхудкунии меъѐрҳо, усули тактикӣ ва пайдарпаии амалҳо равона шудааст.

- омӯзиш ва машғулиятҳо, ки шароити воқеии фаъолияти хизматиро амсиласозӣ мекунанд ва омодагии иҷрои вазифаҳоро баланд мебардоранд;

- хизмат дар навбатдорӣ ва қаравулии дохила, ки интизом, масъулият ва ҳисси вазифаи хизматиро ташаккул медиҳад;

- иҷрои вазифаҳои коллективии хизматӣ, ки рушди ҳамкории дастаро таъмин мекунад;

- иштирок дар машғулиятҳои ситодӣ ва тактикии махсус, ки ба рушди малакаҳои идоракунӣ ва таҳлилӣ равона карда мешавад.

Намунаҳои татбиқи шаклҳои ташкилию хизматӣ дар амалия чунинанд:

1. Ҷалби афсарони ҷавон ба банақшагирӣ ва гузаронидани дарсҳои омодагии ҷангӣ таҳти роҳбарии командирони ботаҷриба.

2. Иштирок дар машқҳои тактикӣ, ки дар он афсарон вазифаи командирони ҷузъу томҳоро иҷро мекунанд.

3. Гузаронидани навбатдорӣ ва қаравулии дохила, ки ба ташаккули интизом ва масъулият мусоидат мекунад.

4. Иҷрои якҷояи вазифаҳои хизматӣ дар ҳайати ҷузъу томҳо ҳангоми ҳалли вазифаҳои омӯзишӣ-ҷангӣ ва хизматӣ.

5. Иштирок дар машғулиятҳои ситодӣ, ки дар он малакаҳои қабули қарорҳои идоракунӣ ва ҳамкории байни ҷузъу томҳо амалӣ карда мешаванд.

Муҳаққиқ П. Н. Городов оид ба аҳамияти шаклҳои мутобиққунӣ чунин андеша дорад: «Шаклҳои ташкилию хизматии мутобиқсозӣ дар раванди кори тарбиявӣ бо афсарони ҷавон нақши калидӣ мебозанд, аз ин сабаб онҳо ба фаъолияти воқеии хизматӣ ва ташаккули таҷрибаи касбӣ дохил карда мешаванд. Ин шаклҳо ба рушди интизом, масъулият, малакаҳои идоракунӣ ва муошират, ки барои самаранок иҷро кардани вазифаҳои корӣ заруранд, мусоидат мекунанд» [61, с.23].

Истифодаи мунтазами шаклҳои ташкилию хизматӣ барои пайвастшавии ҳамоҳангии омодагии назариявӣ ва амалияи хизмати ҳарбӣ шароит фароҳам меорад ва ин омили муҳимми мутобиқсозии бомуваффақияти афсарони ҷавон дар коллективи ҳарбӣ мебошад.

**5. Шаклҳои ахлоқӣ ва маънавӣ.** Мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми хизмати ҳарбӣ на танҳо азхудкунии амалии вазифаҳои касбиро, балки ташаккули ҷаҳонбинӣ, самтҳои арзишӣ ва худшиносии касбиро низ дар бар мегирад. Дар ин замина, шаклҳои ахлоқӣ ва маънавии корҳои тарбиявӣ, ки ба васеъ кардани ҷаҳонбинии касбӣ ва фарҳангӣ, амиқ кардани дониш дар бораи касби ҳарбӣ ва таҳкими асосҳои ахлоқии фаъолияти хизматӣ равона шудаанд, аҳамияти махсус доранд.

Шаклҳои таълимӣ-маърифатӣ бо афсарони ҷавон барои қабули анъанаҳои ҚМ ҶТ, меъёрҳои ахлоқии ҳарбӣ ва талаботи фарҳанги хизматӣ шароит фароҳам меоранд, ки ин омили муҳимми ҳамгироии муваффақ ба гурӯҳи мутахассисон мебошад.

Педагог В.А. Елистратов шаклҳои психологияи ахлоқӣ-маънавии мутобиқсозиро чунин тавсиф медиҳад:

- «иттилоотӣ ва мундариҷавӣ, ки ба интиқоли дониш ва арзишҳо нигаронида шудааст;

- пуррагии ҷаҳонбинӣ ва арзишӣ, ки ба ташаккули худшиносии касбӣ мусоидат мекунад;

- бонизом ва нақшавии татбиқ;

- омӯзиши вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ;

- дастрасӣ ва тағйирёбии шаклҳои пешниҳоди мавод;

- имконияти инъикос ва фаҳмидани маълумоти гирифташуда» [69, с.23].

Моҳияти шаклҳои ахлоқӣ-маънавии мутобиқсозӣ аз ташаккули мақсадноки афсарони ҷавон дар бораи хизмати ҳарбӣ ҳамчун фаъолияти касбии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, ки ба анъанаҳои таърихӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва арзишҳои ахлоқӣ асос ёфтааст, иборат аст.

Тавассути ин шаклҳо таҷрибаи иҷтимоӣ ва касбӣ интиқол дода шуда, муносибати эҳтиромона ба касби ҳарбӣ ташаккул меёбад, шуури ҳуқуқӣ ва ҳавасмандӣ, ҳисси ватандӯстӣ мустаҳкам карда мешавад. Фаъолияти

ахлоқӣ-маънавӣ ба пайвастагии ҳамоҳангии дониш, эътиқод ва рафтори амалии афсарони ҷавон мусоидат мекунад.

Дар мақолаи илмӣ «Методҳои асосии пешбурди корҳои тарбиявӣ дар Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба усули ҳавасмандкунӣ чунин омадааст: «Ҳавасмандии моддӣ ва маънавӣ ба хизматчиѐни ҳарбӣ барои дарк кардани самараи меҳнат дар ноилшавӣ ба муваффақиятҳо дар иҷрои вазифаҳои умумӣ, баланд бардоштани омодабоши ҷангии ҷузъу том (қисмҳои ҳарбӣ), мустаҳкам намудани интизоми ҳарбӣ мусоидат менамояд» [195, с.272].

Ба шаклҳои асосии ахлоқӣ-маънавӣ корҳои тарбиявӣ инҳо дохил мешаванд:

- лексияҳо ва семинарҳо, ки ба омӯзиши асосҳои хизмати ҳарбӣ, фаъолияти касбӣ алоқаманданд;

- тамошо ва муҳокимаи маводи мавзуӣ (филмҳои ҳуҷҷатӣ, презентатсияҳо, видеолексияҳо), ки фаҳмиши ҷанбаҳои арзишӣ ва ахлоқии хизматро ҳавасманд мекунанд.

Намунаҳои татбиқи шаклҳои таълимӣ-маърифатӣ дар амалия инҳоянд:

1. Силсилаи лексияҳо барои афсарони ҷавон оид ба масъалаҳои таърихи қуввaҳои мусаллаҳ ва вазифаҳои муосири хизмати ҳарбӣ.

2. Семинарҳо оид ба асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳарбӣ бо таҳлили ҳуҷҷатҳои меъѐрӣ.

3. Чорабиниҳои маърифатӣ бахшида ба санаҳои хотирмон ва саҳифаҳои қаҳрамононаи таърихии ҳарбӣ.

Муҳокимаи филмҳои мустанад, ки ҷанбаҳои ахлоқӣ- маънавӣ ва хизмати ҳарбиро инъикос мекунанд.

4. Дарсҳо оид ба ахлоқи ҳарбӣ, ки ба ташаккули фарҳанги муошират ва рафтори хизматӣ равона карда шудаанд.

Шаклҳои ахлоқӣ- маънавии мутобиқсозӣ дар низоми корҳои тарбиявӣ бо афсарони ҷавон нақши муҳим мебозад. Истифодаи мунтазам ва мақсадноки ин шаклҳо барои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар

интихоби касб, мустаҳкам намудани заминаҳои ахлоқӣ ва маънавии фаъолияти хизматӣ мусоидат намуда, мутобиқсозии бомуваффақияти афсарони ҷавонро дар коллективи ҳарбӣ имконпазир мегардонад. Онҳо ба васеъ шудани ҷаҳонбинии касбӣ ва идеологӣ тариқи баргузории лексияҳо ва семинарҳо, дарсҳо оид ба таърих ва анъанаҳои қуввaҳои мусаллаҳ, тарбияи ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ, омӯзиши меъѐрҳои ахлоқи ҳарбӣ ва фарҳанги хизмати ҳарбӣ, азназаргузаронӣ ва муҳокимаи маводҳои мавзуӣ мусоидат менамоянд.

**6. Шаклҳои корҳои педагогӣ- психологӣ.** Мутобиқшавии афсарони ҷавон дар низоми хизмати ҳарбии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити масъулиятнокӣ, сарбории зиѐди ахлоқию маънавӣ ва танзими қатъии фаъолияти касбӣ ҷараѐн мегирад. Дар робита ба ин, шаклҳои педагогӣ- психологии корҳои тарбиявӣ, ки ба таъмини устувории ахлоқӣ-психологӣ, мутобиқсозии бомуваффақият ва нигоҳ доштани қобилияти касбии афсарони ҷавон равона гардидаанд, аҳаммияти махсус пайдо мекунанд.

Муҳаққиқи ватанӣ И.А. Абзалов оид ба шароитҳои педагогии мутобиқсозӣ чунин иброз менамояд: «Шаклҳои кори педагогӣ- психологии мутобиқсозӣ унсури муҳимми низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, онҳо барои саривақт ошкор кардани мушкилоти мутобиқшавӣ, пешгирӣ намудани ҳолатҳои манфии психологӣ, суботкории шахс ба омилҳои душвории касбӣ дар хизмати ҳарбӣ мусоидат менамояд» [28, с.24].

Шаклҳои педагогӣ-психологии мутобиқсозии афсарони ҷавон бо хусусиятҳои зерин:

- равона будани онҳо ба захираҳои психологии дохилии шахс;
- хусусияти пешгирикунанда ва таъсир барои ислоҳ шудан;
- асоснокии илмӣ ва самти ташхисӣ;
- нигоҳ доштани ҳолати ахлоқӣ-психологӣ;
- шакли инфиродӣ-гурӯҳии татбиқ;

- муттасил ва бонизом татбиқ дар раванди фаъолияти хизматӣ тавсиф карда мешаванд.

Моҳияти шаклҳои педагогӣ-психологии мутобиқсозӣ аз фароҳам овардани шароит барои рушди ҳамоҳангии ахлоқӣ ва ташаккули устувори касбии афсарони ҷавон иборат аст. Ин шаклҳо мувофиқати талаботи хизмати ҳарбиро бо имкониятҳои ахлоқию равонии шахс таъмин карда, ба ташаккули малакаҳои худтанзимкунӣ, қавӣ будани дар хизмати ҳарбӣ мусоидат мекунанд.

Дар раванди татбиқи шаклҳои педагогӣ-психологӣ ба соҳаи ҳавасмандгардонӣ, тобоварӣ ба хизмат ва хусусиятҳои коммуникативии афсарони ҷавон таъсири мақсаднок расонида мешавад.

Ба шаклҳои асосии корҳои педагогӣ-психологии мутобиқсозии афсарони ҷавон инҳо дохил мешаванд:

- омӯзиши психологӣ, ки ба рушди худшиносӣ, малакаҳои муошират ва тобоварӣ ба хизмати ҳарбӣ нигаронида шудааст;

- ташхиси психологӣ ва мониторинги раванди мутобиқшавӣ, ки барои саривақт ошкор кардани хатарҳои номувофиқатӣ имкон медиҳанд.

Аз нигоҳи психологи маъруфи тоҷик Н.М. Юнусова «хизиматчии ҳарбие, ки дар оилаи солим тарбия ѐфтааст ду сифати ҷангӣ дорад:

1.Эҳсоси қарз ба Ватан (чунки «қарз ба оила»-ро омӯхтааст)

2. Қобилияти итоат ва ҳамзамон ташаббус ва баръакс, муноқишаҳои доимии оила (ҷанҷоли волидайн, талоқ) боиси паст шудани тобоварии ҳарбӣ мегардад» [196, с. 145].

Дар амалия намунаҳои зерини шаклҳои кори педагогӣ-психологӣ татбиқ мешаванд:

1. Гузаронидани семинарҳои педагигӣ-психологии мутобиқшавӣ барои афсарони ҷавон дар моҳҳои аввали хизмат.

2. Фаъолиятҳои гурӯҳӣ оид ба идоракунии дар ҳолатҳои фавқулода, ки унсурҳои худидоракунии ахлоқӣ ва худтанзимкуниро дар бар мегиранд.

3. Машқҳои гурӯҳсозӣ дар доираи ҷамъомадҳои омузишӣ ва чорабиниҳои хизматӣ.

4. Суҳбатҳо ва машғулиятҳои пешгирикунанда барои пешгирии хастагии руҳӣ.

5. Арзѐбии мунтазами педагогӣ- психологӣ, ки аз ҷониби мутахассисони раѐсати корҳои сиѐсӣ-тарбиявии ВМ ҶТ амалӣ карда мешавад.

Истифодаи мунтазми ин шаклҳо имкон медиҳад, ки сатҳи мушкилоти мутобиқсозӣ коҳиш ѐбад, хасташавии касбӣ пешгирӣ карда шуда, барои рушди шахсӣ ва касбии афсарони ҷавон дар шароити хизмати ҳарбӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Ҳамин тариқ, шаклҳои педагогӣ-психологииимутобиқсозӣ дар низоми корҳои тарбиявии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои қудратӣ ҷойгоҳи муҳим доранд. Онҳо ташаккули таъсири ахлоқию маънавиро таъмин карда, ба мутобиқсозии бомуваффақияти афсарони ҷавон ва нигоҳ доштани омодагии касбии онҳо мусоидат мекунанд.

**7. Шаклҳои худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ.** Шароити муосири хизмати ҳарбӣ на танҳо ба омодагии касбии афсарони ҷавон, балки ба қобилияти онҳо барои рушди мустақилона, худтанзимкунӣ ва рушди худогоҳии касбӣ талаботи баланд мегузорад. Дар робита ба ин, шаклҳои кори худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ аҳамияти махсус пайдо карда, ба ташаккули ҳавасмандии дохилӣ, масъулият барои натиҷаҳои фаъолияти хизматӣ ва худшиносии устувори касбӣ мусоидат менамоянд. Дар низоми корҳои тарбиявии ВМ ҶТ ва дигар сохторҳои қудратӣ ин шаклҳо фаъолияти иловагӣ буда, гузаришро аз идоракунии берунии раванди мутобиқсозӣ ба танзими дохилӣ ва шахсии он таъмин мекунанд.

Муҳаққиқ А. С. Бароненко оид ба шаклҳои худомӯзӣ ва рушди худшиносии афсарони ҷавон як қатор хусусиятҳои хосро аз қабили:

- «ҳавасмандии дохилӣ, ки ба дарки рушди касбӣ асос меѐбад;

- хусусияти шахсӣ, ки интихоби инфиродии ҳадафҳо ва воситаҳои рушдро дар бар мегирад;

- мустақилият ва масъулияти субъект барои натиҷаҳои рушд;

- мулоҳизакунанда, ки таҳлили фаъолият ва рафтори худро таъмин мекунад;

- давомнокӣ ва муттасилии раванд;

- ҳамгироии рушди касбӣ ва шахсиро ифода мекунанд», иброз намудааст. [44, с.105]

Моҳияти шаклҳои худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ аз мавқеи фаъоли афсари ҷавон ҳамчун субъекти мутобиқсозии худ иборат аст. Баръакси шаклҳои берунии таъсири тарбиявӣ ин шаклҳо ба захираҳои дохилии шахс, самтҳои арзишии он ва муқаррароти касбӣ такя мекунанд.

Дар раванди худомӯзӣ азхудкунии ихтиѐрии меъѐрҳои хизмати ҳарбӣ, ташаккули хусусиятҳои касбӣ ва рушди қобилияти худтанзимкунӣ амалӣ карда мешавад. Худрушдиҳӣ механизми такмили доимии касбӣ ва мутобиқ шудан ба шароити тағйирѐбандаи фаъолияти хизматӣ маҳсуб меѐбад.

Ба шаклҳои асосии худомӯзӣ ва рушди худшиносии афсарони ҷавон:

- муайян кардан ва татбиқи ҳадафҳои инфиродии рушди касбӣ, ки банақшагирии огоҳонаи касбии хизматиро таъмин мекунанд;

- пешбурди нақшаҳои шахсии рушди касбӣ, ки дастовардҳо ва дурнаморо сабт мекунанд, дохил мешаванд.

Муҳаққиқони ҳарбӣ С. Г. Зирянов ва С. Н. Дигин шаклҳои худомӯзӣ ва худтакмилдиҳии татбиқшавандаро чунин пешниҳод менамоянд:

«1. Таҳлили мунтазами натиҷаҳои фаъолияти хизматӣ, ки аз ҷониби афсарони ҷавон дар натиҷаи чорабиниҳои тарбиявӣ ва хизматӣ гузаронида мешавад.

2.Омӯзиши мустақилонаи ҳуҷҷатҳои меъѐрӣ-ҳуқуқӣ, оинномаҳо ва маводи методӣ дар доираи барномаҳои худидоракунӣ.

3.Нақшаҳои инфиродии рушди касбӣ, ки бо ҳайати фармондеҳӣ бевосита мувофиқа карда шудаанд.

4.Кори мақсаднок оид ба ташаккули хусусиятҳои шахсӣ, ки барои самаранок идора кардани тобеон заруранд.

5.Иштирок дар озмунҳои маҳорати касбӣ ва чорабиниҳои илмӣ-амалӣ» [78, с.28].

Шаклҳои худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ, чуноне, ки дар боло қайд кардем, ба рушди мустақилият, мулоҳиза ва худшиносии устувори касбӣ мусоидат мекунад.

Дар низоми корҳои тарбиявии ҚМ ҶТ ин шаклҳо шарти зарурии гузариш аз таъсири тарбиявии беруна ба амсилаи рушди касбии ба шахс нигаронидашуда, самаранокии мутобиқсозии афсарони ҷавон ва омодагии онҳоро ба хизмат баланд мебардорад.

Шаклҳои худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ ба ташаккули ҳавасмандии дохилӣ, аз ҷумла худшиносии фаъолияти хизматӣ, иштирок дар барномаҳои худомӯзӣ, кор оид ба рушди хусусиятҳои касбӣ, муайян ва татбиқи ҳадафҳои инфиродии рушди касбӣ, мусоидат менамоянд.

Ҳар яке аз ин шаклҳо хусусиятҳо ва ҳадафҳои худро дошта, муносибати маҷмуиро ба иҷтимоишавӣ, мутобиқшавӣ ба хизмати ҳарбӣ ва ташаккули касбии афсарон таъмин мекунанд. Низомнокӣ ва тамаркузи иҷтимоӣ дар раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии ҚМ ҶТ хеле мувофиқи мақсад буда, ба ҳамгироии онҳо ба коллективи ҳарбӣ ва ташаккули меъѐрҳои устувори касбӣ ва иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Шаклҳои инфиродии тарбия, аз қабили роҳбаладӣ, машварати педагогӣ ва психологӣ ва суҳбатҳои мунтазам бо ҳайати роҳбарият муносибати фардиро нисбат ба ҳар як афсари ҷавон нишон медиҳанд. Ин ба мутобиқшавии самаранок, ташаккули ҳавасмандӣ, масъулият ва интизом мусоидат мекунад.

Нақши шаклҳои кори гурӯҳӣ ва коллективии тарбия, аз қабили машғулиятҳои таълими гурӯҳӣ, суҳбатҳои гурӯҳӣ, машқҳои муштарак ва чорабиниҳои варзишӣ дар ташаккули ҳисси мансубият ба коллективи ҳарбӣ, таҳкими руҳияи гурӯҳӣ ва ҳамгироӣ хеле бориз аст.

Шаклҳои ташкилию хизматии корҳои тарбиявӣ, аз қабили иштирок дар омодагии ҷангӣ ва хизматӣ, омӯзиш, навбатдорӣ ва иҷрои якҷояи вазифаҳои хизматӣ дар раванди мутобиқшавӣ аҳамияти калон дошта, ба афсарони ҷавон дар омӯхтани малакаҳои амалӣ, рушди масъулияти касбӣ ва омодагӣ ба иҷрои вазифаҳо дар шароити воқеӣ кумак мерасонанд.

Шаклҳои таълимӣ-маърифатӣ, аз қабили лексияҳо, семинарҳо, дарсҳо оид ба таърих ва анъанаҳои ҚМ ҶТ, инчунин семинарҳои педагогӣ-психологӣ, ки ба рушди тобоварӣ ба хизмати ҳарбӣ ва хусусияҳои фармондеҳӣ нигаронида шудаанд, таъсири онҳо ба руҳияи ахлоқию маънавӣ ва равонии афсарони ҷавонро тақвият дода, ба ҷаҳонбинии онҳо ва ба мутобиқ шудан ба хусусиятҳои хизмати ҳарбӣ кумак мерасонанд.

Шаклҳои худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ, аз қабили худмушоҳидакунӣ, мулоҳизаи фаъолияти хизматии худ, иштирок дар барномаҳои худомӯзӣ, муайян намудан ва татбиқ кардани ҳадафҳои рушди касбӣ дар ташаккули ҳавасмандӣ ва масъулияти дохилӣ дар афсарони ҷавон нақши муҳим доранд.

Ҳамин тариқ, таҳлили шаклҳо, усул ва воситаҳои корҳои тарбиявӣ метавонад, ки нақш ва аҳамияти онҳо дар раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон, равишҳои самараноки педагогӣ муайян шуда, истифодаи онҳо дар низоми фаъолияти тарбиявии ҷузъу томҳои ҳарбӣ асоснок карда шавад.

## Хулосаи боби дуюм

Дар боби дуюми диссертатсия раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон дар доираи корҳои тарбиявии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои қудратӣ, ки бахши муҳимтарини мутобиқшавии онҳо ба хизмати ҳарбӣ, ташаккули хусусиятҳои касбӣ ва шахсӣ, инчунин таҳкими руҳияи ахлоқию маънавӣ ва ҳамкории дастаҷамъӣ мебошад, муфассал баррасӣ карда мешавад. Диққати асосӣ дар ин боб ба амсилаи иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозӣ, шароити ташкилию педагогӣ, шаклҳо ва

усули корҳои тарбиявӣ дар самти мутобиқшавии бомуваффақияти афсарони ҷавон нигаронида шудааст. Амсилаи иҷтимоӣ-педагогӣ асоси назариявии кори тарбиявӣ буда, ба раванди мутобиқсозӣ муносибати ҳаматарафаро нишон медиҳад. Он ба ҳамкории омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ва педагогӣ, ки ба рушди афсарони ҷавон таъсир мерасонанд, асос ѐфтааст. Муҳим он аст, ки амсила на танҳо омӯзиши касбӣ, балки рушди шахсӣ, мутобиқшавӣ ба ҳаѐти ҳарбӣ ва тарбияи ахлоқиро низ ба назар мегирад. Раванди мутобиқшавӣ танҳо бо омӯзиш ва интизом маҳдуд намешавад; он ҷанбаҳоеро ба монанди дастгирии касбӣ, рушди руҳияи гурӯҳӣ, ташаккули масъулият ва меъѐрҳои ахлоқиро низ дар бар мегирад.

Шароити ташкилию педагогии мутобиқсозӣ унсури муҳимест, ки ба самаранокии корҳои тарбиявӣ бо афсарони ҷавон таъсир мерасонад. Дар шароити ҚМ ҶТ барои мутобиқсозии бомуваффақият бояд сохтори дахлдори ташкилию педагогӣ, ки ҷанбаҳои гуногуни тарбияро, аз дастгирии руҳӣ-эҳсосотӣ то омодагии касбӣ, муттаҳид созад, ба роҳ монда шавад. Барои ин, таъмини ҳайати роҳбаладон, афсарон, омӯзгорон, Мутахассисон, ки дар ҳамаи марҳилаҳои иҷтимоӣ дастгирӣ мекунанд, муҳим буда, ба эҷоди фазои эътимод, ки тамоми ҷонибҳои ҳамкориро дастгирӣ мекунад, диққати махсус додан лозим аст.

Шаклҳои кори тарбиявӣ дар раванди иҷтимоӣ нақши калидӣ доранд. Шаклҳои гуногун (лексияҳо, семинарҳо, машғулиятҳо, бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҳарбӣ-амалӣ, чорабиниҳои тантанавӣ ва расму оинҳои ҳарбӣ) муносибати маҷмуъиро эҷод карда, ҳам тарбияи ҷисмонӣ ва ҳам ахлоқиро дар бар мегиранд. Шакли кор ба вазифаҳо ва ниѐзҳои мушаххаси афсарони ҷавон бо назардошти сатҳи омодагии онҳо, хусусиятҳои шахсӣ ва мушкилоте, ки ҳангоми хизмат бо онҳо рӯбарӯ мешаванд, мутобиқ мекунад. Ин шаклҳо руҳияи дастаро инкишоф дода, муносибатҳои ахлоқиро ташаккул ва ҳисси ифтихор аз хизматро тақвият мебахшанд.

Аҳамияти усулҳои мутобиқсозӣ дар таъмин намудани ҳамкориҳои мустақим бо ҳайат шахсӣ ифода меѐбад. Усули самараноки корҳои

тарбиявӣ, аз қабили машваратҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ, машғулиятҳо, иштирок дар машқҳои дастаҷамъӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ ҳам ба рушди ҷисмонӣ ва ҳам ташаккули тобоварӣ ба хизмати ҳарбӣ ва хусусиятҳои роҳбарӣ дар афсарони ҷавон мусоидат мекунанд. Усулҳое, ки ба ҳалли вазифаҳои мушаххас равона шудаанд (масалан, усули рафъи душвории касбӣ, танзими рафтор, рушди масъулияти шахсӣ ва ташаббускорӣ) ба раванди самараноктар ва ҳамоҳангтари мутобиқсозӣ мусоидат мекунанд. Муҳим он аст, ки усули корҳои тарбиявӣ ҳам рушди устувории хусусиятҳои инфиродӣ ва ҳам ташаккули ҳамкории дастаро таъмин созанд.

Тамоми низом барои таъмини мутобиқсозии касбӣ, шахсӣ ва равонӣ, инчунин рушди арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, ки асоси муваффақияти артиш аст бояд хизмати кунад. Мутобиқсозии самараноки афсарони ҷавон дар шароити ҚМ ҶТ на танҳо омодагии касбӣ, балки муносибати бодиққат ба вазъи ахлоқию маънавӣ ва рушди шахсии ҳар як афсарро талаб карда, дар ниҳоят ба таҳкими фидокорӣ, масъулият ва ватандӯстӣ дар байни кадрҳои нави қувваҳои мусаллаҳ мусоидат мекунад.

# БОБИ 3. САНҶИШИ ОЗМОИШӢ-ТАҶРИБАВИИ САМАРАНОКИИ АМСИЛАИ МУТОБИҚСОЗИИ АФСАРОНИ ҶАВОН ДАР РАВАНДИ КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ

## 3.1. Меъѐрҳо, нишондиҳандаҳо ва усули баҳодиҳии самаранокии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар раванди корҳои тарбиявӣ

Арзѐбии самаранокии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар раванди корҳои тарбиявӣ ҷузъи муҳимми таҷрибаи педагогӣ дар артиши миллӣ мебошад. Раванди мутобиқсозӣ бисѐрҷанба буда, на танҳо омодагии касбӣ, балки ташаккули хусусиятҳои шахсӣ, ахлоқӣ ва равониро дар бар гирифта, арзѐбии ин равандро хеле мураккаб месозад. Педагоги маъруфи тоҷик М. Лутфуллоев дар асари худ қайд мекунанд, ки «Иҷтимоишавии ҷавононро метавон дар кори иҷтимоӣ ҳамчун як соҳаи донишҳои илмӣ дар бораи қонуниятҳои идоракунии раванди истифодаи захираҳои дохилӣ ва берунии фард, оила ѐ ҷомеа дар ҳолатҳои халалдоршавии фаъолияти иҷтимоӣ фаҳмидан мумкин аст. Муайян намудани таъсири мутақобилаи кори иҷтимоӣ бо дигар илмҳо хусусияти байнисоҳавии он, инчунин фарқи онро аз чунин соҳаҳои ба ҳам наздики донишҳо, аз қабили ҷомеашиносӣ, психология ва ғайра нишон дод» [114].

Барои иҷрои бомуваффақияти корҳои тарбиявӣ меъѐрҳои таркибӣ ва нишондиҳандаҳои дақиқ зарур аст, то ки дараҷаи мутобиқшавии афсарони ҷавон ба хизмати ҳарбӣ, рушди касбӣ ва шахсии онҳо ба таври объективона пайгирӣ карда шавад. Аз ин рӯ, мо лозим донистем дар ин бахш меъѐрҳо ва нишондиҳандаҳои асосиеро баррасӣ намоем, ки барои арзѐбии самаранокии иҷтимоикунонии афсарони ҷавон истифода мешаванд. Ба онҳо ҳам нишондиҳандаҳои миқдорӣ (нишондиҳандаҳои муваффақият, сатҳи омодагии ҷисмонӣ, натиҷаҳои имтиҳонҳои касбӣ) ва ҳам сифатӣ (тавсифи арзишҳои ахлоқӣ-манавӣ, руҳияи фармондеҳӣ, ҳолати руҳӣ-эҳсосотӣ афсарон) дохил мешаванд. Яке аз ҷанбаҳои муҳим

ин интихоби дурусти усули арзѐбӣ аст, ки тавассути он тағйирот дар рафтор, хислатҳои шахсӣ ва фаъолияти касбии афсарони ҷавон дар ҷараѐни мутобиқсозии онҳо ба таври дақиқ сабт карда мешавад. Бахши мазкур низоми меъѐрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳоеро дар бар мегирад, ки на танҳо сатҳи кунунии мутобиқшавиро ба таври объективӣ арзѐбӣ мекунанд, балки самтҳои беҳтар кардани корҳои минбаъдаи тарбиявӣ бо афсарони ҷавонро дар низоми ҚМ ҶТ низ муайян менамоянд.

Педагог И.С. Марйенко таъкид менамояд, ки: «Арзѐбии самаранокии мутобиқсозии афсарони ҷавон як бахши муҳимми низоми корҳои тарбиявӣ дар артиш буда, барои ба таври объективӣ арзѐбӣ кардани дараҷаи муваффақияти мутобиқшавии афсарон ба хизмат, рушди касбии ва омодагии онҳо барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ имкон медиҳад» [120, с.68].

Меъѐрҳои арзѐбии самаранокии мутобиқсозии афсарони ҷавон бояд ҳам ҷанбаҳои касбӣ ва ҳам шахсии рушди онҳо, инчунин ҳамгироии онҳоро ба системаи хизмати ҳарбӣ ба назар гиранд. Ҳамчун меъѐрҳои асосӣ метавон инҳоро ҷудо кард:

1. **Омодагии касбӣ** меъѐри калидӣ буда, дараҷаи азхудкунии касби афсар ва сатҳи дониш, малака, маҳорат ва қобилияти ӯро барои иҷрои самараноки вазифаҳои хизматӣ инъикос мекунад. Ин меъѐр барои арзѐбии омодагии афсари ҷавон барои иҷрои вазифаҳои гуногун, ки ӯ дар доираи хизмати худ ҳал мекунад, асос буда, ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми қобилияти ӯ барои мубориза бо шароити серталаби фаъолияти ҳарбӣ хизмат менамояд. Омодагии касбии афсар якчанд ҷанбаҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад, аз ҷумла:

1. *Дониши асосҳои назариявии хизмат:* ин ҷанба, пеш аз ҳама, фаҳмиши амиқи принсипҳои умумии хизмати ҳарбӣ, хусусиятҳои қувваҳои мусаллаҳ, сохторҳои ҳарбӣ-ташкилӣ, инчунин донишҳои марбут ба мисли омодагии тайѐрии тактикӣ, фаврӣ, аслиҳа ва ва техникаи ҳарбиро дар бар мегирад. Афсар бояд дар бораи сохтори артиш, оинномаҳои ҳарбӣ,

ҳуҷҷатҳои меъѐрӣ-ҳуқуқӣ, асосҳои банақшагирии стратегӣ ва идоракунии ҷузъу томҳо маълумот дошта бошад. Арзѐбии ин сатҳ тавассути имтиҳонҳои назариявӣ, тестҳо ва аттестатсияҳо сурат гирифта, донистани қонунҳо, қоидаҳо ва асосҳои интизоми ҳарбиро тасдиқ мекунанд.

2. *Омӯзиши амалӣ.* Инҳо маҳорат ва малакаҳое мебошанд, ки афсар бояд дар шароити воқеии хизмат ва дар ҷараѐни машқҳои ҳарбӣ-амалӣ нишон диҳад. Масалан, ин малакаҳои фармондеҳии қисм, қабули қарорҳои тактикӣ дар шароити ҷангӣ, истифода тавонистани аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, ташкили ҳамкорӣ бо қисмҳои дигар ва инчунин қобилияти дар амал татбиқ кардани дониши худ, дар ҳолатҳои фавқулода мебошад. Дар ин марҳила нишондиҳандаи муҳимтарини омодагии касбӣ нишондиҳандаҳое мебошанд, ки дар рафти машқҳои амалӣ, машқҳои саҳроӣ ва ҳаракатҳои ҳарбӣ ба даст оварда шудаанд. Афсар бо техникаи ҳарбӣ, аслиҳа дақиқ кор карда, инчунин иҷрои вазифаҳои ҷангиро тибқи талаботи муқарраршуда бояд таъмин кунад.

3. *Омодагии ҷисмонӣ:* барои бомуваффақият иҷро кардани вазифаҳои хизматӣ афсар бояд сатҳи баланди ҷисмонӣ дошта бошад. Омодагии касбӣ қобилияти афсарро барои таҳаммули фаъолияти ҷисмонӣ ва эҳсосотӣ, истодагарӣ, самаранок амал кардан дар вазъияти хастагии ҷисмонӣ ва равонӣ дар бар мегирад. Барои арзѐбии ин ҷанба санҷишҳои мунтазами ҷисмонӣ, аз қабили давидан, кашидан, машқҳои тобоварӣ, масирҳои монеаҳо ва дигар мушкилот гузаронида мешаванд.

Яке унсурҳои Консепсияи корҳои тарбиявӣ ин «тайѐрии ҷисмонӣ» мебошад: «Роҳҳои асосии тарбияи ҷисмонӣ инҳоянд: ташкили тайѐрии ҷисмонии нақшавии категорияҳои гуногуни хизматчиѐни ҳарбӣ тибқи вазифаҳои навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳ; гузаронидани чорабиниҳои варзишию оммавӣ; ташкили фароғати фаъол дар рӯзҳои истироҳатӣ; тарғиби тарзи ҳаѐти солим; таргиби комѐбиҳои беҳтарини варзишӣ» [9].

4. *Малака ва тахассуси махсус:* Омодагии касбӣ - аз худ кардани малакаҳои хос, ба монанди тирпарронӣ, рондани техникаи зиреҳпуш,

алоқаи радиоӣ, идоракунии бесарнишин è омодагии тиббӣ ва дигар малакаҳои иборат аст. Ин малакаҳо тавассути имтиҳонҳои махсус, аттестатсияҳо ва санҷишҳои амалӣ дар соҳаҳои дахлдор арзèбӣ карда мешаванд.

5. *Қобилиятҳои фармондеҳӣ ва роҳбарӣ.* Арзèбии хусусиятҳои роҳбарӣ тавассути амалҳои он дар ҷараèни машқҳо ва амалиèти ҳарбӣ, инчунин тавассути арзèбии фармондеҳони калон ва тобеъ амалӣ карда мешавад. Муҳим аст, ки афсар на танҳо вазифаҳои худро ба таври касбӣ иҷро кунад, балки дар маҷмуъ самаранокии баланди кори ҷузъу томҳоро таъмин намояд.

6. *Омодагии психологӣ.* Омодагии касбии афсар ин қобилияти дар вазъияти тангии асаб фаъолият кардан, дар ҳолатҳои фавқулода зуд қарор қабул намудан ва руҳияи ҳайати шахси худро нигоҳ доштанро дар бар мегирад. Яъне афсар бояд барои хизмат дар шароите омода карда шавад, ки ӯ дар ҳолати фаврӣ, бахусус дар ҳолатҳои ҷангӣ è иҷрои вазифаҳои мураккаби амалиèтӣ диққати худро мутамарказ карда тавонад.

Ҳамин тариқ, омодагии касбии афсар доираи васеъи хусусиятҳои аз донишҳои назариявӣ то малакаҳои амалӣ, тобоварии ҷисмонӣ ва равониро дар бар мегирад. Арзèбии ин меъèр равиши ҳамаҷонибаро талаб карда, санҷишҳои назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳои хизмати ҳаррӯза ва нишондиҳандаҳои дар давоми машқҳо ва санҷишҳои гуногун ба даст овардашударо дар бар мегирад. Самаранокии баҳодиҳии омодагии касбӣ инчунин аз низомнокӣ ва мунтазамии гузаронидани аттестатсияҳо, санҷишҳо ва машғулиятҳо, инчунин таваҷҷуҳ ба рушди инфиродии ҳар як афсар дар ҷараèни касбомӯзӣ вобаста аст. Бояд қайд кард, ки мутобиқсозии бомуваффақият ва ҳамгироии афсари ҷавон ба қуввaҳои мусаллаҳ бидуни сатҳи кофии омодагии касбӣ, ки барои рушди минбаъда ва рушди касб дар доираи хизмати ҳарбӣ асос èфтан ғайриимкон аст.

**2. Камолоти маънавӣ-ахлоқӣ** яке аз меъèрҳои муҳимтарини мутобиқсозии афсарони ҷавон буда, дараҷаи ташаккули меъèрҳои ахлоқӣ

ва маънавии онҳоро, ки ба анъанаҳо, арзишҳо ва талаботи қуввaҳои мусаллаҳ мувофиқ аст, тавсиф мекунад. Камолоти маънавӣ- ахлоқӣ ба омодагии шахсӣ ва касбии афсар таъсири мустақим расонида, он бо рафтори ӯ, қабули қарорҳо ва ҳамкорӣ бо ҳамкасбон ва зердастонаш зич алоқаманд аст. Аҳамияти ин меъѐр дар он аст, ки хусусиятҳои ахлоқӣ ва маънавии афсар барои ташкили коллективи ҳамоҳанг ва самаранок, вазифаҳои ҷангиро дар ҳама гуна вазъият иҷро карда, барои муваффақ гаштан дар ин замина қодир аст. Камолоти маънавӣ-ахлоқӣ якчанд ҷанбаҳои асосиро дар бар мегиранд, аз ҷумла:

1. *Ҳисси вазифа ва масъулият* яке аз ҷанбаҳои асосии камолоти ахлоқӣ буда, ҳисси иҷрои вазифа дар назди Ватан, артиш ва ҷомеаро дар бар мегирад. Ин як хоҳиши ботинии афсар аст, ҳатто дар вазъиятҳои душвор ва душвории касбӣ кори худро бошарафона ва бомасъулият анҷом додан водор месозад. Афсаре, ки ҳисси баланди вазифавӣ дорад, ҳамеша барои иҷрои вазифаҳои расмии худ омода аст, ҳатто агар ин саъю кӯшиши беш ва фидокории зиѐдро талаб кунад ҳам, ӯ масъулияти худро на танҳо барои вазифаҳои шахсии худ, балки барои амалҳои касби худ низ дарк мекунад, ки ин ба кори самараноки дастаҷамъӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои муштарак мусоидат мекунад.

2. *Ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан* ҷузъи муҳимми камолоти маънавӣ-ахлоқӣ, ватандӯстӣ буда, дар эҳтироми амиқи Ватан, фарҳанг ва анъанаҳои он зоҳир мегардад. Ватандӯстии афсар ба ҳавасмандӣ ва омодагии баланди ӯ барои хизмат дар артиш ва инчунин намунаи ибрат барои дигарон мусоидат мекунад. Он садоқат ба Ватанро дар бар гирифта, ин садоқат ба савганди ҳарбӣ, хизмат ба манфиатҳои давлат ва мардум зоҳир мешавад. «Тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ маҷмуи тадбирҳо оид ба ташаккули дарки бошууронаи ҳимояи Ватан ва омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ мебошад» [4]. Барои афсар, артиш на танҳо ҷои кор, балки қисми муҳимми ҳаѐтиест, ки дар он ӯ нақши худро дар ҳифзи истиқлолият ва амнияти кишвар дарк мекунад.

3. *Интизомнокӣ* дар артиш, интизом қисми ҷудонашавандаи фаъолияти ҳаррӯза буда, тартиб ва иҷрои самараноки вазифаҳои хизматиро таъмин мекунад. Камолоти маънавӣ ва ахлоқӣ бо интизоми баланд, ки риояи қоидаҳо, меъѐрҳо ва стандартҳои муқарраршударо дар бар мегиранд, зич алоқаманд аст. Афсари боинтизом ҳамеша рафтори худро назорат, оинномаро риоя, афсарони калонро эҳтиром карда, тартиботи ҷузъу томро нигоҳ медорад. Ин хусусият ба эҷоди фазои боэътимод ва устувори корӣ мусоидат карда, дар навбати худ самаранокии умумии ҷузъу томҳоро беҳтар мекунад.

4. *Масъулият ва ростқавлӣ:* афсари аз ҷиҳати ахлоқӣ баркамол масъулияти худро барои қарорҳо ва амалҳои қабулшуда, ҳам худаш ва ҳам зердастонаш, дарк мекунад. Вай барои натиҷаҳои кори ҷузъу томҳои худ омода аст, аз ҷумла нокомиҳо ва мушкилоте, ки дар ҷараѐни хизмат ба миѐн меоянд, масъул мебошад. Масъулият инчунин қобилияти ростқавлона ва ошкоро эътироф кардани хатогиҳоро бидуни гузоштани гуноҳ ба дӯши дигарон ва хоҳиши ислоҳи вазъро дар бар мегирад. Ин сифат ба эҷоди фазои эътимод ва эҳтироми тарафайн дар коллектив кумак мекунад.

5. *Меъёрҳои ахлоқӣ ва худидоракунии* камолоти ахлоқӣ огоҳ будан аз меъѐрҳои ахлоқӣ, аз қабили адолат, ростқавлӣ, инсонгарйӣ, эҳтиром ба ҳуқуқ ва шаъну шарафи одамони дигар ва қобилияти татбиқи ин принсипҳоро дар фаъолияти ҳаррӯзаи хизматӣ дар бар мегиранд. Афсар бояд меъѐрҳои ахлоқиро риоя кунад ва дар ҳолатҳои гуногун, хусусан, дар лаҳзаҳои душвории касбӣ è низоъ барои худдорӣ кардан қодир бошад. Камолоти ахлоқӣ барои пешгирии зуҳуроти коррупсия, суйиистифода аз мансаб ва дигар омилҳои манфӣ, ки метавонанд бовариро ба ҳайати артиш коҳиш диҳанд, муҳим аст. Педагоги маъруфи тоҷик академик Каримова И.Х., дар рисолаи худ чунин иброз мекунанд: «... инсонгароӣ бо суханони нек маҳдуд намешавад, он дар меҳнати худ, муносибати эҳтиромона ба дигарон ва ғамхорӣ нисбат ба муҳити зиндагӣ зоҳир мегардад» [91, с.87].

6. *Омодагӣ ба фидокорӣ:* дар шароити хизмати ҳарбӣ афсарон аксар вақт бо ҳолатҳое дучор меоянд, ки қурбониҳои шахсиро талаб мекунанд. Камолоти маънавӣ-ахлоқӣ омодагӣ ба фидокорӣ барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ҳифзи ҳаѐти зердастон ва ҳамватанони худро дар бар мегирад. Ин хислат махсусан, дар вазъиятҳои амалиѐтҳои ҷангӣ муҳим аст, вақте ки афсар барои қабули қарорҳои душвор, баъзан ҷони худро дар хатар гузошта, барои расидан ба ҳадаф омода бошад.

7. *Эҳтиром ба анъанаҳо ва арзишҳои артиш:* Эҳтиром ба анъанаҳо ба ташаккули ҳисси ифтихор дар афсар барои касб ва хоҳиши интиқоли ин арзишҳо ба насли ояндаи низомӣ мусоидат мекунад. Муҳаққиқони соҳа В.И. Сидоров ва К. А. Петров чунин таъкид мекунанд: «Барои арзѐбии сатҳи камолоти маънавӣ-ахлоқии афсар усулҳои гуногун, аз қабили санҷишҳои психологӣ, саволномаҳо, баҳодиҳии ҳамкорон ва командирон, инчунин мушоҳидаҳо дар ҷараѐни хизмат истифода мешаванд» [162, с.59].

Ҳамин тариқ, камолоти маънавӣ-ахлоқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи шахсияти афсари ҷавон буда, ба фаъолияти касбии ӯ, ҳамкорӣ бо ҳамкасбон ва тобеонаш, инчунин ба муваффақияти иҷрои вазифаҳои хизматӣ таъсир мерасонад. Самаранокии мутобиқсозии афсарони ҷавон бе рушди ин хусусиятҳо ғайриимкон аст, ки дар навбати худ ба таъсиси коллективи ҳарбии баландсифат, касбӣ ва ахлоқӣ мусоидат мекунад.

**3. Мутобиқсозии иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ дар коллектив** меъѐри калидӣ буда, қобилияти афсари ҷавонро барои самаранок ҷалб шудан ба ҷузъу томҳои мавҷудаи ҳарбӣ, ҳамкорӣ бо ҳамкасбон, зердастон, командирон, ташаккули муносибатҳои солими касбӣ ва байнишахсӣ арзѐбӣ мекунад. Ин меъѐр дар раванди мутобиқсозӣ нақши ҳалкунанда доранд.

1. *Ҳамгироӣ ба коллективи ҳарбӣ.* Мутобиқшавии афсари ҷавон аз раванди ҳамгироӣ ба коллективе, ки ӯ ба он дохил мешавад, оғоз меѐбад. Дар ин бора муҳаққиқ С. Я. Харченко ҷанбаҳои ин равандро чунин тавсиф медиҳад:

- «қабули афсар ҳамчун узви коллектив: барои мутобиқсозии муваффақ шуданаш афсар бояд худро як пораи коллектив ҳис намуда, то ӯро дигар аъзои ҷузъу томҳо қабул ва эҳтиром карданаш муҳим аст. Дар ин раванд муносибатҳо бо ҳамкорон, командирон ва зердастон, инчунин қобилияти ҳамгироии хислатҳои шахсии худ дар доираи фарҳанг ва анъанаҳои умумии ҷузъу томҳои ҳарбӣ нақши муҳим мебозанд;

- мутобиқшавӣ ба кори дастаҷамъӣ: дар сохтори артиш, кор дар гурӯҳ асоси фаъолияти тамоми ҷузъу томҳо мебошад» [179, с.10]. Афсари ҷавон бояд на танҳо дастурҳои афсарони калонро риоя кунад, балки амалҳои зердастонашро ташкил ва роҳнамоӣ карда, аҳамияти ҳамкорӣ бо ҳар як узви дастаро дарк намояд. Вай бояд хислатҳои роҳбарии худро ба хусусиятҳои кори дастаҷамъӣ бо ба назар гирифтани арзишҳо ва меъѐрҳои дар ин ҷузъу томҳо қабулшуда мутобиқ кунад.

2. *Муносибатҳои байнишахсӣ ва касбӣ.* Мутобиқсозии муваффақ аз он вобаста аст, ки афсари ҷавон дар коллектив то чӣ андоза муносибатҳои байнишахсӣ барқарор мекунад. Арзѐбии ин ҷанба зеринро бар мегирад:

- қобилияти эҷоди муносибатҳои боэътимод ва эҳтиромона бо ҳамкорон ва тобеон.

- дар шароити хизмат, махсусан дар ҳолатҳои душвор ва душвории касбӣ, ҷанбаи муҳим қобилияти афсар барои дастгирии ҳамкорон ва зердастонаш мебошад.

- риояи ахлоқи касбӣ, ростқавлӣ ва шаффофият дар муошират мебошад. Афсар бояд аҳамияти риояи интизоми муоширатро дарк намуда, аз нофаҳмиҳо канорагирӣ кунад ва барои дигар аъзоѐни коллектив дар масъалаҳои ростқавлӣ ва ошкорбаѐнӣ намуна бошад.

3. *Ҳамкорӣ бо командирон ва ҳайати афсарони калон.* Афсар бояд на танҳо бо ҳамкорон ва зердастон, балки бо ҳайати афсарони калон низ самаранок ҳамкорӣ кунад. Ҳамкорӣ бо командирон барои рушди касбӣ ва мутобиқшавии муваффақ муҳим аст, аз он ҷумла:

- ҳамдигарфаҳмӣ бо командирон. Афсар бояд фикру мулоҳизаҳои командирони худро қабул намуда, кори худро мувофиқи талаботи роҳбарият танзим кунад. Қобилияти фаҳмидани ҳадафҳои стратегии командирӣ ва мутобиқ кардани амалҳои худ дар доираи нақшаи умумии ҷузъу томҳо маҳорати асосиест, ки афсари ҷавон бояд инкишоф диҳад;

- нигоҳ доштани иерархия ва интизом: муҳим аст, ки афсар арзиши интизоми ҳарбӣ ва иерархияро пурра дарк, инчунин дар нигоҳ доштани ин принсипҳо дар ҷузъу томҳо фаъолона иштирок кунад. Дар ин хусус муҳаққиқ Архипов В. А. ақидаи худро чунин иброз мекунад: «Ҳамкорӣ бо командирон ва ҳайати афсарони калон бояд ба эҳтиром ва дарки нақши онҳо дар низоми фармондеҳӣ асос ѐфта, ба таҳкими интизом ва тартибот дар ҷузъу томҳо мусоидат кунад» [38, с.19].

4. Иштирок дар чорабиниҳои дастаҷамъӣ ва машғулиятҳо. Иштирок дар чорабиниҳои дастаҷамъӣ ва машғулиятҳои махсус ҷанбаи муҳимест, ки ба афсарони ҷавон дар гурӯҳ зудтар мутобиқ шудан ва робитаҳоро бо ҳамкорон мустаҳкам сохтан ѐри мерасонад. Ин чорабиниҳо ба афсарон на танҳо малакаҳои касбиро инкишоф додан, балки барои беҳтар кардани ҳамкорӣ дар дохили коллектив фаъолит кардан шароит фароҳам меорад, ки, аз ҷумла:

- машқҳои муштарак ва чорабиниҳои варзишӣ руҳияи дастаро инкишоф ва ҳамдигарфаҳмии байни афсаронро тақвият медиҳанд. Ҳамкорӣ дар вазъияти тангии асаб ба таҳкими ҳисси кумаки мутақобила, дастгирӣ ва эътимод байни аъзои коллектив мусоидат мекунад;

Ю.Е. Муҳаққиқ Алешина оиди ин чунин менигорад: «чорабиниҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз қабили идҳо, ҷамъомадҳои тантанавӣ ва чорабиниҳои дастаҷамъӣ, инчунин ба мутобиқшавии иҷтимоӣ ва беҳтар шудани фазои психологии гурӯҳ мусоидат мекунанд. Ин чорабиниҳо ба афсарон барои якдигарро беҳтар шинохтан, паст намудани фишори руҳӣ ва барқарор намудани робитаҳои ғайрирасмӣ ѐрӣ мерасонад». [36, с.101]

5. *Арзёбии мутобиқшавӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ.* Арзѐбии мутобиқсозии иҷтимоӣ ва ҳамкории афсарони ҷавон бо истифода аз усули гуногун, аз ҷумла мушоҳидаҳо, саволномаҳо, баҳодиҳии ҳамкорон ва командирон гузаронида мешавад. Инчунин таҳлили иштирок дар чорабиниҳои дастаҷамъӣ, натиҷаҳои санҷишҳои психологӣ ва бозиҳои нақшофариро истифода бурдан мумкин аст, ки ба муайян кардани қобилияти афсарон барои кор дар гурӯҳ, ҳалли низоъҳо ва инчунин қобилияти нигоҳ доштани фазои солим дар ҷузъу томҳо мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, мутобиқсозии иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ дар коллектив меъѐрҳои муҳиме мебошанд, ки муваффақияти мутобиқсозии афсарони ҷавонро муайян мекунанд. Қобилияти кор кардан дар гурӯҳ, таъсис ва нигоҳ доштани муносибатҳои касбӣ ва байнишахсӣ, инчунин муоширати самаранок бо командирон ва зердастон ин ҳама ҷанбаҳо ба ташаккули дастаи муттаҳидшуда, интизомнок ва аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқии устувор мусоидат карда, барои иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои хизматӣ асос мегардад.

**4. Тобоварии руҳӣ-эҳсосотӣ.** Нигоҳ доштани мувозинати равонӣ-эҳсосӣ ва нишондиҳандаҳои баланди қобилияти корӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ муҳим мебошад. Тобоварии равонӣ-эҳсосӣ бо саломатии умумии равонии афсар ва қобилияти ӯ барои посухи муносиб ба мушкилоти дохилӣ ва беруна, ки метавонанд ҳангоми хизмат ба миѐн оянд, зич алоқаманд аст. Меъѐри мазкур тавассути ба назар гирифтани ҷанбаҳои зерин истифода мегардад:

1.*Муайян кардани тобоварии равонӣ-эҳсосӣ*. Тобоварии равонӣ-эҳсосӣ дар қобилияти шахс барои оромона нигоҳ доштани эҳсос ва мувозинати равонӣ дар вазъияти тангии асаб, аз даст надодани қобилияти корӣ ва оқилона қабул кардани қарорҳо зоҳир мешаавад. Барои афсар, махсусан дар шароити хизмат, ки қабули қарорҳои доимӣ, масъулият барои ҳаѐти зердастон ва иҷрои вазифаҳои мураккаб дараҷаи баланди худтанзимкуниро

талаб мекунад, қобилияти идора кардани эҳсос ва душвории касбӣ хусусияти асосӣ барои самаранок кор кардан мегардад.

2. *Муқовимат ба душвории касбӣ ва мутобиқшавӣ ба ҳолатҳои фавқулода.* Дар хизмати ҳарбӣ дучор омадан бо ҳолатҳои мушкил ва фавқулода ногузир аст. Ин ҳам аз сабаби фаъолияти ҷисмонӣ ва ҳам фишори эҳсосӣ-равонӣ рӯй дода метавонад, чунки кор дар шароити омодагии ҷангӣ машқҳои фавқулода ѐ амалиѐти ҳарбӣ дорад. Масалан мутобиқшавӣ ба ҳолатҳои фавқулода маънои онро дорад, ки афсар метавонад худро назорат кунад, бо сарбории ҷисмонӣ ва эҳсосӣ самаранок мубориза барад ва инчунин вазифаҳои худро дар шароите идома диҳад, ки вазъ аз реҷаи муқаррарии корӣ берун аст. Афсар дар лаҳзаҳои хатар ором бошад, нагузорад, ки эҳсоси ӯ ба қарорҳои баровардааш таъсир расонанд ва ба ҳолатҳои тағйирѐбанда бояд зуд ҷавоб диҳад.

3. *Худтанзимкунии эҳсосӣ ва идоракунии ҳолати худ.* Ҷанбаи асосии тобоварии равонӣ-эҳсосӣ худтанзимкунии эҳсосӣ мебошад. Дар ин хусус муҳаққиқ А.В. Зосимовский чунин ибрози андеша менамояд: «Афсар бояд дар ҳар шароити эҳсосӣ худро идора карда, ба самаранокии иҷрои вазифаҳои хизматӣ таъсир расонда тавонад. Ба он дохил мешавад:

- худдорӣ дар ҳолатҳои муноқиша, фишор ѐ ҳамла, вақте ки афсар бояд ором бошад ва қарорҳои мутавозин қабул кунад. Қобилияти мубориза бо зуроварӣ, хашм ва изтироб ва қобилияти нигоҳ доштани объективият дар ҳолатҳои душвор нишондиҳандаи муҳимми камолоти равонӣ-эҳсосӣ мебошад;

- дарки мусбати душвории касбӣ: дар баъзе ҳолатҳо, душвории касбӣ, на танҳо омили манфӣ, балки манбаи ҳавасмандгардонӣ барои нишон додани хусусиятҳои роҳбарӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои баланд буда метавонад». [77, с.24] Афсаре, ки сатҳи баланди тобоварии эҳсосӣ-равонӣ дорад, фишори равониро ҳамчун ангезанда истифода бурда, мушкилотро беҳтар ҳал мекунад ва ба вазъияти тағйирѐбанда зудтар мутобиқ шуда метавонад.

4. Амалҳо дар вақти фишори ҷисмонӣ ва эҳсосӣ. Хизмати афсар аксар вақт бо фаъолияти баланди ҷисмонӣ ва қобилияти дучор шудан ба ҳолатҳои хатарнок è душвории касбӣ алоқаманд аст, ки аз ӯ тобоварии ҷисмонӣ ва омодагии равониро талаб мекунад. Азму иродаи мустаҳками ҷисмонӣ барои тобоварии равонӣ -эҳсосӣ нақши муҳим мебозад, чунки фишори ҷисмонӣ ба ҳолати равонэҳсосӣ таъсири назаррас расонида метавонад.

Афсар бояд ба корҳои гуногун ҷалб карда шавад. Инчунин, аз ӯ иштирок дар амалиѐтҳои ҷангӣ è машқҳои фавқулода, инчунин аз афсар қобилияти назорат кардани эҳсоси худро доштан, то ба ваҳм, тарс ва дигар эҳсосоти харобиовар роҳ надодан талаб карда мешавад. Ин қобилияти нигоҳ доштани руҳияи баланд ва самаранокии кор дар вазъияти номуайяниро дар бар мегирад.

Бӯҳрони равонӣ-эҳсосӣ дар вазъияти фавқулода, ба монанди машқҳо дар амалиѐтҳои ҷангӣ è тамрини фавқулода, ҳамчунон аз афсарон қобилияти назорат кардани эҳсоси худро барои пешгирӣ аз воҳима, тарс è дигар эҳсоси харобиовар доштанашро талаб мекунад. Ин қобилияти нигоҳ доштани руҳияи баланд ва самаранокии амалиѐтиро дар вазъяти номуайян дар бар мегирад.

5. *Арзёбии тобоварии равонӣ-эҳсосӣ.* Барои арзѐбии сатҳи устувории равонӣ - эҳсосии афсар усулҳои зеринро истифода бурдан мумкин аст:

1. Муҳаққиқон Н.П. Фетискин ва Т.И. Миронова чунин қайд менамоянд: «Санҷиши психологӣ яке аз роҳҳои самараноки муайян кардани сатҳи тобоварии душвории касбӣ, камолоти эҳсосӣ ва худидоракунии афсар мебошад. Санҷишҳои махсус, ки ба муайян кардани тамоили душвории касбӣ, изтироб è аксуламалҳои беихтиѐр нигаронида шудаанд, ба муайян кардани он, ки афсар то чӣ андоза ба фишори эҳсосӣ ва равонӣ тоб оварда метавонад, кумак мекунад». [176, с.112]

2. Мушоҳидаҳо дар ҳолатҳои воқеӣ, рафтори афсар дар рафти ҳолатҳои душвории касбӣ (масалан, дар рафти машқҳои ҳарбӣ, ҳолатҳои

муноқишавӣ è дар ҳолати масъулияти баланд), қобилияти посухи зуд ва дуруст, инчунин ба сатҳи худдории худ баҳо додан имкон медиҳад.

3. Усули рушди тобоварии равонэҳсосӣ. Барои беҳтар кардани тобоварии равонӣ-эҳсосии афсарон усули гуногун истифода бурда мешаванд, ба монанди:

- омӯзиши психологӣ ва рушди тобоварии душворииҳ касбӣ, идоракунии эҳсосот ва низоъҳо. Ин машғулиятҳо ба афсарон барои дар ҳолатҳои фавқулода беҳтар омода шудан ва истифодаи фишори равониро ҳамчун манбаи рушди шахсӣ омӯхтан кумак мекунад;

- омодагии ҷисмонӣ, ки на танҳо ба беҳтар шудани шакли ҷисмонӣ, балки баланд бардоштани тобоварии равонӣ ва эҳсосӣ мусоидат мекунад, чунки фаъолияти ҷисмонӣ ба паст кардани сатҳи душворииҳ касбӣ ва беҳтар кардани саломатии умум мусоидат мекунад;

- дастгирии равонӣ дар доираи хизмат, аз ҷумла машварати мунтазам бо психологон, ки ба афсарон дар ҳалли мушкилоти дохилӣ ва нигоҳ доштани тобоварии эҳсосӣ кумак мерасонанд.

Рушди ин хусусият муносибати ҳамаҷонибаро талаб карда, ҳам омӯзиши муқовимат ба душворииҳ касбӣ ва ҳам омодагии равонӣ, дастгирӣ ва назорати рафтори афсаронро дар ҳолатҳои гуногун дар бар мегирад. Самаранокии мутобиқсозии онҳо аз қобилияти нигоҳ доштани мувозинат дар шароити фавқулода ва ҳалли фаврии вазифаҳо вобаста аст, ки сатҳи баланди омодагии онҳоро ба хизмат тасдиқ мекунад.

Нишондиҳандаҳои арзèбии самаранокии мутобиқсозии афсарони ҷавон хусусиятҳои мушаххас ва муайяншаванда буда, ба арзèбии дараҷаи рушди ҳар як меъèр мусоидат мекунад. Ҳамчун нишондиҳандаҳо истифода шуда метавонад:

- натиҷаҳои санҷишҳо ва аттестатсияҳои касбӣ. Ин нишондиҳандаҳо бевосита бо омодагии касбии афсарон алоқаманданд ва ба онҳо сатҳи дониш, малака ва маҳорати онҳоро дар соҳаҳои гуногуни хизмати ҳарбӣ арзèбӣ кардан замина мегузорад. Муҳим он аст, ки ин санҷишҳо на танҳо

омодагии назариявӣ, балки татбиқи амалии донишро дар шароити воқеӣ фаро гиранд;

- омодагии ҷисмонӣ. Ин нишондиҳанда барои арзѐбии омодагии афсарони ҷавон ба фаъолияти ҷисмонии хоси хизмати ҳарбӣ муҳим аст. Онро тавассути санҷишҳои мунтазами ҷисмонӣ, аз қабили давидан, ҷаҳидан, машқҳои истодагарӣ ва қувват муайян кардан мумкин аст;

- натиҷаҳои санҷишҳо ва мушоҳидаҳои психологӣ: тобоварии равонэҳсосӣ, душвории касбӣ ва сатҳи омодагии психологии афсарон тавассути санҷишҳои психологӣ ва мушоҳидаҳо дар ҷараѐни хизмат арзѐбӣ карда метавонанд.

- фаъолияти иҷтимоӣ ва иштирок дар ҳаѐти ҷузъу томҳо нишондиҳанда иштироки афсарро дар чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, варзишӣ ва ҷамъиятӣ дар бар гирифта, ба арзѐбии сатҳи мутобиқи ӯ дар коллектив имкон медиҳад. Дараҷаи баланди фаъолият дар ин чорабиниҳо таъсири мусбати мутобиқшавиро нишон медиҳад.

Барои баҳодиҳии объективии самаранокии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараѐни корҳои тарбиявӣ, якчанд усулро истифода бурдан мумкин аст, ки на танҳо сабти маълумоти миқдорӣ, балки ташхиси сифатии тағироти шахсиро низ имкон медиҳанд, аз ҷумла:

**- саволномаҳо ва пурсишномаҳо**: Саволҳои пурсишнома ба муайян кардани сатҳи қаноатмандии хизмат, дараҷаи мутобиқшавӣ ба коллектив, инчунин таҳлили муқаррароти ахлоқӣ ва маънавӣ равона шуда метавонанд;

**- санҷиши равонӣ-ташхисӣ**: воситаҳои гуногуни равонташхисӣ барои арзѐбии ҳолати равонташхисӣ ва муқовимат ба душвории касбӣ, аз қабили санҷишҳои изтироб, муқовимат ба душвории касбӣ, омодагӣ ба роҳбарӣ истифода мешаванд. Ин санҷишҳо мушкилоти пинҳонӣ дар ҳолати равонэҳсосии афсаронро ошкор намуда, дар ислоҳи онҳо кумак мекунад;

**- назорат**: расму оинҳои коллективӣ ва ғайра барои сатҳи мутобиқсозӣ ва ҳамкорӣ дар коллективро дақиқтар муайян кардан имкон медиҳад;

**- аттестатсия ва ротатсия**: раванди мунтазами аттестатсия ва ивазшавии вазифаи афсарон дар ҷузъу томҳои гуногун, пайгирӣ кардани рушди касбӣ ва тағйироти шахсии онҳоро дар тӯли хизмат имкон медиҳад. Муҳим он аст, ки аттестатсия ҳамаҷониба буда, на танҳо дастовардҳои касбӣ, балки хусусиятҳои шахсӣ, аз қабили кори дастаҷамъӣ, роҳбарӣ, интизом ва қобилияти кор дар ҳолатҳои фишори равониро дар бар гирад;

**- муҳокимаҳои гурӯҳӣ ва бозиҳои нақшӣ**: барои арзѐбии руҳияи гурӯҳӣ ва хусусиятҳои шахсӣ афсарон нақшбозиҳо ва муҳокимаҳои гурӯҳиро истифода бурда, метавонанд вазифаҳои гуногуни тактикиро ҳал ва дар муҳокимаи стратегия ва тактикаҳо иштирок кунанд. Ин чорабиниҳо ба афсари хусусиятҳои роҳбарӣ, қобилияти қабули қарорҳо дар вазъияти душвор ва инчунин сатҳи масъулияти ахлоқиро муайян кардан кумак мерасонанд.

Раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон дар қувваҳои мусаллаҳ қисми ҷудонашавандаи ташаккули касбӣ ва фаъолияти бомуваффақияти онҳо дар шароити душвори хизмати ҳарбӣ мебошад. Ин ҷанбаи калидӣ буда, на танҳо самаранокии иҷрои вазифаҳои хизматӣ, балки тобоварӣ фазои ахлоқӣ-психологиро дар ҷузъу томҳо муайян мекунад, ва дар ин бора дар Консепсияи корҳои сиѐсӣ тарбиявӣ гуфта мешавад: «Корҳои психологӣ дар байни ҳайати шахсӣ баҳри иҷрои вазифаҳои зерин равона карда мешаванд:

- омӯзиши хусусияти инфиродию психологии хизматчиѐни ҳарбӣ;

- гузаронидани омӯзиши ҳолати ахлоқию психологии хизматчиѐни ҳарбӣ бо мақсади таъини дурусти онҳо ба вазифаҳои хизматӣ;

- таҳлили вазъи ахлоқию психологии ҳайати шахсӣ дар раванди корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва омодагии ҷангӣ;

- таъминоти ҳолати психологии ҳайати шахсӣ дар вақти иҷрои вазифаҳои таълимию ҷангӣ, навбатдории ҷангӣ, қаровулӣ, хизмати дохилӣ, бартараф намудани офатҳои табиӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

- пурзӯр намудани корҳои психологӣ дар байни хизматчиѐни ҳарбӣ ва

расонидани кӯмак ба онҳо ва аъзои оилаи онҳо;

- бо роҳи таъсиррасонии психологӣ пешгирӣ намудани вайронкунии интизоми ҳарбӣ» [9].

Дар марҳилаҳои гуногуни хизмат, афсарони ҷавон сатҳҳои гуногуни мутобиқатро нишон дода, қобилияти кор дар гурӯҳ, ҳалли мушкилоти душвории касбӣ ва фавқулода, нигоҳ доштани интизом ва руҳияи баландро дар байни зердастонашон муайян карда метавонанд. Барои бомуваффақият мутобиқ шудан ва узви комилҳуқуқи дастаи ҳарбӣ будан, афсар бояд роҳи муайяни ҳамгироӣ бо коллектив, ташаккули хусусиятҳои касбӣ ва шахсиро, ки ба стандартҳои баланди қуввaҳои мусаллаҳ мувофиқат мекунанд, тай кунад.

Дар ин бахш сатҳҳои асосии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ барарсӣ ёфта, сатҳи баланд, миёна ва пасти мутобиқсозӣ муайян мегардад. Барои ҳар кадоми онҳо хусусиятҳо, омилҳое, ки ба зуҳуроти онҳо таъсир мерасонанд, инчунин оқибатҳои фаъолияти хизматии афсар ва ҳолати умумии коллектив тавсиф карда мешаванд. Сатҳи баланди иҷтимоӣ:

- афсар бомуваффақият ба хизмати ҳарбӣ мутобиқ шуд, пурра ба коллектив ҳамроҳ шуд ва арзишҳо ва меъёрҳои қуввaҳои мусаллаҳро риоя кард;

- ӯ дараҷаи баланди касбият ва камолоти маънавӣ ва ахлоқиро нишон медиҳад, дониш ва малакаи хуб дошта, инчунин оиннома ва анъанаҳоро риоя мекунад;

- афсар дар ҳаёти дастаҷамъӣ фаъолона иштирок карда, ба нигоҳ доштани фазои мусбат дар ҷузъу том мусоидат мекунад ва хислатҳои роҳбариро нишон медиҳад;

- тобоварии равонӣ-эҳсосӣ дар сатҳи баланд: афсар ором ва қобилияти қабули қарорҳоро дар ҳолатҳои фавқулода нигоҳ медорад.

Хусусиятҳо:

- омодагии касбӣ: сатҳи баланди дониш, малака ва маҳорат. Афсар дар имтиҳонҳо ва машқҳо натиҷаҳои хуб нишон дода, ба ҳама гуна мушкилоти хизмат зуд ва дуруст ҷавоб додан омода аст;

- камолоти маънавӣ-ахлоқӣ - дараҷаи баланди масъулият, ватандӯстӣ, интизом ва эҳтиром ба анъанаҳо ва арзишҳои артиш. Вай аҳамияти нақши худро дар ҳимояи Ватан дарк карда, ба хизмати фидокорона омода аст;

- ҳамгироӣ ба коллектив: афсар дар ҳаѐти ҷузъу томҳо фаъолона иштирок мекунад, ӯро ҳам ҳамкорон ва ҳам зердастонаш эҳтиром мекунанд.

Сатҳи миѐнаи иҷтимоӣ:

- афсар дар раванди мутобиқсозӣ натиҷаҳои хуб нишон медиҳад, аммо баъзе ҷанбаҳои ҳамгироии он ба коллектив ѐ иҷрои вазифаҳои хизматӣ ҳанӯз диққат ва такмилро талаб мекунанд;

- ӯ дорои хислатҳои муайяни касбӣ ва ахлоқӣ мебошад, аммо на ҳамеша дар ҳолатҳои душвории касбӣ бо боварӣ амал мекунад, на ҳамеша ба хусусиятҳои хизмат мутобиқ карда шудааст;

- вай меъѐрҳо ва анъанаҳои муқарраршударо риоя мекунад, аммо баъзан, дар муносибатҳои байнишахсӣ бо ҳамкорон ѐ зердастон мушкилот ба миѐн меояд.

Хусусиятҳо:

- тайѐрии касбӣ: афсар аз вазифаи худ хуб огоҳ аст, аммо баъзан, дар ҳалли вазифаҳои ғайристандартӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ мешавад. Вай метавонад дар ҳолатҳои фавқулода ѐ дар ҳолати вазнинӣ мушкилот қарор дошта бошад;

- камолоти маънавӣ- ахлоқӣ: афсар нақши худро дар артиш дарк мекунад, аммо дар баъзе ҳолатҳо дудилагӣ ѐ масъулияти нокифояро метавонад нишон диҳад. Шояд дар баъзе ҷиҳатҳо ӯ бояд барои таҳкими устувории ахлоқии худ кор кунад;

- аз тобоварии равонэҳсосӣ: дар ҳолатҳои тангии асаб, афсар метавонад асабоният ѐ нофаҳмиро нишон диҳад, аммо тадриҷан, назорат кардани эҳсоси худро меомӯзад ва дар вазъияти душвор қарор қабул мекунад.

Сатҳи пасти иҷтимоӣ:

- афсар ҳангоми мутобиқ шудан ба хизмати ҳарбӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ мешавад, ба ӯ ҳамроҳ шудан ба коллектив ва риояи меъѐрҳо ва арзишҳои қувваҳои мусаллаҳ душвор аст;

- ӯ дар иҷрои вазифаҳои касбӣ ва инчунин нигоҳ доштани тобоварии равонӣ ва эҳсосӣ дар ҳолатҳои тангии асаб душворӣ мекашад;

- дар ҳамкорӣ бо ҳамкасбон ва зердастон на ҳамеша муваффақ буда, баъзан афсар дар қабули қарорҳо номуайянӣ зоҳир мекунад, ки самаранокии кори коллективро коҳиш медиҳад.

Хусусиятҳо:

- омодагии касбӣ: афсар тахассуси нокифоя дошта, ба қобилияти ӯ дар ҳалли вазифаҳо дар сатҳи зарурӣ таъсир мерасонад. Вай ба амалҳои худ беэҳтиѐтӣ зоҳир карда, дар иҷрои вазифаҳои асосии корӣ кумак ҷуста метавонад;

- бе камолоти маънавӣ-ахлоқӣ: афсар дар риояи меъѐрҳои маънавӣ ва ахлоқӣ душворӣ мекашад, ки ин дар номувофиқатии рафтор ба анъанаҳои ҳарбӣ, интизоми паст ва инчунин масъулияти нокифоя барои амалҳои худ зоҳир шуда метавонад;

- ҳамгироӣ ба коллектив: афсари ҷавон на ҳамеша бо ҳамкоронаш як забон пайдо мекунад, дар ҳамкорӣ бо зердастон ѐ ҳайати афсарони калон мушкилот дорад. Ин ба муноқишаҳо ба муносибати бади ҳамхизматони ҷузъу томҳо оварда мерасонад;

- бе устувории равонэҳсосӣ: афсар ба асабони ва ҳолати эҳсосӣ муқовимати паст нишон медиҳад, ки ба ваҳм ѐ қабули қарорҳои нокифоя дар ҳолатҳои фавқулода оварда мерасонад. Вай дар қабули қарорҳои фаврӣ ва нигоҳ доштани мувозинати равонӣ-эҳсосӣ мушкилот дорад.

